АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ИҚТИСОДИЁТ ВА ДЕМОГРАФИЯ

Бо ҳуқуқи дастнавис

ВБД: 338.45(575.3)
ТКБ 65.9(2)304 (2 тоҷик)
Р-44

РАҲМОН ЮСУФ АЗИМ

# ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ ИДОРАКУНИИ КОМПЛЕКСИ АВИАТСИОНӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

## ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии
номзади илмҳои иқтисодӣ
аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо

ДУШАНБЕ – 2023

## Мундарича

**Номгӯи ихтисораҳо...................................................................................... 3**

**Муқаддима...................................................................................................... 5**

**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ИДОРАКУНИИ КОМПЛЕКСИ АВИАТСИОНӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР................................................... 15**

1.1. Моҳият ва асосҳои илмии идоракунии комплекси авиатсионӣ................ 15

1.2. Сохтор ва вазифаҳои идоракунии комплекси авиатсионӣ......................... 31

1.3. Принсип ва усулҳои муосири идоракунӣ дар комплекси авиатсионӣ ва имкониятҳои татбиқи он дар Тоҷикистон........................................................ 41

**БОБИ 2. АРЗЁБИИ МЕХАНИЗМИ ИДОРАКУНИИ КОМПЛЕКСИ АВИАТСИОНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН .................................. 57**

2.1. Таҳлили вазъи кунунии механизми идоракунии комплекси авиатсионӣ......................................................................................................... 57

2.2. Омилҳои таъсиррасон ба механизми идоракунии комплекси авиатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон................................................................. 74

2.3. Арзёбии механизм ва имкониятҳои такмили низоми идоракунии комплекси авиатсионӣ......................................................................................... 93

**БОБИ 3. САМТҲОИ АСОСИИ ТАКМИЛИ НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ КОМПЛЕКСИ АВИАТСИОНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН......... 113**

3.1. Тағйирёбии сохтори идоракунии комплекси авиатсионӣ дар шароити муосир............................................................................................................... 113

3.2. Самтҳои асосии такмили низоми идоракунии комплекси авиатсионӣ ва унсурҳои асосии он дар шароити муосир.......................................................... 125

**Хулоса............................................................................................................... 147**

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо............................................... 149**

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА ............................................... 152**

**Феҳристи интишороти довталаб вобаста ба мавзуи таҳқиқот................... 170**

**Номгӯи ихтисораҳо**

ММД – Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ

АБНҲ (IATA) – Ассотсиатсияи байналмилалии нақлиёти ҳавоӣ

ННА - Низоми нақлиёти авиатсионӣ

ИКАО - International Civil Aviation Organization (Созмони байналмилалии авиатсияи гражданӣ)

ХБҲ – Хатҳои байналмилалии ҳавоӣ

НИД - Низомҳои идоракунии даромад аз парвозҳо

ИМА – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

ИДМ – Иттиҳоди давлатҳои мустақил

ММД – Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ

ПБР - Парвозҳои байналмилалии Россия

ИИ - Иттиҳодияи истеҳсолӣ

КВД – Корхонаи воҳиди давлатӣ

АБТ - Автобуси босуръати транзитӣ

ФР – Федератсияи Россия

ҲИМОМ - Ҳамкории иқтисодии минтақавии Осиёи Марказӣ

АБ - автобусҳои босуръат

ФБД – Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе

ФБХ – Фурудгоҳи байналмилалии Хуҷанд

ФББ – Фурудгоҳи байналмилалии Бохтар

ФБК – Фурудгоҳи байналмилалии Кӯлоб

СМР-2030 - Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030

ММКИ (RPK - revenue passenger/kilometers) - миқдори мусофир/километри иҷрошуда

МНЁ - Маркази ноҳиявии ёрирасон

ААИ - андоз аз арзиши иловашуда

НМС - Низоми менеҷменти сифат

НИБП - Низоми идоракунии бехатарии парвозҳо

TCAS - Низоми пешгирии садамаи ҳавопаймоҳо дар ҳаво  (англ. Traffic Collision Avoidance System, TCAS)

EBITDA - Earnings Before Interest, Taxes, Depreciation and Amortization – фоида тарҳи фоизҳо, андозҳо, фарсудашавӣ ва пардохтҳои истеҳлокӣ

JACDEC – Маркази таҳлили иттилоот оид ба садамаҳои ҳавопаймоҳои реактивӣ

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот**. Шароити хоси иқлиму табиати кишвар, кӯҳсор будани қисмати  зиёди он, душворгузар будани роҳҳои кӯҳӣ аз сабаби зуд-зуд такроршавии заминҷунбӣ ва офатҳои табиӣ (фаромадани ярч, тарма, сангрезиш ва ғ.), аз ҷиҳати ҳудудӣ монанд  набудани шароити минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, зарурати ҳалли вазифаҳои давлат дар самти таъмини амнияти ҳарбӣ, иқтисодӣ ва ғайра, рушди комплекси авиатсиониро ба яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа табдил додаанд. Ҳамзамон, дурнамои рушди минтақаҳои душворгузар рушди комплекси мазкурро ҳамчун омили муҳимми рушди минтақаҳои дурдасти кишвар пешбинӣ менамояд.

Имрӯзҳо, сарфи назар аз душвориҳои баамаломада, наметавон аз имкониятҳои  ҷиддии рушди соҳаи мазкур сарфи назар намуд, зеро комплекси авиватсионӣ барои давлат, бидуни шубҳа, аҳамияти стратегӣ дошта, дар сурати такмили механизми идоракунӣ комплекси мазкурро аз вазъи ногувори тӯлкашида раҳо карда, рушди бахшҳои мухталифи онро таъмин кардан мумкин аст. Бинобар ин, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид карданд: «Ба Ҳукумати мамлакат супориш дода мешавад, ки барои тавсеаи имкониятҳои транзитии кишвар, баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасониҳои соҳаи авиатсияи гражданӣ ва таъмин намудани рақобатнокии онҳо ҷиҳати ҷорӣ намудани низоми «Фазои кушод» чораҷӯӣ намояд»[1].

Аз ин рӯ, зарурати рушди нақлиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла комплекси авиатсионӣ, дар ростои амалисозии яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар – раҳоӣ  аз бунбасти коммуникатсионӣ, дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 нигоҳ доштан ва инкишоф додани шабакаи фурудгоҳҳои маҳаллӣ, авиатсияи хурду миёна барои таъмин намудани

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ”, 23 декабри соли 2022. - Душанбе: “Шарқи озод”, 2022. – С.26.

дастрасии сокинони минтақаҳои кишвар ба нақлиёти ҳавоӣ вазифагузорӣ шудааст.[2]

Аз тарафи дигар, бисёр масъалаҳое, ки дар комплекси авиатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳалталаб боқӣ мондаанд, илова ба дигаргуншавии шароити хоҷагидорӣ ва муносибатҳои иқтисодӣ дар соҳа, инчунин, аз номукаммал будани механизми идоракунии комплекси авиатсионии кишвар бармеоянд. Маҳз ҳамин ва дигар мулоҳизаҳои марбут ба зарурати такмили механизми идоракунии комплекси авиатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сабаби интихоби мавзуи таҳқиқот гардида, ҳамзамон аз мубрамии он гувоҳӣ медиҳанд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Масъалаи рушди низоми нақлиёт дар умум ва комплекси авиатсионӣ дар алоҳидагӣ дар асарҳои олимони варзидаи давлатҳои ҳамсоя (аз ҷумла Федератсияи Россия), ба мисли: А.Р. Алексанян, К.Э. Акопян, В.В. Воробев, Е.Д. Герасимова, Г.Н. Гипич, М.С. Громов, С.В. Далетский, О.Я. Деркач, Б.В. Зубков, А.А. Итскович, И.Г. Кирпичев, В.В. Никонов, А.Н. Петров, В.М. Рухлинский, Н.Н. Смирнов, Ю.М. Чинючин, В.С. Шапкин ва дигарон ба таври кофӣ ва муфассал баррасӣ шудаанд.

Миёни олимони Тоҷикистон, ки дар таҳқиқи масъалаҳои комплекси авиатсионӣ саҳми назаррас доранд, чунин олимонро номбар кардан мумкин аст: О. Бобоев, А. Рауфӣ, А.Х. Катаев, Р.К. Раҷабов, П.Д. Хоҷаев, Д.П. Мирзоева, Ф.М. Ҳамроев, К.О. Бобоев, С.Ш. Бегмуродов, С.Х. Самандаров ва дигарон.

Баъзе аз масъалаҳои рушди комплекси авиатсионии ҷумҳурӣ бошад, дар асарҳои М.М. Алибоева, Д.С. Ғафуров, Б.М. Дустматов, Д.П. Мирзоева, Ш.С. Муҳамадов баррасӣ шудаанд.

Дар баробари ин, мушкилоти такмили механизми идоракунии комплекси авиатсионӣ дар шароити баъди бемории COVID-19, консепсия ва механизми амалкунандаи он дар соҳаи муносибатҳои дохилӣ ва байналмиллалии иқтисодӣ пурра баррасӣ нашудаанд.

---

[2] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. - Душанбе: “Шарқи озод”, 2016. – С.9.

Рисолаи мазкур, агарчи ин масъалаҳоро пурра инъикос карда натавонад ҳам, то андозае норасогиҳои мазкурро пурра месозад ва маҳз ба таҳлили аҳамияти идоракунии комплекси авиатсионӣ дар ҳалли масъалаи инфрасохтории ҷумҳурӣ дар замони ҳозира бахшида шудааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Муҳтаво ва муқаррароти диссертатсия дар ростои амалисозии санадҳои барномавии рушд, пеш аз ҳама, дастуру супоришҳои дар Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ” аз 23 декабри соли 2022 дарҷгардида, вазифагузориҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар самти комплекси авиатсионӣ ҷиҳати амалисозии яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар – раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, ҳалли мушкилоте, ки дар маҷмуъ ба соҳаи нақлиёт, аз ҷумла ба комплекси авиатсионии ҷумҳурӣ хосанд ва «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» зикр шудаанд, таҳия ва таълиф гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ** аз омӯзиши механизми идоракунии комплекси авиатсионӣ дар шароити ҳозира ва асосноккунии роҳҳои такмили он иборат мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил гардидан ба ҳадафи диссертатсионӣ вазифаҳои зерин ба миён гузошта шудаанд:

- таҳқиқи асосҳои консептуалӣ ва принсипҳои илмии идоракунии комплекси авиатсионӣ;
- омӯзиши моҳият, сохтор, хусусиятҳои асосӣ ва вазифаҳои комплекси авиатсионӣ дар шароити муосир;
- таҳлили таҷрибаи хориҷии идоракунии комплекси авиатсионӣ ва имкониятҳои татбиқи натиҷаҳои он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- таҳлили марҳилаҳои ташаккулёбӣ ва ҳолати муосири идоракунии комплекси авиатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- таҳқиқи омилҳои таъсиррасон ба механизми идоракунии комплекси авиатсионӣ;

- коркард ва асоснок кардани пешниҳодҳо оид ба такмили механизми идоракунии комплекси авиатсионӣ бо назардошти хусусигардонӣ, азнавсозӣ ва азхудкунии самтҳои нави фаъолияти комплекси авиатсионӣ.

**Объекти таҳқиқот** комплекси авиатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Мавзуи таҳқиқот** механизми идоракунии комплекси авиатсионӣ ва маҷмуи муносибатҳои иқтисодие мебошанд, ки дар раванди идоракунии комплекси мазкур ба вуҷуд меоянд.

**Фарзияи таҳқиқоти диссертатсионӣ** аз он иборат аст, ки омӯзиши назариявии идоракунии комплекси авиатсионӣ арзёбии саҳеҳи механизми идоракуниро имконпазир менамояд ва, он дар навбати худ ба муайян намудани самтҳои асосии такмили низоми идоракунии компекси авиатсионӣ, аз ҷумла роҳҳои таҷдиди сохтории комплекси авиатсионӣ замина мегузорад.

**Асоси назариявии таҳқиқотро** корҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ки ба масъалаҳои идоракунии субъектҳои хоҷагидорӣ, аз ҷумла идоракунии комплекси авиатсионӣ бахшида шудаанд, ташкил медиҳанд. Муқаррароти илмии мактабҳо ва назарияҳои асосии иқтисодӣ оид ба принсипҳои идоракунии субъектҳои муносибатҳои иқтисодӣ, дар ҳамбастагӣ бо таҳлили сатҳи макро- ва микро имконият доданд, ки моҳияти ҳодисаю равандҳо пурратар таҳқиқ гардида, мазмуни категорияҳо ва мафҳумҳои алоҳидаи соҳа ба таври муфассал ошкор карда шаванд..

**Асосҳои методологии таҳқиқотро** корҳои илмие ташкил медиҳанд, ки ба таҳқиқи ҷанбаҳои назариявию методологии омӯзиши механизми идоракунии комплекси авиатсионӣ дар шароити муосир бахшида шудаанд. Дар раванди таҳқиқи мавзуъ чунин усулҳо ҳамчун абстраксияи илмӣ, усулҳои таҳлили сохторӣ-функсионалӣ ва муқоисавӣ, таҳлил ва синтез, индуксия ва дедуксия,

муносибати иқтисодӣ-оморӣ, таърихӣ-мантиқӣ, пурсиши сотсиологӣ ва ғ. истифода шудаанд. Ҳамчун усули асосӣ принсипи муносибати системавӣ интихоб карда шуд, ки тибқи он мантиқи умумии таҳқиқоти диссертатсионӣ сохта шудааст.

**Сарчашмаи маълумот.** Заминаи иттилоотии таҳқиқотро маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раёсатҳои минтақавии он, ахбори Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии идоракунии авиатсияи граждании Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маводи иттилоотию таҳлилии нашрияҳо ва сомонаҳои шабакаи интернетӣ ташкил медиҳанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот**. Таҳқиқоти диссертатсионӣ солҳои 2014-2018 дар Агентии идоракунии авиатсияи граждании Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соли 2019-2022 – дар Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Навгонии таҳқиқоти илмӣ** аз инкишофи муқаррароти назариявию методӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба такмили механизми идоракунии комплекси авиатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи муайян кардани тамоюли ҳолат, ҷараёни инкишоф ва самтҳои минбаъдаи рушди он иборат мебошад.

Унсурҳои асосии дорои **навгонии илмӣ** инҳо мебошанд:

- асосҳои консептуалӣ ва принсипҳои илмии идоракунии комплекси авиатсионӣ таҳқиқ карда шуда, ҷамъбасти назариявӣ ва натиҷагирии адабиёти илмии соҳа сурат гирифта, низоми мукаммали методҳо ва усулҳои таъминкунандаи амалкарди самараноки комплекси авиатсионӣ ироа шудааст;

- моҳият, сохтор, хусусиятҳои асосӣ ва вазифаҳои комплекси авиатсионӣ дар шароити муосир ошкор гардида, хусусиятҳои низоми бавуҷудомадаи идоракунии комплекси авиатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сабабҳои номувофиқатии он ба тамоюлҳои иқтисодиёти муосир ошкор карда шуданд, ки имкон доданд, самтҳои асосии мукаммалгардонии сиёсати давлатӣ дар соҳаи мазкур ба таври мушаххас пешниҳод карда шаванд;

- таҷрибаи хориҷии идоракунии комплекси авиатсионӣ ва имкониятҳои татбиқи натиҷаҳои он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯхта шуда, принсипҳои ташаккулёбӣ ва хусусиятҳои рушди комплекси авиатсионӣ дар раванди ҳамгироии он ба низоми ҷаҳонии нақлиёти ҳавоӣ ва гузариш ба технологияҳои ҷадиди идоракунии захираҳо дар ширкатҳои ҳавоӣ таҳлил карда шудааст;

- марҳилаҳои ташаккулёбӣ ва ҳолати муосири идоракунии комплекси авиатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор гирифта, консепсияи бунёдии низоми омодасозии кадрҳои комплекси авиатсионӣ пешниҳод гардида, аҳамияти танзими давлатии фаъолияти авиатсионӣ, зерсистемаҳои комплекси авиатсионӣ – корхонаҳои таъминоти хӯроки дохили ҳавопаймо, фурудгоҳҳо, комплекси сӯзишворӣ бо назардошти эҳтимолияти бархӯрди манфиатҳои онҳо нишон дода шудааст;

- омилҳои таъсиррасон ба механизми идоракунии комплекси авиатсионӣ ошкор карда шуда, дар ин замина асосҳои методикаи идоракунии комплекси авиатсионӣ дар заминаи назарияи идоракунии сифат ва тавсияҳои нави Созмони байналмилалии авиатсияи гражданӣ (ИКАО) таҳия гардида, модели системавии амалкарди комплекси авиатсионӣ бо назардошти алтернативаи бисёр доштани андозаҳои комплекс ва мураккаб будани алоқамандиҳое, ки ба номуайянии натиҷаҳои ояндабинии тақозо нисбат ба хизматрасонии авиатсионӣ таъсир мерасонанд, таҳия ва пешниҳод шудаанд;

- пешниҳодҳо оид ба такмили механизми идоракунии комплекси авиатсионӣ бо назардошти хусусигардонӣ, азнавсозӣ ва азхудкунии соҳаҳои нави фаъолияти комплекси авиатсионӣ коркард ва асоснок карда шуда, пешниҳодҳо ва тавсияҳо оид ба барномаи модернизатсиякунонии низоми миллии нақлиёти ҳавоӣ, тавсияҳои илман асоснок оид ба баровардан аз ҳолати ногувори иқтисодӣ ва ҷоннок кардани фаъолияти ширкати миллии “Тоҷик Эйр” таҳия ва пешниҳод шуда, маҷмуи тавсияҳо оид ба такмили ҷанбаҳои ҳудудии сиёсати давлатӣ дар комплекси авиатсионӣ ироа ва модели консептуалии ташаккули комплекси авиатсионӣ таҳия ва пешниҳод шудааст, ки имкониятҳои истифодабарии максималии иқтидори фурудгоҳҳо, агентии авиатсияи гражданӣ, ширкатҳои

ҳавопаймоии давлатӣ ва хусусиро дар асоси ҳамоҳангсозӣ ва ҳамгироии фаъолияти онҳо инъикос менамояд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- ворид намудани тавзеҳот ба мазмун ва таҳрири «комплекси авиатсионӣ" дар заминаи ҷамъбасти назариявӣ ва натиҷагирии адабиёти илмии соҳа, таҳқиқи асосҳои консептуалӣ ва принсипҳои илмии идоракунии комплекси авиатсионӣ, ки амалкарди самараноки комплекси таҳқиқшавандаро таъмин мекунанд;

- муайян намудани хусусиятҳои ташаккули комплекси авиатсионӣ, моҳият, сохтор ва вазифаҳои комплекси авиатсионӣ дар шароити муосир, ошкор кардани хусусиятҳои низоми бавуҷудомадаи идоракунии комплекси авиатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сабабҳои номувофиқатии он ба тамоюлҳои иқтисодиёти муосир;

- таҳқиқи принсипҳои ташаккулёбӣ ва хусусиятҳои рушди комплекси авиатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди ҳамгироии он ба низоми ҷаҳонии нақлиёти ҳавоӣ ва гузариш ба технологияҳои ҷадиди идоракунии захираҳо дар ширкатҳои ҳавоӣ дар заминаи истифодабарии таҷрибаи пешқадами хориҷии идоракунии комплекси авиатсионӣ;

- пайгирӣ аз марҳилаҳои ташаккул, ҳолати имрӯзаи идоракунии комплекси авиатсионӣ дар Тоҷикистон, пешниҳоди консепсияи омодасозии кадрҳои комплекси мазкур дар асоси принсипҳои танзими давлатии ширкатҳои ҳавопаймоӣ, фурудгоҳҳо ва дигар зерсохторҳои таркибии комплекси авиатсионӣ;

- омӯзиши омилҳои таъсиррасон ба механизми идоракунии комплекси нақлиёти авиатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, коркарди методикаи идоракунии комплекси авиатсионӣ дар заминаи назарияи идоракунии сифат ва тавсияҳои нави ИКАО;

- таҳия ва такмили асоснокшудаи идоракунии комплекси авиатсионӣ бо назардошти хусусигардонӣ, азнавсозӣ ва азхудкунии соҳаҳои нави фаъолияти комплекси авиатсионӣ дар доираи барномаи модернизатсиякунонии низоми миллии нақлиёти ҳавоӣ, ироаи тавсияҳои илман асоснок оид ба баровардан аз

ҳолати бухронӣ ва ҷоннок кардани фаъолияти ширкати миллии “Тоҷик Эйр” ва маҷмуи тавсияҳо оид ба такмили ҷанбаҳои ҳудудии сиёсати давлатӣ дар комплекси авиатсионӣ.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Пешниҳодоти асоcноккардашуда оид ба такмили идоракунии комплекси нақлиёти авиатсионӣ бо назардошти хусусигардонӣ, азнавсозӣ ва азхудкунии соҳаҳои нави фаъолияти комплекси авиатсионӣ барои таҳқиқи минбаъдаи проблемаҳо, инчунин, такмил додани равандҳои нақлиёти авиатсионӣ хамчун маводи иловагӣ барои такмили идоракунии комплекси нақлиёти авиатсионӣ бо назардошти хусусигардонӣ, азнавсозӣ ва азхудкунии соҳаҳои нави фаъолияти комплекси авиатсионӣ, омилҳое, ки ба инкишофи ин равандҳо халал мерасонанд, истифода шуда метавонад.

Аҳамияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки муқаррароти муайяни тадқиқоти диссертатсионӣ метавонанд дар курсҳои идоракунии комплекси нақлиёти авиатсионӣ, менеҷмент ва маркетинг дар соҳаи авиатсия истифода шаванд. Тавсияҳои амалии дар кор овардашуда ҳангоми таҳия ва татбиқи «Барномаи рушди соҳаи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2025», №165 аз 01.04.2011с мавриди истифода қарор гирифта, пешниҳодҳои мушаххаси муаллиф оид ба такмили механизми идоракунии комплекси нақлиёти авиатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оянда низ метавонанд истифода шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** тавассути гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумот ва кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявию таҷрибавӣ таҳия карда шудаанд. Натиҷаҳои ба даст овардаи муаллиф, ҳамчунин ҷамъбасту хулосаҳои асоснок, тавсияҳои асоснок, имкониятҳои таҳлили назариявию амалиро дар соҳаи идоракунии комплекси нақлиёти авиатсионӣ ва умуман сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат васеъ мекунанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Соҳаи таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 08.00.06.04 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият: б.10.6. Асосҳои назариявӣ-методии идоракунии ташкилот. Таркиби функсионалӣ ва институтсионалии идоракунии ташкилот. Сохтори идоракунии ташкилот. Ҷанбаҳои дарозмуҳлат, миёнамуҳлат ва кӯтоҳмуҳлати идоракунии ташкилот, идоракунии ҷорӣ. Идоракунии ташкилот аз рӯи даврҳои ҳаётии он; б.10.7. Лоиҳакашии низоми идоракунии ташкилот. Идоракунии зернизомҳо ва функсияҳои алоҳидаи он, равандҳо ва захираҳои истеҳсолӣ, дороиҳои ғайримоддӣ (патентҳо, ноу-хау, имиҷ, бренд ва ғ.). Идоракунии лоиҳаҳо, коркарди лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва идоракунии он, идоракунии донишҳо, хавф (риск), сифат, бизнес-равандҳо дар ташкилот. Методология ва методҳои идоракунии инноватсионӣ, низоми инноватсионии корпоративӣ рост меояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Ҳамаи давраҳои иҷрои таҳқиқот бо иштироки бевоситаи унвонҷӯ сурат гирифтааст. Муаллиф мавзӯи таҳқиқотро мустақилона интихоб намуда, муҳиммият, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотро асоснок кардааст ва нақшаи мантиқии иҷрои тадқиқоти диссертатсиониро таҳия намудааст. Инчунин унвонҷӯ мустақилона маводи мавзӯи таҳқиқотиро ҷамъоварӣ карда, онҳоро таркиббандӣ ва коркард намудааст. Унвонҷӯ дар заминаи робитаҳои шабакавӣ оид ба такмили механизмҳои идоракунии комплекси авиатсионӣ бо назардошти хусусигардонӣ, азнавсозӣ ва азхудкунии соҳаҳои нави фаъолияти комплекси авиатсиониро пешниҳод намудааст. Саҳми бевоситаи муаллиф дар такмили идоракунии комплекси авиатсионӣ бо санади татбиқи амалии Агентии идоракунии авиатсияи граждании Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия**. Муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои алоҳидаи таҳқиқот дар як қатор семинарҳо, конфронсҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии илмию амалӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Натиҷаҳои алоҳидаи таҳқиқот дар семинарҳои назариявии шуъбаи “Таҳқиқоти

институтсионали”-и Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон баррасӣ шудаанд (солҳои 2022-2023).

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Оид ба мавзуи диссертатсия муаллиф 7 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар  маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп кардааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва тавсияҳо, рӯйхати адабиёт ва замима иборат мебошад. Ҳаҷми диссертатсия 171 саҳифа буда, 8 ҷадвал, 24 расм, 2 формула ва 160 номгӯйи адабиётро дарбар мегирад.

# БОБИ 1.
# АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ИДОРАКУНИИ КОМПЛЕКСИ АВИАТСИОНӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

## 1.1. Моҳият ва асосҳои илмии идоракунии комплекси авиатсионӣ.

Низоми ягонаи нақлиёти давлатӣ ин маҷмуи чунин унсурҳо мебошад: инфрасохтори нақлиётӣ, корхонаҳои нақлиётӣ, воситаҳои нақлиётӣ ва идоракунии онҳо. Низоми мазкур инкишоф ва фаъолияти ҳамоҳангшудаи тамоми намудҳои нақлиётро таъмин менамояд. Бо мақсади то ҳадди ниҳоии имконпазир қонеъ гардонидани талаботи одамон бо дарназардошти каммасраф будани роҳкиро ва таъмин намудани шароитҳои зарурӣ, он дар худ воситаҳои нақлиёт, объекти нақлиёт ва иншооти дахлдорро муттаҳид месозад.

Низоми нақлиёти авиатсионӣ (ННА) қисми ҷудонашавандаи низоми ягонаи нақлиётии давлатӣ буда, маҷмуи ҳавопаймоҳо ва комплекси иншооти рӯизаминиро дарбар мегирад. Омода ва таъмин намудани парвозҳо, омодагии кормандоне, ки ба истифодабарӣ ва таъмири ҳавопаймоҳо ва воситаҳои рӯизаминӣ машғуланд, қисми таркибии ин низом мебошад.

Низоми нақлиёти авиатсияи гражданиро, ки фарогири низоми ҳайати идоракунии ҳавопаймоҳо, яъне экипажи онҳо, низоми идораи ҳаракати ҳавоӣ, низоми идоракунии масири парвози ҳавопаймоҳо, маҷмуи қоидаҳо ва усулҳои истифодабарии техникии ҳавопаймоҳо ва низоми таъминот аст, дар шакли аёнӣ чунин тасвир кардан мумкин аст (ниг. расми 1.1).

Чуноне аз расм дида мешавад, унсурҳои таркибии низоми нақлиёти авиатсияи гражданӣ дар як муҳити ягона бо ҳамдигар дар иртибот буда, дар маркази қабули қарорҳо баъд аз таҳлили иттилооти беруна ва маълумоти барномавии парвоз қарори дахлдор пазируфта мешавад, вале танзимгарон ва экипажи ҳавопаймоҳо пас аз таҳлили маълумотҳои ҳақиқии парвоз оид ба идоракунии воситаҳои ҳаракати ҳавоӣ қарор қабул мекунанд.




**Расми 1.1. - Низоми нақлиёти авиатсияи гражданӣ дар Тоҷикистон**

**Сарчашма**: таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти таҳқиқшуда

Бинобар ин, омӯзиши моҳият ва асосҳои илмии идоракунии комплекси авиатсионӣ, аз ҷумла таҷрибаи кишварҳои дар ҷодаи авиатсияи гражданӣ пешрафта имкон медиҳад, ки низоми нақлиёти авиатсионии гражданӣ дар Тоҷикистон ва нақши сохтори комплекси авиатсионӣ дар Тоҷикистон чун омили такмилоти механизми идоракунии комплекси авиатсионӣ дар шароити имрӯза арзёбӣ карда шавад ва мавзӯи истифодаи Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта бошад.

Дар навбати худ, ба андешаи мо, комплекси авиатсионӣ, ки объекти таҳқиқоти мо мебошад, – ин сохтори мураккаби техникӣ, ташкилӣ ва иқтисодӣ мебошад, ки барои таъмини талаботи иқтисодии агентон дар хизматрасонии босифат барои ҳамлу нақли бор ва мусофирон пешбинӣ шудааст (ниг. расми 1.2).




**Расми 1.2. - Нақшаи сохтори комплекси авиатсионӣ дар Тоҷикистон**
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти таҳқиқшуда

Чуноне аз расми дар боло манзуршудаи 1.2 бармеояд, комплекси авиатсионӣ ширкатҳои авиатсионӣ ва истеъмолгарони хизматрасониҳои авиатсионӣ, шабакаи фурудгоҳҳо, низоми идоракунии ҳаракати ҳавоӣ, инчунин низоми тайёр кардан ва бозомӯзии кадрҳои нақлиёти ҳавоиро дар бар мегирад.

Корхонаи авиатсионӣ (ширкатҳои ҳавопаймоӣ ё ширкати авиатсионӣ) – ин ташкилоте мебошад, ки ба иҷрои хизматрасониҳои ҳавоӣ, ҳамлу нақли бор ва мусофирон, корҳои авиатсионӣ машғул аст.. Чун қоида, корхонаҳои авиатсионӣ дар асоси иҷозатномаи мақомотҳои давлатӣ фаъолият менамоянд. Аз рӯи ҳаҷм онҳо метавонанд ҳам ширкатҳои хурди ба ҳамлу нақли маҳаллӣ ва ҳам ширкатҳои бузурги байналмилалӣ бошанд. Корхонаи нақлиёти авиатсионӣ метавонад ба байниқитъавӣ, дохилӣ, минтақавӣ ё байналмиллалӣ гурӯҳбандӣ карда шуда ва ҳам гурӯҳбандӣ карда шу чартерӣ анҷом диҳад [3].

Дар ҳама давру замон нақлиёт ҳамчун соҳаи пешбар, муҳаррики муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Рушди нақлиёт дар баробари дигар воситаҳои алоқа на танҳо тараққиёти босуръати фазои географӣ, балки сифатан беҳтар шудани иқтисодиётро ҳам муайян мекунад. Аз ин рӯ, низоми фаъолияти комплекси нақлиётӣ, ҳамчун омили муҳимтарини рушди иқтисодиёт ва тамоми ҷамъият танзим мегардад.

Фаъолияти комплекси авиатсионӣ дар ҳаёти инсонӣ нақши бағоят муҳим бозида, барои рушди ҳаракат ва аз як макон ба макони дигар интиқол ёфтан ва сайр намудани аҳолӣ, бахри некуаҳволии кишвар масъул аст. Ин соҳа бо ҷанбаҳои худ масъулияти баланди марбут ба бехатарии ҳаёти инсонӣ, дар иқтисодиёти ҷаҳони муосир саҳми назаррас дошта, мавриди таваҷҷуҳи хоси илмӣ қарор дорад.

Тавре ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ҳеҷ кишвар, аз ҷумла, кишварҳои дорои захираҳои ғании табиию меҳнатӣ бидуни кадрҳои баландихтисос ва бозори пуриқтидори дохилӣ, иштироки ҳамаҷониба дар муносибатҳои иқтисодиёти байналмилалӣ ва равандҳои ҳамгироии ҷаҳонӣ, самаранок рушд карда наметавонанд.

Ҳангоми интихоби стратегияи рушди иқтисодӣ омилҳои зиёд ба монанди – сатҳи рушди иқтисодиёт, соҳаҳои содиротӣ, содироти диверсификатсионӣ ва дараҷаи роҳандозӣ ба бозорҳои хориҷӣ ба назар гирифта мешаванд. Яке аз

[3] Авиакомпания. – [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://ru.wikipedia.org/wiki/Авиакомпания. кушода, санаи муроҷиат: 23.09.2022.

омилҳои муҳими инфрасохторӣ, ин комплекси нақлиётӣ мебошад, ки ҳамчун ҷузъи меҳварии низоми тақсимоти мол амал мекунад. Тамоюлҳои кунунии рушди иқтисоди ҷаҳонӣ дар шароити либерализатсияи муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ, эҳтимолияти афзоиши минбаъдаи аҳамияти омили нақлиётиро пешакӣ муайян мекунанд.

Дар сатҳи микроиқтисодӣ аҳамияти низоми тақсимоти мол дар мавҷудият ва рушди воситаи тиҷоратӣ - логистика зоҳир мегардад, ки вазифаи асосии он нақлиёти боркашонӣ мебошад[4]. Логистика тавассути воситаҳои нақлиётӣ, тамоми самтҳои ҳаракати ҷузъҳои моддии раванди истеҳсолотро аз истихроҷи ашёи хом то баровардани маҳсулоти тайёр ва ба истеъмолкунандаи ниҳоӣ интиқол додани он дар бар мегирад. Арзиши умумии чунин ҳаракат ба 50% тамоми хароҷот рост меояд[5]. Ин, пеш аз ҳама, аз истифодаи «усули TDC» (total distribution cost) дар амалияи тиҷоратӣ, яъне идоракунӣ ва яклухтнамоии хароҷоти тақсимот вобаста аст. Азбаски корхонаҳои рақобаткунанда қобилияти кам кардани хароҷоти истеҳсолотро дошта, тадриҷан баробар мекунанд, назорати хароҷоти нақлиёт дар ҷои аввал меистад[6].

Комплекси авиатсионӣ дар ҳоли ҳозир барои фаъолияти бомуваффақияти иқтисоди ҷаҳонӣ, рушди минбаъдаи мутаносиби он ва нигоҳ доштани рушди устувори иқтисодӣ ниҳоят муҳим аст. Он имкон медиҳад, ки ҳаракати босуръати сайёри одамон ва молҳо байни қитъаҳои гуногун, ба рушди савдои ҷаҳонӣ ва саноати байналмилалии сайёҳӣ мусоидат намояд. Тақрибан 40% фурӯши маҳсулоти технологияи баланд аз низоми хуб ба роҳ мондашудаи комплекси авиатсионӣ вобаста аст.[7]

---

[4] Акопова Е.С. Мировая экономика и международные экономические отношения [Текст] / Е.С. Акопова, О.Н. Воронкова, Н.Н. Гаврилко. - Р.: Феникс, 2001. – С.18.
[5] Кистанов В.О. Япония в АТР: анатомия экономических и политических отношений [Текст] / В.О. Кистанов. - М.: Восточная литература, 1995. – С.163.
[6] Артамонов Б.В. Конъюнктура мирового рынка воздушных перевозок. Методология изучения, закономерности и проблемы развития [Текст] / Б.В. Артамонов. - М.: Международные отношения, 1986. – 243 с.
[7] Civil aviation and its changing world of work: Issues paper for discussion at the Global Dialogue Forum on the Effects of the Global Economic Crisis on the Civil Aviation Industry, Geneva, 20–22 February 2013 / International Labour Office, Sectoral Activities Department. Geneva, ILO, 2012. – С.5.

Бо равнақ ёфтани соҳаи саёҳату туризм ва тағйири мувофиқи муносибатҳои байналмилалӣ ва ҳавопаймоӣ, арзиши аслии парвоз дар тӯли 40 соли охир тақрибан 60% арзон шуд ва ба ин васила онро барои мардуми бештар дастрас гардонд. Дар ин давра ҳавопаймоҳо 70% аз ҷиҳати энергия сарфакортар ва садои муҳаррикҳояшон 75% пасттар шуд [8]

Соҳаи авиатсияи гражданӣ на он қадар тиҷорати сердаромад аст – аз ҷумла, бо тағйирёбии бозор, ширкатҳо ба хатарҳои зиёд ба монанди: тағйирёбии нархи сӯзишворӣ, қурби асъор, таъсироти беруна ва ғайра дучор мешаванд. Ҳамаи ин ба устувории молиявии ширкатҳои ҳавопаймоӣ ва қобилияти иҷрои уҳдадориҳои худ таъсир мерасонад. Агар ба нишондиҳандаҳои оморӣ назар кунем, метавонем шумораи зиёди ширкатҳои ҳавопаймоиро пайдо намоем, ки дар тӯли 10 соли охир ҳолати муфлисшавиро аз сар гузаронидаанд, ки аксари муфлисшавӣ ҳам барои истеъмолкунандагони маҳсулот ва ҳам барои мақомоти авиатсия ғайричашмдошт аст. Дар навбати худ, даст кашидан аз иҷрои уҳдадориҳо боиси оқибатҳои вазнини низоми соҳавӣ мегардад, ки ба онҳо дохил мешаванд: зарурати хориҷ кардани мусофирон ва маблағгузории нақлиёт, ҳалли масъалаҳои ҳисоббаробаркунӣ бо кредиторон, бо кор таъмин намудани кормандон ва ғайра.

Дар асоси мисолҳои солҳои охир метавон хисороти муфлисшавии ширкатҳои бузурги ҳавопаймоиро дар бозори комплекси авиатсионӣ арзёбӣ кард. Дар соли 2015 яке аз бузургтарин ширкатҳои ҳавопаймоии Россия - Трансаэро муфлис шуд ва уҳдадории иҷронашудаи интиқоли ҳудуди худро дар назди 650 000 мусофир ва 12 000 корманд боқӣ гузошт[9]. Дар соли 2017 ширкати ҳавоии «Вим-Авиа» муфлис шуд, ки ин боиси бозгашти фаврии 39 000 сайёҳон аз хориҷа гардид. Қобили зикр аст, ки то моҳи сентябри соли 2017 «Вим-Авиа» 196,6 ҳазор чипта фурӯхтааст, ки ин яке аз омилҳои муфлисшавии ин ширкат мебошад[10].

---

[8] Брутян М.М. Мировой рынок гражданской авиации: текущее состояние и прогноз развития. - [Захираи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://esj.today/PDF/20ECVN119.pdf, кушода, санаи муроҷиат: 10.02.2022.

[9] Банкротство "Трансаэро". - [Захираи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://www.interfax.ru/story/, кушода, санаи муроҷиат: 04.03.2023.

[10] Все выключено: как банкротились российские авиакомпании. - [Захираи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: РБК:https://www.rbc.ru/photoreport/26/09/2017/542c4701cbb20f-8c0200f26d, кушода, санаи муроҷиат 01.01.2023.

Тақвияти нақши боркашонии ҳавоӣ дар низоми тақсимоти маҳсулот зарурати таҳқиқоти механизми мушаххаси ҳамкории комплекси авиатсионӣ ва савдои ҷаҳонӣ, тақсимоти байналхалқии меҳнат, динамикаи муваққатии фазои истеҳсолотиро ба миён меорад.

Зарурати муносибати дифференсионалӣ дар омӯзиши таъсири комплекси нақлиётӣ дар як минтақаи муайян аз хусусияти объективии мавҷудбудаи иқтисодиёти кишварҳои гуногун шаҳодат медиҳад, ки як қатор талаботро ба сатҳи рушди нақлиёт ташкил дода, қувваи таъсири онро ҳамчун омили ҷойгиршавӣ муайян мекунад.

Рушди авиатсияи граждании бо мақсади ба таври ниҳоии имконпазир қонеъ гардонидани талаботи рӯзафзуни аҳолӣ ва иқтисодиёт ба ҳаракати ҳавоии баландсуръати байналхалқӣ ва дохилии ҷумҳурӣ ба амал бароварда мешавад. Дар баробари ин, таҷрибаи шарикони хориҷии мо ба назар гирифта шуда, комёбиҳои навтарини илму техникаи ҷаҳонӣ истифода бурда мешаванд.

Дар “Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025”[11] мушкилоте, ки дар маҷмуъ ба соҳаи нақлиёт, аз ҷумла, ба комплекси авиатсионии ҷумҳурӣ хосанд, зикр шудааст. Ҳамзамон, дар СМР-2030 дар ин маврид чунин қайд гардидааст: «риоя накардани талаботи стандартҳои байналмиллалии бехатарӣ ва истифодаи намудҳои нақлиёт, ки рушди босуръати корхонаҳои бахши воқеии иқтисодиётро таъмин мекунанд; рушди сусти алоқаи ҳавоии маҳаллӣ ва инфрасохтори заминӣ барои онҳо; маҳдуд будани имкониятҳои буҷети рушди саноат ва дар натиҷа вобастагии он аз маблағгузории беруна дар шароити релефи мураккаби ҷуғрофӣ; дур будан аз роҳҳои баҳрӣ ва долонҳои нақлиётии рушдёфта; арзиши баланди боркашонӣ ва нархномаҳои нақлиётӣ; амалан мавҷуд набудани шабакаи марказҳои нақлиётию логистикӣ; рушди сусти низоми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи нақлиёт… мебошад».[12]

---

[11] Барномаи рушди миёнамуҳлати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025. – Душанбе, 2021. – С. 97-98.

[12] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – Душанбе: “Шарқи озод”, 2016. – С. 62-63.

Дар шароити ҳозира дар авиатсияи граждании ҷумҳурӣ таҳқиқоти такмили механизми иқтисодии идоракунии комплекси авиатсионӣ, ки боркашониро дар авиатсияи байналхалқӣ ва ҳам дар авиатсияи ватанӣ иҷро менамояд, аҳамияти калон дорад.

Мувофиқи маълумоти Ассотсиатсияи байналмилалии нақлиёти ҳавоӣ (IATA), дурнамоӣ шудааст, ки то соли 2030 барои рушди ҷаҳонии инфрасохтори фурудгоҳҳо тақрибан 1,2-1,5 триллион доллар бояд сарф шавад. Таъмини пешрафти соҳа татбиқи лоиҳаҳои бузурги васеъкунии фурудгоҳҳо, баробарии байни рушди иқтисодии объектҳо ва эҳтимолияти истифодаи инфрасохторро бо назардошти талаботи дурнамоишуда талаб менамояд. Имкониятҳои маҳдуди инфрасохтори фурудгоҳҳо ба рушди авиатсияи якчанд мамлакатҳои-шарики Ҳамкории иқтисодии минтақавии Осиёи Марказӣ монеа мешаванд[13].

Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030[14] самтҳои аниқи ҳалли проблемаҳои дар боло зикршударо муайян кардааст:

- истифодаи самараноки захираҳои молиявӣ, аз ҷумла аз ҳисоби сарчашмаҳои ҷалбшудаи хориҷӣ барои бунёди нав ва азнавсозии иншооти мавҷудаи нақлиёт, ки на танҳо эҳтиёҷоти дохилиро ба хизматрасонии нақлиётӣ таъмин мекунанд, балки ҳамгироии иқтисодиёти кишварро ба иқтисоди ҷаҳонӣ суръат мебахшанд;
- ба даст овардани фоидаи ниҳоии имконпазир аз инфрасохтори транзитии трансконтиненталӣ;
- ҳамаҷониба васеъ намудани шабакаи ҳамаи намуди нақлиёт ва сохтани парки нақлиётӣ, оптимизатсияи кори онҳо барои таъмини рушди индустриалию инноватсионии иқтисодиёти миллӣ ва қонеъ гардонидани талаботи инсон;
- таъмини рушди шабакаи марказҳои нақлиётию логистикӣ ва низоми нигоҳдории онҳо мутобиқи талаботи замон.

---

13 Авиация и роль ЦАРЭС / Предварительное исследование, сентябрь 2018г. - Азиатский банк развития, 2018. – С. 9-10.

14 Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – Душанбе: “Шарқи озод”, 2016. – С. 68.

Дар баробари он, зарурати ошкор намудани роҳҳои оптималии асосноккунии равияи илмӣ барои такмили механизми идоракунии боркашонии ҳавоӣ ва идоракунии низомҳои авиатсионӣ дар асоси таҳқиқи комплексии ташаккули ин низомҳои мураккаб пайдо мешавад. Ин инчунин бо тамоюли босуръати рушди сатҳи рақобат байни низомҳои гуногуни авиатсия вобаста мебошад. Ҳамзамон, яке аз самтҳои такмили идоракунии маркетинг вобаста ба тағйироти сифатие, ки дар соҳаи маркетинг ба амал меоянд ва низомҳои мавҷудбуда нақлиёти ҳавоиро маҷбур мекунанд, ки ба тамоюлҳои муосири соҳаи нақлиёт зуд ҷавоб диҳанд.

Дар Тоҷикистон соли 2017 азнавсозии соҳаи авиатсияи граждани гузаронида шуд. Идораи авиатсияи гражданӣ бар дӯши Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шуда буд. Идораи сертификатсия ба департаменти идоракунӣ ва хизматрасонии асосии соҳаи нақлиёт тааллуқ дошт.

Раёсати авиатсияи граждании назди Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи муттаҳид кардани ду раёсат ва ташкили Агентии авиатсияи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сохторҳои нав пешниҳод намуд.

Моҳи декабри соли 2018 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таъсиси Агентии авиатсияи гражданни назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуд. Ба ҳайати агентӣ се шуъба дохил мешуд: сиёсати идоракунӣ; назорат ва сертификатсия; шуъбаи бехатарии авиатсионӣ.

Албатта дар ин раванд зарурати таҳияи низоми пешбурди сиёсат ва қоидаҳои дахлдор дар соҳаи бехатарии ҳаракати ҳавоӣ ба миён меояд. Он имкон медиҳад, ки Тоҷикистон ҳамчун шарики боэътимод ва таъминкунандаи хизматрасонии комплекси авиатсионӣ нуфуз пайдо кунад, ки дар навбати худ метавонад ба таҳким ва рушди бештари муносибатҳои бозорӣ дар Тоҷикистон мусоидат намояд. Татбиқи тағйироти назаррас дар соҳаи авиатсия, ки дар робита ба ташаббусҳои бехатарӣ заруранд, метавонад қабули созишномаҳои коллективиро бо мақсади назорат ва бартараф кардани мушкилот ва тамоюлҳои манфии бавуҷудомада талаб кунад.

Вобаста бар ин, дар маҷмуи тадбирҳои такмили механизми идоракунии низомҳои комплекси авиатсионӣ се қисми асосии тадбирҳоро ҷудо кардан мумкин аст:

1. Ҳамгирой дар низоми ҷаҳонии комплекси авиатсионӣ ва гузариши он ба технологияҳои нави иттилоотӣ барои идоракунии махзанҳои маълумотӣ ва захираҳои низомҳои нақлиёти авиатсионӣ;

2. Муайян намудани равишҳои умумӣ оид ба ҳалли масъалаҳои мушаххас дар асоси рақамикунонии комплексии расмиёти ояндабинии ҳамлу нақл, мониторинги ҳолати молиявӣ ва схемаҳои технологии низомҳои комплекси авиатсионӣ ва ғайра;

3. Беҳтарсозӣ ва интихоби оқилонаи низомҳое, ки ба истифодаи усулҳои умумии қабулшудаи барномасозии математикӣ имкон медиҳанд, ки технологияҳои иттилоотӣ бо назардошти гуногунрангии истифодаи қоидаҳои қабули қарорҳо истифода шаванд.

Дар низоми ҷаҳонии нақлиёти авиатсионӣ айни замон тамоюли возеҳ барои ҳалли мушкилоти мавҷудбуда дар асоси муносибати маҷмуӣ бо назардошти омилҳои зиёди номуайян, ки ба рушди технологияҳои нақлиётӣ[15] барои амалӣ намудани амалиёти ҷорӣ ва стратегӣ ҳамчун як қисми нақшаи дарозмуддати банақшагирии муҳлати фаъолияти ширкатҳои ҳавопаймоӣ ё корпоратсияҳои фаромиллӣ таъсир мерасонанд, мушоҳида карда мешавад.

Дар ин самт тавсияҳои ИКАО муҳимтарин тадбирҳои ташкилӣ мебошанд[16]. Ҳамин тариқ, низоми идоракунии ҳаракати ҳавоӣ бояд бо назардошти меъёрҳои аз ҷониби ИКАО барои таъмини бехатарии парвозҳо қабулшуда сохта шавад[17]. Суръати баланди рушди техникаи авиатсионӣ нисбат ба воситаҳои таъмини бехатарӣ ва мунтазами парвозҳо дар ташкили ҳамлу нақли

---

[15] Логвин А.И. Принятие управленческого решения при многоальтернативном выборе в условиях разнотипных информационных параметров. – [Захираи электронӣ]. - Ҳолати дастрасӣ: www.cyberleninka.ru, кушода, санаи муроҷиат: 10.08.22.

[16] Международные пассажирские и грузовые авиаперевозки. Азия и Тихий океан. Циркуляр ИКАО. - № 201-АТ/79, 1986. – С.5.

[17] ИКАО. Приложение № 13 (Безопасность полётов). - [Захираи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://www.icao.int/airnavigation/documents/ganp-2016-interactive.pdf, кушода санаи муроҷиат: 23.03.22.

ҳавоӣ талаботи зиёд мегузорад ва барои истифодаи фазои ҳавоӣ аз ҷониби ҳамаи истифодабарандагон таъмини баробари ҳуқуқиро талаб менамояд.

Таҷрибаи ҷаҳонии рушди низомҳои комплекси авиатсионӣ бо амиқтар шудани ҳамкории ширкатҳои ҳавопаймоии минтақаҳои гуногуни ҷаҳон хос аст. Пешрафти ширкатҳои авиатсионии байналхалқӣ аз рақобати анъанавии байни низомҳои комплекси авиатсионӣ низоми нави рақобат, рақобати мутамаддинтар ва баландсифатро ташкил намуда рақобат байни ассотсиатсияҳои глобалии низомҳои миллии нақлиёти авиатсионӣ иттифоқҳоро ба вуҷуд меорад. Самаранокии иттифоқҳо бевосита аз вазъи бозори комплекси авиатсионӣ вобаста аст. Аҳамияти тадбирҳо оид ба ҳамгироии низомҳои комплекси авиатсионӣ, ҳамчун посух ба рақобати афзоянда дар бозор, дар зери таъсири омилҳои манфии иқтисодӣ, ки афзоишро маҳдуд мекунанд ё боиси коҳиши ҳаракати ҳавоӣ мешаванд: ин кам шудани талаботи самараноки истеъмолкунандагон ва баланд шудани нархи хизмати комплекси авиатсионӣ аз ҳисоби мунтазам афзудани арзиши захираҳои моддию техникии истеъмолшуда мебошад[18].

Дар баробари ин, чунин равандҳои ҳамгироӣ дар бозори нақлиёти ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қадри кофӣ ҷараён надоранд. Мукаммалии механизмҳои ҳалли ин мушкилот дар шароити бозори муосири нақлиёти ҳавоии Тоҷикистон ба афзоиши самаранокии низоми миллии комплекси авиатсионӣ мусоидат намекунад.

Маҷмуи тадбирҳои такмил ва инкишоф додани механизми идоракунии боркашонии низоми комплекси авиатсионӣ бояд талаботи мамлакатро бо назардошти афзоиши шиддатнокии ҳаракати ҳавоӣ ҳангоми таъмини сатҳи муайяни бехатарии парвозҳо конеъ гардонад. Вобаста ба талаботи баланди самаранокии низоми иҷрои хизматрасонии ҳавоии ҳамлу нақли бор ва мусофирон бояд амалҳои зерин ба анҷом расонида шаванд:

- баланд бардоштани самаранокии ояндабинии тағйироти ҳаҷми ҳаракати ҳавоӣ дар кишвар;

[18] Обзор экономического положения воздушного транспорта и перспективы развития 1988-2010 гг. - Циркуляр ИКАО 222-АТ/ОО. - Монреаль: 2000. – С. 24.

- такмили низоми идоракунии ҳаракати нақлиёт дар асоси ояндабинии равандҳои таҳқиқшаванда бо истифода аз фарзияҳои талабот ба комплекси авиатсионӣ, баланд бардоштани самараи низомҳои идоракунӣ, эътимоднокӣ ва саҳеҳии қарорҳои қабулшуда дар шароити пешгӯинашавандаи тамоюлҳои ҷорӣ ва дарозмуддат;
- истифодаи фазои ҳавоӣ дар шароити оптималии кор аз ҳисоби зиёд кардани масофа ва баландии парвоз ҳангоми сарф кардани сӯзишворӣ ва кам кардани хароҷоти изофӣ барои интиқоли як воҳиди маҳсулоти нақлиётӣ;
- таъмини истифодаи иқтисодии сарфакоронаи инфрасохтори заминӣ, кам кардани мухлати нигоҳдорӣ дар давраҳои гуногуни фаъолият ва истифодаи технологияҳои оптималии комплекси авиатсионӣ.

Мушкилоти асосӣ дар он аст, ки низомҳои миллии комплекси авиатсионӣ ҳамаи хизматрасониро самаранок идора намекунанд ва барои баланд бардоштани рақобатпазирӣ, аз имкониятҳои бозори ҳамлу нақли ҳавоӣ, ки ҳам тамоми мусофирон ва ҳам борҳоеро дар бар мегирад, ки аз ҷониби ширкатҳои маҳаллӣ ва дохилии Тоҷикистон ворид ва ё хориҷ мешаванд, пурра истифода намебаранд, дар ин ҳолат истифодаи низомҳои нақлиёти ҳавоии хориҷӣ, мунтазам меафзояд.

Дар баробари ин, низомҳои авиатсияи маҳаллӣ ба таҳлил ва пешгӯии талабот дар сегментҳои бозори истеъмолӣ, ба идоракунии маҳсулоти тафриқашаванда бо назардошти хусусиятҳои талабот аҳамияти кофӣ намедиҳанд, равишҳои анъанавии сегментатсияи бозорро дар таҳияи стандартҳои намудҳои хизматрасонӣ истифода мебаранд.

Дар робита ба ин, мушкилоти ҷиддии арзёбии ҷолибияти бозории низоми комплекси авиатсионӣ вуҷуд дорад. Нишондиҳандаи ҷудонашавандаи ҷолибияти бозории ширкати ҳавопаймоӣ бояд арзёбии иқтидори бозорро барои афзоиш, сатҳи рушди муҳити бозор ва рақобатро дар минтақаи парвози ширкати ҳавопаймоӣ инъикос намояд.

Дар асоси таҳқиқи хусусиятҳои минтақавии талабот ба хатсайри ояндадори ширкати ҳавопаймоӣ дар заминаи сегментҳои бозори истеъмолӣ, ки ташкили

пешниҳоди оптималӣ аз нуқтаи назари маҷмуӣ ва сифати хизматрасонӣ, ки аз маҳсулоти стандартӣ фарқ кунад, зарур аст. Барои ҳалли ин мушкилот усулҳои маркетингии ташаккули номгӯйи савдоро метавон истифода бурд, ки онҳо дар корхонаҳои истеҳсолӣ ва дар соҳаи савдо бомуваффақият истифода мешаванд.

Дар баробари ин, зарур аст, ки масъалаҳои зерин ба инобат гирифта шаванд:

- баҳисобгирии нокифояи ҳаҷми ҳаракат ва хусусиятҳои талаботи мусофирони транзитӣ дар хатсайри ҳавоӣ;
- ба таври кофӣ ба назар нагирифтани хусусияти мавсимии боркашонии ҳавоӣ дар хатсайри ҳавоӣ;
- сатҳи пасти эътимоди ширкатҳои ҳавопаймоии миллӣ ба шарикони эҳтимолии худ ва дар натиҷа - майл надоштан ба ҳамкории дарозмуддат ва наздик;
- мавҷуд набудани омодагии махсуси мақсадноки ширкатҳои ҳавопаймоӣ барои шомил шудан ба иттиҳод, ки боиси фосилаи байни интизориҳо ва натиҷаҳои воқеии фаъолияти ширкатҳои ҳавопаймоӣ дар иттиҳод мегардад.

Аз ин лиҳоз, комплекси нақлиёти ҳавоии ҷумҳуриро ҳамчун унсури муҳиме баррасӣ кардан лозим аст, ки кори иловагиро барои таҳияи шароити барои ҳамдигар қобили қабули дастрасии таъминкунандагон ба бозори маҳаллӣ тақозо менамояд, ки пайдоиши дурнамои нави бозорро таъмин намуда, вазъи мавҷударо дар бозорҳои дохилӣ ва байналмилалӣ беҳтар мекунад. Ва ин, дар навбати худ, «барои ба кишвари транзитӣ табдил ёфтани Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти ҳалкунанда дошта, ба афзоиши содироти маҳсулоти ватанӣ», бо «мутобиқ намудани... ҳаво ва тамоми намудҳои нақлиёт... ба талаботи стандартҳои байналхалқӣ бо мақсади тезонидани рушди корхонаҳои саноатӣ»[19] мусоидат мекунад.

Асосҳои илмии идораи комплекси авиатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки авиатсия ба рушди иктисодиёти ҷаҳон таъсири калон расонда, ба пурзӯр

[19] Барномаи рушди миёнамуҳлати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025. – Душанбе, 2021. –С. 97-98.

гардидани фаъолияти соҳибкорӣ, тезонидани ҷараёни корҳо мусоидат мекунад. Созмони байналмилалии авиатсияи граждании (ИКАО) ҳисоб кардааст, ки барои ҳар 100 доллар барои комплекси авиатсионӣ сарфшуда 325 доллар фоидаи иқтисодӣ ба даст меояд ва ба ҳар 100 ҷойи иловагии авиатсияи гражданӣ 610 ҷойи нави корӣ дар бахшҳои мухталифи иқтисодиёт барои доираи васеи касбҳо ба вуҷуд меояд[20]. Дар баробари ин худи авиатсия барои мутахассисони соҳибкасб бевосита шумораи хеле зиёди ҷойҳои кориро таъмин мекунад.

Комплекси авиатсионӣ дар кашондани на танҳо одамон, балки борҳо ҳам аҳамияти калон дорад. Нархи арзиши аслии боркашонии дар комплекси авиатсионӣ ба 35 фоизи нархи тамоми молҳои савдои ҷаҳонӣ баробар аст, ҳол он ки ҳиссаи онҳо ҳамагӣ ним фоизи ҳаҷми умумии молҳоро ташкил медиҳад[21]. Аз ин хулоса баровардан мумкин аст, ки бо ёрии комплекси авиатсионӣ махсусан борҳои қиматбаҳо ва гаронбаҳо кашонда мешаванд.

Манфиатҳои дигар ба иқтисоди ҷаҳонӣ аз комплекси авиатсионӣ ба қобилияти парвоз ба ҷойҳои дурдаст ва дастнорас, ба монанди баъзе кишварҳои ҷазиравӣ марбутанд. Илова бар ин, авиатсия ба рушди соҳаҳои муҳими хизматрасонӣ, аз қабили тандурустӣ, маориф ва хизматрасонии почта мусоидат мекунад. Инчунин тавассути авиатсия имкон пайдо шуд, ки ёрии таъҷилӣ ва башардӯстона ба минтақаҳои алоҳида, масалан, ба минтақаҳое, ки аз ягон офати табиӣ зарар дидаанд, зуд расонида шавад. Ниҳоят, авиатсия имкон медиҳад, ки маълумот барои тадқиқоти илмӣ ва хадамоти метеорологӣ ҷамъоварӣ карда шавад. Ба ин муносибат истилоҳи махсус - истифода бурдани авиатсия дар хоҷагии халқ, яъне истифодаи комплекси авиатсионӣ барои ҳалли баъзе вазифаҳои муҳимми эҳтиёҷоти хоҷагии халқ, вуҷуд дорад.

Бо мурури замон аҳамият ва нақши комплекси авиатсионӣ дар рушди иқтисоди ҷаҳонӣ боз ҳам бештар мешавад, аз ин рӯ зарур аст, ки дар оянда

---

20 ICAO. 2016-2030 Global Air Navigation Plan. - [Захираи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://www.icao.int/airnavigation/documents/ganp-2016-interactive.pdf., кушода, санаи муроҷиат: 08.08.2022.

21 ATAG. Aviation Benefits Beyond Borders. - [Захираи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: http://aviationbenefits.org/media/149668/abbb2016_full_a4_web.pdf., кушода, санаи муроҷиат: 08.08.2022.

зарурати ҳавопаймоҳои навъҳои гуногунро барои эҳтиёҷоти иқтисодиёт сари вақт пешгӯӣ намуда, робитаи байни афзоиши ММД ва афзоиши ҳаракати ҳавоиро омӯзанд.

Талабот ба ҳамлу нақли ҳавоӣ зуд-зуд тағйирёбанда аст, ки бо даврият, мавсимӣ будан ва ноустувор будани он тавсиф мешавад. Дар байни омилҳое, ки ба ҳаракати ҳавоӣ таъсир мерасонанд, ба ҷуз қимати худи чиптаҳо, маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, афзоиши аҳолӣ, сатҳи суботи сиёсӣ, ҳаҷми миёнаи маблағе, ки мардум барои фароғат ҷудо мекунанд ва мавҷудияти бозори комплекси авиатсионӣ таъсиргузор мебошанд. Сафарҳои соҳибкорон бо нияти тиҷорат махсусан ба тағйиротҳои гуногун ҳассос аст, ки ба даромади ширкатҳои ҳавопаймоӣ таъсири хеле калон мерасонанд.

Аслан, тамоми даромади ширкатҳои ҳавопаймоӣ аз фурӯши ҷойҳои нишаст вобаста аст ва ин омил сайёҳии ҳавоиро ба як тиҷорати хавфаш баланд табдил медиҳад, ки нисбат ба бухронҳои беруна хеле осебпазир аст. Ширкатҳои ҳавопаймоӣ аз гардиши муътадили пули нақд вобастаанд ва ҳатто дар солҳои хуби бидуни бухрон онҳо танҳо даромаднокии маҳдуд нишон медиҳанд. Тибқи омори пешниҳоднамудаи Созмони байналмилалии нақлиёти ҳавоӣ оид ба фаъолияти молиявии ширкатҳои ҳавопаймоии ҷаҳонӣ дар солҳои гуногун, комплекси авиатсионӣ соҳаи даромадаш начандон баланд маҳсуб мeёбад[22].

Барои ченкунии афзоиши ҳаракати ҳавоӣ дар комплекси авиатсионӣ нишондиҳандаи RPK (revenue passenger/kilometers), яъне миқдори мусофир/километри иҷрошуда (ММКИ) истифода мешавад. Нишондиҳандаи ММКИ миқдори километрҳоеро нишон медиҳад, ки бо комплекси авиатсионӣ тай карда шуда, аз ҷониби мусофирон пардохт шудааст. Алгоритми ҳисобкунии нишондиҳандаи мазкур хеле оддӣ буда, аз таносуби шумораи мусофирони чиптаи ҳавопайморо харидорикарда ба дарозии масофаи тайкардаи онҳо тавассути комплекси авиатсионӣ ташкил меёбад. Масалан, ҳавопаймои дорои

[22] IATA Airline Industry Economic Performance. - [Захираи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://www.iata.org/whatwedo/Documents/economics/Central-forecast-end-year-2016-tables.pdf., кушода, санаи муроҷиат 15.08.21.

200 ҷойи нишасти чиптааш фурӯхташуда, ки ба масофаи 550 км парвоз мекунад, 110 ҳазор ММКИ-ро ҳосил мекунад[23].

Пешгӯии тағйироти ҷаҳонии ғунҷоиши (ҳаҷми) ҳаҷми бозори авиатсия чунин аст, ки он 333,96 миллиард доллар дар соли 2023 ташкил медиҳад ва то 386,21 миллиард доллар дар соли 2028 афзоиш менамояд[24]. Албатта, ба чунин тағйирот ҳодисаҳои фавқулодда таъсир мерасонад. Масалан, Пандемияи COVID-19 ба бозори авиатсия аз бисёр ҷиҳат таъсири манфӣ расонидааст ва он метавонад ба раванди нишондодашуда тағйироти ҷиддӣ ворид намояд[25].

Баъзе муаллифон бар ин назаранд, ки ММД омили асосии талабот ба сафарҳои ҳавоӣ мебошад. Муаллифони дигар мутмаинанд, ки инфрасохтори беҳтари комплекси авиатсионӣ боиси афзоиши мусофирон мегардад ва мутаносибан ба афзоиши ММД таъсир мерасонад. Муаллифони гурӯҳи сеюм ҷонибдорони ҳарду мавқеъ мебошанд, ба ибораи дигар, онҳо мавҷудияти робитаи дутарафаи байни ММД ва ММКИ-ро эътироф мекунанд.

Аммо, ба назар чунин мерасад, ки нишондиҳандаи ММД бояд ҳамчунон муҳимтар дониста шавад, зеро он арзиши бозории тамоми молҳо ва хизматрасониҳои ниҳоии дар як сол истеҳсолшавандаро на танҳо дар соҳаи авиатсияи гражданӣ, балки дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт, инъикос мекунад. Аз ин рӯ, таъсири инфрасохтори беҳтари авиатсия метавонад ба афзоиши ММД танҳо таъсири ночиз дошта бошад.

Тибқи пешгӯии Корпоратсияи рушди авиатсияи Ҷопон, дар давраи миёнамуҳлат ва дарозмуддат (то соли 2035) ММД-и ҷаҳон ба ҳисоби миёна 2,9% афзоиш хоҳад ёфт[26]. Дар ин сурат афзоиши ММКИ дар як сол ба ҳисоби миёна

---

23 Брутян М.М. Мировой рынок гражданской авиации: текущее состояние и прогноз развития [Текст] / М.М. Брутян // Вестник Евразийской науки. – 2019. - №1. - Том 11. - С.8.

24 Анализ авиационного рынка, доля и рост - Обзор отрасли. - [Захираи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: www.mordorintelligence.com., кушода, санаи муроҷиат: 20.09.2023

25 Анализ авиационного рынка, доля и рост - Обзор отрасли. - [Захираи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: www.mordorintelligence.com., кушода, санаи муроҷиат: 20.09.2022

26 Japan Aircraft Development Corporation. Worldwide Market Forecast 2016-2035. - [Захираи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: http://www.jadc.jp/en/data/forecast/., кушода, санаи муроҷиат: 26.06.2023.

4,7 фоизро ташкил медиҳад. Интизор меравад, ки омилҳои асосии рушди иқтисоди ҷаҳонӣ Ҷумҳурии халқии Чин, Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ва Ховари Миёна бошанд. Дар баробари ин, дар сурати мавҷуд набудани буҳронҳои ҷиддии иқтисодӣ, ба мисли буҳрони ҷаҳонии молиявии солҳои 2008-2009, инҳирофи стандартии ин ду нишондод дар интихоб то соли 2035 паст хоҳад буд. Вале дар робита ба инояндабинӣ бояд гуфт, ки пандемияи COVID-19 дар солҳои 2019-2020 ва ҳаводиси охири марбут ба ташаннуҷи авзои сиёсии ҷаҳон дар асари ихтилофи ҳарбии Россия ва Украина, ҳисобҳои Корпоратсияи рушди авиатсияи Ҷопон ҷиддан тасҳеҳ хоҳанд шуд.

**Хулосаи зербоби 1.1:**

1. Бо рушди иқтисод ва ҷомеа аҳамият ва нақши комплекси авиатсионӣ дар рушди иқтисоди ҷаҳонӣ тағйир меёбад ва он ҳамчун яке аз омилҳои асосии рушд арзёбӣ карда мешавад. Дар рушди бозори комплекси авиатсионӣ пешгӯии талабот ба ҳавопаймоҳои нав то санаи муайян муҳим аст. Барои тартиб додани чунин пешгӯиҳо донистани суръати бекор гардидани ҳавопаймои кӯҳна ва фарсудашуда, суръати афзоиши миёнаи солонаи пешбинишудаи афзоиши талабот ба парвози ҳавоӣ, тағйир ёфтани коэффитсиенти ишғоли ҷойи нишасти мусофирон ва коэффитсиенти боркашонӣ зарур аст.

2. Омӯзиши моҳият ва асосҳои илмии идоракунии комплекси авиатсионӣ, аз ҷумла таҷрибаи кишварҳои пешрафта имкон додааст, ки низоми нақлиёти авиатсионии гражданӣ дар Тоҷикистон тибқи талаботи муосир ва нақшаи сохтори комплекси авиатсионӣ дар Тоҷикистон чун омили такмилоти механизми идоракунии комплекси авиатсионӣ дар шароити имрӯза таҳия карда шуда, барои баррасӣ ва истифодаи Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

## 1.2. Сохтор ва вазифаҳои идоракунии комплекси авиатсионӣ.

Омилҳое, ки боиси болоравии рақобатпазирии ширкатҳои ҳавопаймоӣ мешаванду дар бозори пешниҳодҳои комплекси авиатсионӣ ба онҳо таваҷҷуҳи хоса дода мешаванд инҳо мебошанд:

- пешрафти техникӣ ва маблағгузориҳои вобаста ба ташаккули дороиҳои моддию ғайримоддӣ;

- вазъи бозор ва хусусиятҳои муҳити рақобат;

- байналмиллаликунонии бозорҳои комплекси авиатсионӣ ва хусусияти оммавии рақобат.

Ҷорӣ намудани техника ва технологияи нави авиатсионӣ барои ташкил ва идоракунии сохтори низомҳои нақлиёти истеҳсолӣ бо мутобиқати он ба талабои муоир шарти зарурии пешрафти он мебошад.

Дар меъёрҳои пешрафта оид ба истифодаи технология, нофаҳмиҳо ва хатари марбут ба истифодаи онҳо барои ширкати ҳавопаймоӣ ангезаи қавӣ барои бозсозӣ дар шакли якҷояшавӣ ва харид, хариди саҳмияҳои моликияти дигар аъзоёни бозор ба ширкатҳои ҳавопаймоӣ имкон медиҳад технологияҳои нав ва усулҳои нави истеҳсолиро самараноктар истифода баранд.

Намудҳои бозорҳои саноатӣ, чунон ки маълум аст, аз рӯйи хусусиятҳои муҳити рақобатӣ (рақобати комил, монополия, олигополия ва рақобати монополистӣ) фарқ мекунанд. Дар навбати худ, тафовут дар сохтори бозорҳо хусусияти якҷояшавӣ ва таъсири мутақобилаи рақобат ва ҳамкории ширкатҳои ҳавопаймоии алоҳида - аъзоёни бозорро муайян мекунанд. Татбиқи "консепсияи занҷираҳои истеҳсолӣ" тамоми амалиётҳо барои эҷоди арзиши иловашуда - аз фурӯши чиптаи ҳавопаймо то интиқоли маҳсулоти тайёр (мусофир, бор) ва хизматрасонии минбаъдаи он - занҷираи пайвандҳои истеҳсолиро дар бар мегирад. Аз ин бармеояд, ки ширкатҳои ҳавопаймоӣ тамоми имкониятҳоро доранд фаъолияти шарикиро байни худ ҷорӣ кунанд, ки ба ҳар як аъзо имкон медиҳад, ки аз эҳтимолият ва малакаҳои аслии дигарон, ки дар ҳамкорӣ ва ҳамгироӣ иштирок мекунанд, баҳра баранд.

Ҳамзамон, робитаҳои тозаи ташкили натиҷаи ҳамоҳангсозӣ навоварона ҳисобида мешаванд ва роҳро барои рақобати шадидтар мекушоянд. Дар ин маврид таҷдиди сохтори ширкатҳои ҳавопаймоиро, масалан, дар шакли ташкили ассотсиатсияҳои амудӣ ё уфуқӣ метавон ҳамчун воситаи ҳамоҳангсозии амалҳои аъзоёни бозори авиатсионӣ баррасӣ кард.

Барои такмили сохтор ва вазифаҳои идоракунии комплекси авиатсионӣ марҳилаҳои ташаккулёбии истеҳсолоти ҷориро дар авиатсияи гражданӣ таҳқиқ намудан зарур аст. Яъне, бе муайян кардани марҳилаҳои ташаккулёбии истеҳсолоти ҷорӣ дар авиатсияи гражданӣ ва ҷалби таваҷҷӯҳи махсуси муттахассисони соҳа такмили сохтор ва вазифаҳои идоракунӣ дар комплекси авиатсионӣ ғайриимкон мебошад.

Раванди истеҳсолии ҷорӣ дар авиатсияи гражданӣ мисли дигар зерсоҳаҳои нақлиёт 3 марҳилаи ташаккулёбиро дар бар мегирад (расми 1.3).




**Расми 1.3. - Марҳилаҳои ташаккулёбии раванди истеҳсолии ҷорӣ дар авиатсияи гражданӣ:**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Дарвоқеъ, қайд намудан зарур аст, ки байналмиллаликунонии истеҳсолот, масалан, ба истилоҳ "васеъ кардани коргоҳи истеҳсолӣ", яъне ба ҷойҳои фурӯши маҳсулот интиқол додани як қисми раванди истеҳсолот оварда мерасонад.

Дар ин ҳолат, хулоса ба 2 марҳилаи охирин мегузарад, вақте ки гурӯҳҳои фурӯши ширкати аввал дар бозори "берунӣ" ва баъдан бо ба даст овардани макони таблиғотӣ ва иншооти истеҳсолии шахсӣ ташкил карда мешаванд.

Ҷаҳонишавии истеҳсолот ва иқтисодиёт ба ин низом пайвастшавии марҳилаи 1-уми звенои истеҳсолиро босуръат идома медиҳад, ки ин маънои таъминоти моддию техникӣ, ки дар ҳақиқат ба ташаккули истеҳсолоти дохилӣ (маҳаллӣ) бештар пайваст кардани захираҳои берунӣ (байналхалқӣ) дахл дорад.

Дар натиҷаи байналхалқӣ кардани истеҳсолот ва ҷаҳонишавии вазифаҳои дохилӣ ба вусъати бозор аз ҷониби ширкатҳо назорат карда мешавад. Барои ба ин мақсад расидан стратегияи "танҳо пеш рафтан"-ро иваз кардан лозим меояд, ки ширкатҳои ҳавопаймоӣ дар солҳои пеш истифода мебурданд.

Дар мади аввал, реинжениринг, ё ин ки дигаргунсозии заминаи иттилоотӣ ва технологии ташкил намудани идоракунӣ мебошад. Реинжениринг дар худ усулҳои барқарорсозии ҳамаҷонибаи ширкатҳои ҳавопаймоӣ, инчунин ҳамоҳангсозии идоракуниро бо фарогирӣ ва азнавташкилдиҳии ҳама ҷузъҳо бидуни истисно, ки низоми ҳавасмандкунии инсонро дар бар мегирад, муттаҳид кардааст.

Дар ин раванд, амалҳое баррасӣ карда мешаванд, ки бо афзоиши ҳосилнокӣ, кам кардани ҳаҷм ва оптимизатсияи субъектҳои хоҷагидорӣ, иқтидори сохторҳои матритсавӣ, ки дастурҳои хатӣ ва барномавиро органикӣ муттаҳид сохта қобилияти кори коллективҳоро ҳавасманд мекунанд. Ин маънои азнавсозиро бо мақсаду усулҳои аниқ муайяншуда дорад.

Дар ин ҳолат, дастгоҳи идоракунӣ барои азхудкунии бозор тавассути санҷиши иқтидори худ танзим карда мешавад, ширкат таклифҳои авиатсиониро амалӣ намуда, усулҳои пешбурди фурӯшро интихоб ва рақобатпазирии ширкатҳои ҳавопаймоиро таъмин менамояд.

Дувум, консепсияи бозорҳои дохилии ҳавопаймоӣ ё бозорҳои ташкилӣ мебошанд. Дар ин ҷо сухан дар бораи интиқоли қонуниятҳо ва асосҳои фаъолияти иқтисоди бозаргонӣ дар кори дохилии ширкати авиатсионӣ мебошад.

Тибқи принсипи ҷубронпулӣ ва баробарӣ дар "мубодилаи" пешниҳодҳо ва "мустаҳкам кардани" амалиёт, бозорҳои ташкилӣ қариб ҳама намуди хароҷотро босуръат коҳиш дода, ба даромаднокии сохторҳои иерархӣ, амудӣ ва уфуқӣ,

ҷустуҷӯи муносибатҳои фоидаовар байни ширкатҳои ҳавопаймоии калон ва хурд таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд.

Мутобиқи ин консепсия, дастаҳое, ки аз дохили ширкатҳои ҳавопаймоӣ озодии молиявӣ доранд, эҳтимолияти тағйиротро дар пешниҳодҳои комплекси авиатсионӣ, пешниҳоди таклифҳо, дар тамоми низоми муносибат бо харидоронро кафолат медиҳанд.

Дар заминаи ин консепсияи «ташкилотҳои шабакавӣ» бо пайвандҳои мустақили тақсимот (бо ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ) ташкил карда мешаванд, ки номи ширкатҳои виртуалиро гирифтаанд. Ин ба консепсияи рушдёбанда, ё «корпоратсияи демократӣ» дахл дорад, ки ҳоло ҳам инкишоф ёфта истодааст ва он ғайримарказикунонии идоракуниро дар як вақт вусъат дода, тарзу усулҳои шаклҳои демократӣ ва фаъолияти унсурҳои алоҳидаро таъмин менамояд.

Сеюм, доктринаи иттифоқҳо ё шаклҳои ассотсиативии созмони идоракунӣ. Равандҳои интегратсионӣ дар идоракунӣ ба татбиқи самараноки ҳамаи намудҳои захираҳо (пеш аз ҳама илмию техникӣ, сармоягузорӣ, молиявӣ) бештар нигаронида шудаанд, ки боиси пайдоиши шаклҳои гуногуни иттиҳодияҳои амудӣ ва уфуқии ташкилотҳо мегардад.

Иттиҳодҳо ба қабули қарорҳои сиёсӣ оиди рафтор дар бозор мусоидат менамоянд, зеро аъзоёни онҳо таъсири худро ҳамоҳанг мекунанд ва аз дастовардҳои шахсӣ ва кӯтоҳмуддат худдорӣ намуда ба манфиатҳои умумии дарозмуддат афзалият медиҳанд.

Дар заминаи ташаккули иттифоқҳо шартҳое вуҷуд доранд, ки калиди асосии онҳо инҳоянд:

1. Сарфаи хароҷоти муомилот. Дар асарҳояш Коуз Р. [27] далел меорад, ки ширкатҳое, ки интихобан қарор қабул мекунанд, бояд аъзои иттифоқҳои стратегӣ бошанд. Зарур аст, ки онҳо талафоти муомилоти марбут ба мубодилаи бозорро ба назар гирифта, як ширкати бузурги мустақим ташкил кунанд.

---

[27] Ридер к базовому курсу ИЭ. - [Захираи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://studfile.net/preview/4341478/page:13/., кушода, санаи муроҷиат: 08.08.2023.

2. Дастрасӣ ба донишҳои тоза ё ноу-хау. Дар ин маврид иттифоқ ҳамчун ширкати барои дастрасӣ ба захираҳои нав амал мекунад.

Дар ҳолате, ки ширкат ба дастрасии захираҳои эҳтимолии шарики худ ҳавасманд аст, ҳиссаи он на чандон бузург мебошад, ва барои кам кардани талафоти худ дар рафти идоракунии захираҳо ҳангоми якҷояшавӣ ё азхудкунӣ бояд иттиҳодияро интихоб намояд.

3. Бо мақсади нигоҳдории захираҳои худ, ки маҳз дар ин лаҳза истифодаи онҳо муфид нест. Ширкат чунин норасоиро бо усули омезиши захираҳои худӣ бо захираҳои шарик пурра менамояд. Барои он, ки ин ҳолат имконияти муваққатӣ дорад ширкати ҳавоӣ мутаҳиддиро интихоб менамояд, на якҷояшавӣ ё азхудкуниро.

4. Шартҳои инноватсионӣ барои ҷорӣ кардани иттифоқҳо. Ба онҳо дохил мешаванд: донишҳои тоза ва азхудкунии онҳо. Зеро, ки донишҳои пешқадамро нусхабардорӣ кардан осон нест, пас шарикӣ имкон медиҳад, ки каналҳои устувор барои интиқоли донишҳои тоза ва рушди онҳоро содда ва дастрасӣ ба технологияҳои нав эҷод кунанд. Азбаски пешрафтҳои муосири технологӣ, чун қоида, дар пайванди илмҳо ё бахшҳои иқтисодиёт пайдо мешаванд, иттифоқҳо уфуқҳои ширкатҳоро васеъ намуда дастрасиро ба технологияҳои нав осон карда талафотро дар татбиқи навоварӣ кам мекунанд. Дар маҷмуъ хулоса баровардан мумкин аст, ки хулосаҳои стратегии интихобшуда оиди коркард ва нигоҳдории шарики дар аввал бо баромади фирма ба бозори нав мебошад, ва дувум бо ҷаҳонишавии стратегияҳои корпоративӣ ва иҷрои вазифаҳои дохилии авиакомпанияҳо дар дигар давлатҳо вобаста аст.

Дар айни замон, чи тавре, ки қайд кардем дар бозори авиатсионӣ хоҳиши ташаккули алянсҳои стратегӣ вуҷуд дорад. Асоснок карда шудааст, ки «мизоҷони муосир» дар тамоми ҷаҳон барои гирифтани хизматрасонии босифат майл доранд, ва дар ин ҷо алянсҳо метавонанд сатҳи ягонаи хизматрасониҳоро пешниҳод намоянд. Дар ин ҳолат имкон дорад, ки функсияи ягонаи дизайни борҳо, шабакаи ягонаи залҳои маишӣ барои мизоҷони транзитӣ, авиачиптаҳои

ягона, барномаҳои муштарак барои мизоҷоне, ки бисёр парвоз менамоянд ҷорӣ карда шавад.

Яке аз калонтарин алянсҳо - «Star Alliance» бо шарикони худ аз мамлакатҳои Осиёи Ҷанубӣ-Шарқӣ, Африқо ва Шарқи Наздик ба боркашонии ҳавоӣ машғул аст. Ширкатҳои пешқадами авиатсияи африқоиро иттиҳодияи дигар — «SAirGroup»[28] мутаҳҳид кардааст.

Дар ин раванд «Star Alliance» аллакай ба бузургтарин иттифоқ дар ҷаҳон мубаддал шудааст. 8 ширкатҳои ҳавоӣ, ки аъзои алянс мебошанд ба 720 аэропортҳо мамлакатҳо парвоз мекунанд ва аз паркҳои 1678 ҳавопаймо ва 242 ҳазор коргар истифода мебаранд[29].

Агар дар ибтидо вазифаи иттиҳод зиёд кардани ҳаҷми ҳаракати нақлиёт тавассути истифодаи умумии рамзҳои ширкатҳои ҳавопаймоии аъзо, ҳамгироии барномаҳои парвозҳои зуд-зуд ва истифодаи умумии биноҳо барои фароғати мусофирон бошад, ҳоло вазифаи муттаҳидсозии захираҳои иттифоқ афзалиятнок ҳисобида мешавад, то ки аз ҳисоби кам кардани талафот хусусиятҳои самаранокӣ афзоиш ёбад. Аъзоёни иттифоқ аллакай аз буҷаҳои худ маблағи муайяни садҳо миллион долларро барои анҷом додани ин вазифа дар байни 5 соли наздик ҷудо карданд.

Самтҳои асосии афзалиятҳо инҳоянд:

- ташаккул додани шабакаи оммавии хатсайрҳо,
- омӯзиши таблиғотӣ,
- таъмини бароҳатии бештар барои мусофирон, ки аз рейси як ширкати ҳавопаймоӣ ба рейси дигар интиқол мешавад,
- харидани таҷҳизоти нав ва воситаҳои иттилоотӣ.

Мақсади иттиҳод чунин аст:

---

[28] SairGroup. - [Захираи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: http://www.sr692.com/sair/-group/index.html., кушода, санаи муроҷиат: 03.04.2023.

[29] Star Alliance. - [Захираи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://www.staralliance.com/-en/home., кушода, санаи муроҷиат: 05.06.2023

- мустаҳкам намудани мавқеъи худ дар бозори боркашонии ҳавоӣ бо роҳи баланд бардоштани сифати таклифҳои пешниҳодшуда ва таъмини арзиши кафолатноки сифати хизматрасонӣ дар тамоми шабакаи хатсайри иттиҳодия;

- такмили низоми чиптафурӯшӣ. Бо ин максад ҷорӣ намудани шабакаҳои компютерӣ ва ташкили минбаъдаи агентиҳои фурӯши чиптаҳо.

Ягонакунии таҷҳизоти кабина ва назорати пешбари низомҳои ҳавопаймо бо истифода аз ансамблҳои хос чорабиниҳои мувофиқи навсозии ҳавопаймоҳои навъҳои мушаххас, масалан, навъи A320 аз ҷониби «Airbus Industry», ки бешубҳа ба таври назаррас ба коҳиш додани хароҷоти ширкатҳои ҳавопаймоӣ кӯмак мекунад ва дар ҳолати зарурӣ ҳавопайморо ба экипажи як ширкати дигари ҳавопаймоии иттиҳодия кифоягӣ мекунад. Дар оянда хариди ҳамагуна таҷҳизоти нави авиатсионӣ бо шарти иҷрои талаботи муқаррарӣ оид ба ягонакунии таҷҳизот ва таҷҳизоти ҳавопаймо амалӣ карда мешавад.

Ба шумораи аввалини ин ҳавопаймоҳҳо A340500/600 дохил мешаванд, ки дар «Lufthansa» ва «Air Canada» дастрас шудаанд. Ба туфайли ҷорӣ намудани стереотипҳои якхела арзиши аслии таҷҳизот арзон мешавад, кор ва хизматрасонии он осон мегардад, ки ин боиси 3 % кам шудани талафоти умумӣ мегардад [30].

- Таъминоти муштараки моддӣ-техникӣ, таъминот ва харид. Аввалан, ин иқдом ба низомҳои ҳавопаймоҳо, аз ҷумла, таъмини фароғати мусофирон дар ҳавопаймо ва баъд аз он дигар низомҳои бортӣ, худи ҳавопаймо ва муҳаррикҳоро фаро мегирад.

- Гурӯҳбандии фаъолият дар минтақаҳое, ки ба боркашонии мусофирон алоқаманд нестанд (ташкили боркашонӣ, хизматрасонии техникӣ). Масалан, авиакомпанияи «United Airlines», «Lufthansa» ва «Air Canada» корхонаи муштарак оид ба тадқиқоти бозор ташкил доданд. «Lufthansa» ва SAS ҳамкориро

[30] Lufthansa. - [Захираи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://www.lufthansa.com/-de/de/homepage., кушода, санаи муроҷиат: 03.04.2023.

дар соҳаи боркашонӣ оғоз намуданд, «Lufthansa» ва «Varig» бошад ба баррасии эҳтимолияти омузиши умумии хайати парвоз шуруъ намуданд[31].

Рақобат байни ширкатҳои ҳавоӣ ба муайян намудани рейтинги онҳо такя мекунад.

Яке аз тарзҳои арзёбии рейтингии ширкатҳои ҷаҳонии авиатсионӣ ба даст овардани ҷоизаи ҷаҳонии World Airline Awards от Skytrax мебошад.

**Ҷадвали 1.1. - Ҷоизаи ҷаҳонии World Airline Awards — «Оскар» дар соли 2022[32]**

| Шохиси арзёбӣ | Ширкатҳои ҳавопаймоии соҳиби ҷоида дар соли 2022 |
|---|---|
| «Салони тозатарин» | ANA All Nippon Airways |
| «Бортпроводники беҳтарин дар ҷаҳон»: | Singapore Airlines. |
| Ширкати дар Аврупо беҳтарин арзёбишуда | Turkish Airlines |
| Ширкати буҷетӣ ва магистрали дуртарин | Ширкати ҳавопаймонии Scoot |
| «Бизнес-класси ҷаҳонӣ»: | Qatar Airways. |
| «Эконом-класси ҷаҳонӣ» | Emirates |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои www.worldairlineawards.com

Интиқолдиҳандаҳо-франшизаҳо тамоми атрибутҳои франчайзер, яъне аломатҳои мувофиқ дар ҳавопаймо, либоси стюардесса, варақаҳои чипта, ба қайд гирифтани нуқтаҳои қабул ва ғайраро дар худ доранд. Аз ҷониби худ онҳо маблағи муайянеро, ки барои ҷорӣ намудани тамғаи мол зарур аст ва вобаста ба шартнома ин ё дигар фоизи муомилотро барои кори таҳти бренди франчайзер пардохт мекунанд. Ба ғайр аз даромади мустақими асъорӣ барои ширкатҳои

[31] Lufthansa. - [Захираи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://www.lufthansa.com/-de/de/homepage., кушода, санаи муроҷиат: 03.04.2023.
[32] World Airline Awards. - [Захираи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: www.worldairlineawards.com., кушода, санаи муроҷиат: 03.04.2023.

бузурги байналмилалии ҳавопаймоӣ, франчайзинг имкони рушди шабакаи хатсайрҳоро, махсусан минтақавиро бе зарурати сармоягузории назаррас барои ташкили парки махсуси ҳавопаймоҳои минтақавии иқтидори хурд, гирифтани иҷозатнома барои парвозҳо, ташкили инфрасохтор дар фурудгоҳи минтақа кафолат медиҳад.

Панчум, ба вазифаи рушди  захираҳои инсонӣ диққати махсус дода мешавад. Ҳамин тариқ, навовариҳои технологӣ, конфигуратсияҳо, бозори саёҳати ҳавоӣ ва табиати рақобат имкониятҳои васеъ фароҳам меорад ва ё баръакс, ба фаъолияти минбаъдаи ширкати ҳавопаймоӣ таҳдид мекунад.  Онҳо ба раванди баланд бардоштани рақобатпазирии ширкатҳои ҳавопаймоӣ дар бозори комплекси авиатсионӣ таъсири мушаххас мерасонанд.

**Хулосаи зербоби 1.2.:**

1. Санҷиши доктрина ва амалияи кишварҳои пешрав дар ҷодаи истифодаи самараноки авиатсияи граждании нишон медиҳад, ки барои ноил шудан ба сатҳи қаноатбахши рақобатпазирии ширкатҳои авиатсионии ватанӣ дар бозори ҷаҳонӣ бояд ба се ҷабҳаи ташаккули сохтор ва муайян гаштани вазифаҳои идоракунии комплекси авиатсионӣ таваҷҷӯҳи зиёдтаре зоҳир карда шавад:

- ташаккул ва дастрасӣ ба ахбороти саҳеҳ оид ба истеҳсолот ва идоракунӣ дар соҳаи авиатсияи гражданӣ;
- такмил додани шаклу усулҳои идоракунӣ дар соҳаи авиатсияи гражданӣ мувофиқ ба таҷрибаи дар ҷаҳон андӯхташуда. Аз ҷумла, дар ҳамин радиф, таъсиси ширкати махсусе, ки заминаи техникӣ ва технологиро дар соҳа тайёр ва инкишоф медиҳад;
- рушди захираҳои инсонӣ дар баробари баданд бардоштани ихтисос, такмилот ва соддагардонии низоми тайёр кардани муттахассисони соҳаи авиатсияи гражданӣ.

2. Барои такмилоти сохтор ва вазифаҳои идоракунии комплекси авиатсионӣ марҳилаҳои ташаккулёбии истеҳсолоти ҷорӣ дар авиатсияи гражданӣ коркард карда шуд. Яъне, бе муайян гаштани марҳилаҳои ташаккулёбии истеҳсолоти ҷорӣ дар авиатсияи гражданӣ ва ҷалби таваҷҷӯҳи

махсуси муттахассисони соҳа такмилоти сохтор ва вазифаҳои идоракунӣ дар комплекси авиатсионӣ ғайриимкон мебошад.

## 1.3. Принсип ва усулҳои муосири идоракунӣ дар комплекси авиатсионӣ ва имкониятҳои татбиқи натиҷаҳои он дар Тоҷикистон.

Дар аксари мамлакатҳо моликият ва идоракунии ширкатҳои авиатсионии миллӣ дар ихтиёри давлат мебошанд. Ширкатҳои ҳавопаймоии комилан хусусӣ таҳти назорати шадиди ҳукумат дар масъалаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва амниятӣ қарор доранд. Масалан, ҳукуматҳо аксар вақт, ба қатъ кардани корпартоии кормандони ширкатҳои ҳавопаймоиро дахолат мекунанд, то ҳаракати озоди одамон, алоқа ва молҳоро дар байни минтақаҳои гуногун бидуни осеб ба амният муҳофизат кунанд. ИМА, Австралия ва то андозае Бразилия, Мексика, Ҳиндустон, Британияи Кабир ва Ҷопон фаъолияти ширкатҳои ҳавопаймоии худро танзим кардаанд. Дар гузашта ин ҳукуматҳо нархи чиптаҳои ҳавопаймо, шабакаҳои хатсайр ва дигар талаботҳои амалиётиро барои ҳар як ширкати ҳавопаймоӣ муайян мекарданд. Ҳоло ширкатҳои ҳавопаймоӣ метавонанд бо фурудгоҳҳои гуногун музокира кунанд, хатсайрҳоро ба осонӣ кушоянд ва пӯшанд ва чиптаҳои ҳавопайморо пардохт кунанд ва мувофиқи талаботи бозор хидмат расонанд.

Монеаҳои вуруд барои ширкатҳои ҳавопаймоии нав дар бозори танзимнашуда камтаранд, аз ин рӯ садҳо ширкатҳои ҳавопаймоӣ дар ИМА (баъзан танҳо барои як муддати кӯтоҳи фаъолият) ба кор шурӯъ карданд. Дар аксари бозорҳо ин боиси рақобати бештаре гардид. Рақобати афзоянда, дар якҷоягӣ бо озодии нархгузорӣ, маънои онро дорад, ки довталабони нав аксар вақт ҳиссаи бозорро бо нархҳои хеле тахфифшуда мегиранд, ки ширкатҳои ҳавопаймоии дорои хидматрасонӣ бояд ба андозаи маҳдуд мувофиқат кунанд. Ин як маҳдудияти асосии даромаднокӣ барои интиқолдиҳандагони мавҷуда мебошад, ки дорои заминаи хароҷоти бештаранд. Дар натиҷа даромаднокӣ дар бозори идорашаванда барои бисёри авиакомпанияҳо нобаробар аст. Ин боиси он гардид, ки баъзе ширкатҳои бузурги ҳавопаймоӣ ба ғайр аз аксари ширкатҳои

ҳавопаймоии нав, ки бад ташкил карда шудаанд, аз кор баромаданд. Дар Штатҳои Муттаҳидаи Амрико дар соҳаи авиатсия чор авиакомпанияҳои бузург фаъолият мекунанд. Аз рӯи консолидатсияи соҳа, баъди пастравии нархи сӯзишворӣ дар соли 2015, як қисми хурди он ба истеъмолкунандагон дода шуда буд[33].

Комплекси авиатсионӣ қисми таркибии иқтисодиёти муосир мебошад. Дар шароити тақсимоти меҳнати байналмиллалии бошиддат ва рушди робитаҳои иқтисодӣ ва фарҳангии байналмиллалӣ он барои хоҷагии ҷаҳонӣ зарур мебошад. Хизматрасонии самарабахши комплекси авиатсионӣ ба таври ғайримустақим ба афзоиши миқдори молҳои тиҷоратӣ мусоидат мекунад. Комплекси авиатсионӣ яке аз бахшҳои пурқуввати иқтисоди ҷаҳонӣ мебошад. Мубодилаи байналхалқии мол ва хизматҳо дар даҳсолаҳои охир назар ба истеҳсоли маҳсулоти саноат ва хоҷагии халқи тамоми ҷаҳон 1,5-2 баробар тезтар афзуд. Ба андешаи коршиносон, 1/3 ҳиссаи тамоми маҳсулоти ҷаҳонӣ объекти мубодилаи байналмилалӣ мебошад. Ҳамаи ин ба мо имкон медиҳад тасдиқ кунем, ки комплекси авиатсионӣ, аз рӯи ифодаи образноки муҳаққиқ Д.С.Николаев, ҷузъи муҳими «низоми гардиши хун аст, ки фаъолияти ҳаётии "организм"-и иқтисодии ҷаҳониро таъмин менамояд ва механизми "метаболизми" онро дастгирӣ мекунад»[34].

Риштаҳои зиёди аён ва ноаёни рушди нақлиёти ҳавоиро бо дигаргуниҳое, ки дар фазои иқтисодии ҷаҳон ба амал меоянд, мепайванданд. Он таъсири хеле намоёни чунин тамоюлҳои ҷаҳониро, монанди тағйирёбии амиқи вазъияти иқтисодии байналхалқӣ, дигаргуниҳои сохторӣ дар бозорҳои молҳои ҷаҳонӣ, тағйир ёфтани нархи захираҳои сӯзишворию энергия ва ғайраро ҳис намекунад[35]. Дар баробари ин ба комплекси авиатсионӣ дигаргуниҳои нави сифатӣ дар

---

[33] Too Much of a Good Thing. - [Захираи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://www.economist.com/briefing/2016/03/26/too-much-of-a-good-thing., кушода, санаи муроҷиат 15. 12. 21.
[34] Николаев Д.С. Транспорт в международных экономических отношениях [Текст] / Д.С. Николаев. - М.: Международные отношения, 1984. - С. 13.
[35] Артамонов Б.В. Рынок международных воздушных перевозок: особенности и проблемы развития [Текст] / Б.В. Артамонов. - М.: Воздушный транспорт, 1992. - С. 17.

иқтисодиёти ҷаҳон бевосита таъсир мерасонад. Асосӣ аз онҳо инҳоянд: инқилоби технологияҳои иттилоотӣ, ҷаҳонишавӣ, тағйирот дар танзими давлатии инфрасохтори иқтисод, паҳншавии фалсафаи идоракунии умумии сифат, афзоиши шарикӣ ва иттифоқҳои стратегӣ.

Ташкилотҳое, ба монанди Ташкилоти Байналхалқии Авиатсияи Гражданӣ (марказаш дар Монреал, стандартҳои ҷаҳониро оид ба бехатарӣ ва дигар масъалаҳои ҳаётан муҳим муқаррар мекунад. Аксарияти ҳаракати ҳавоии байналмилалӣ тибқи созишномаҳои дуҷонибаи байни кишварҳо танзим карда мешавад. Намунаи чунин созишнома Созишномаи Бермуд байни ИМА ва Британияи Кабир пас аз Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ буд, ки фурудгоҳҳоро барои парвозҳои трансатлантикӣ муайян карда, ба ҳар як ҳукумат салоҳияти таъини интиқолдиҳандагон барои идора кардани хатсайрҳоро дод. Созишномаҳои дуҷониба ба "осмони боз" - маҷмуи ҳуқуқҳои умумии нақлиётӣ, ки аз озодии парвоз дар болои кишвар то озодии таъмини парвозҳои дохилӣ дар дохили кишвар асос ёфтааст. Аксари созишномаҳо ба ширкатҳои ҳавопаймоӣ имкон медиҳанд, ки аз кишвари худ ба фурудгоҳҳои таъиншудаи кишвари дигар парвоз кунанд. Баъзеҳо инчунин озодии хидмати доимиро ба кишвари сеюм ё таъиноти дигар дар кишвари дигар ҳангоми интиқоли мусофирон аз хориҷа медиҳанд. Дар солҳои 1990-ум созишномаҳои осмони кушод бештар маъмул шуданд. Ин созишномаҳоро ҳукуматҳои бисёр давлатҳо қабул карда, барои рақобати минбаъда роҳҳои байналхалқиро мекушоянд. Созишномаҳои осмони кушод бо баъзе танқидҳо рӯбарӯ шуданд, бахусус дар Иттиҳоди Аврупо, ки ширкатҳои ҳавопаймоии онҳо аз сабаби маҳдудиятҳои парвозҳо дар муқоиса бо Иёлоти Муттаҳида дар як нуқсони муқоисавӣ қарор доранд.

Агар ба нишондиҳандаҳои соҳа қабл аз бӯҳрони COVID-19 муроҷиат кунем, пас маълум мешавад, ки дар соли 2017 авиакомпанияҳо 4,1 млрд. мусофиронро бо 41,9 млн. рейси тиҷоратӣ (бори миёна - 98 мусофир дар рейс), ки 7,75 триллион мусофир-километр (масофаи миёнаи парвоз - 1890 км) бо 45 091 хатсайрҳои парвозӣ, ки дар тамоми ҷаҳон хизматрасонӣ намудаанд. Дар соли 2016 комплекси авиатсионӣ 704,4 миллиар доллар даромад оварда, 65,5 млн.

ҷойи корӣ ва 2,7 триллион доллар фаъолнокии иқтисодиро нишон додааст, ки 3,6% ММД ҷаҳониро ташкил медод[36].

IATA давра ба давра вазъи кунунии соҳаи комплекси авиатсионӣ, бозорҳои ҳамлу нақли ҳавоиро таҳлил намуда, пешгӯиҳои ҷорӣ ва дарозмуддат ва стратегияи ассотсиатсияро бо назардошти сиёсати ҳукуматҳои давлатҳои гуногун, инчунин дар асоси натиҷаҳои ҳамкориҳои худ бо ташкилотҳои минтақавии комплекси авиатсионӣ мегузаронад. Аксари бозорҳои сайёҳии ҳавоӣ то ҳол аз тарафи ҳукумат пурра ё қисман назорат карда мешавад. Фаъолияти ширкатҳои ҳавопаймоӣ бештар аз инфрасохтори монополӣ (фурудгоҳҳо, хадамоти идоракунии ҳаракати ҳавоӣ) вобаста аст.

Бо назардошти мушкилоти молиявӣ, ширкатҳои ҳавопаймоӣ маҷбуранд, ки худро бо нақшаи кӯтоҳмуддат маҳдуд кунанд. Дар иқтисод се минтақа афзалият доранд: Америкои Шимолӣ, Аврупо ва Осиёи Шарқӣ, махсусан Чин пешрафта мебошад. Суръати афзоиши ҳаракати ҳавоӣ мӯътадил шуда истодааст, аммо афзоиши бештари ҳаҷми интиқол дар Аврупои Шарқӣ, собиқ мамлакатҳои шуравӣ ва минтақаи Осиё ва Уқёнуси Ором дар назар аст.

Мушкилотҳои экологӣ ба ҷойи аввал мебароянд, зарурати зуд иваз кардани ҳавопаймоҳои кӯҳна пайдо мешавад, ки ба талаботи стандартҳои қатъӣ, стандартҳои садо ва партовҳои муҳаррикҳои ҳавопаймо ҷавобгӯ нестанд. Афзоиши ҳаҷми ҳаракати нақлиёт ба душворӣ ва пурзӯр кардани расмият дар фурудгоҳҳо ва талаботҳои амниятӣ маҳдуд хоҳад шуд. Дар муҳлати дарозмуддат хусусигардонии ширкатҳои ҳавопаймоӣ афзоиш меёбад, аммо таъсир ва таваҷҷуҳи назарраси ҳукумат дар минтақаҳои гуногун дигар намешавад.

Муносибати ширкатҳои ҳавопаймоӣ бо ҳукуматҳое, ки онҳоро назорат мекунанд, омили муҳими рушди соҳаи ҳавопаймоӣ боқӣ мемонад. Ба масъалаҳои ҳуқуқии фаъолияти ширкатҳои ҳавопаймоӣ низ бояд диққати хоса дода шавад. Чунон ки маълум аст, Конвенсияи Чикаго (1944) ва замимаҳои техникии он асоси конунгузории бехатарии парвозҳоро гузоштааст.

---

[36] Aviation Benefit Beyond Borders. - [Захираи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://www.aviationbenifits.org/media., кушода, санаи муроҷиат 15. 12. 21.

Ин принсипҳо асоси созишномаҳои дутарафаро ташкил доданд, ки ибтидои он ба ном «созишномаи Бермуд»-и байни Англия ва ШМА буд. Таърих нишон медиҳад, ки принсипҳои дуҷониба ё созишномаҳои навъи Бермуд ба рақобатпазирии ширкати ҳавопаймоӣ таъсири манфӣ мерасонанд, зеро ҳеҷ гуна ҳавасмандӣ барои беҳтар кардани фаъолият бо ҳаҷми кафолатнок ва нархҳои баробар вуҷуд надорад.

Дар ин шароит қонуни бозор кор намекунад. Барои бисёр кишварҳо, низоми дуҷониба бо сабабҳои зерин ҷолибияти худро гум кардааст:

- эътимоди ҳукуматҳо ба зарурати кушодани бозор ва ҷорӣ намудани танзим афзоиш меёбад;

- зарурати ба вуҷуд овардани муҳити рақобат ба манфиати истеъмолкунандагон ба миён омад;

- хусусигардонии ширкатҳои авиатсионӣ ва суст шудани робитаҳои мустаҳками байни ҳукуматҳо ва интиқолдиҳандагони миллии онҳо (flag carrier);

- бастани шартномаҳои бозорӣ байни авиакомпанияҳо, ба вучуд овардани низомҳои автоматии бронкунии аз ҷониби якчанд авиакомпания баъди ҳамкории дохилии онҳо (мисол, Air France/Air Inter/UTA), истифодабарии муштараки авиахатсайрҳо ва ҳатто моликияти муштарак (BA/KL; Air France/SabeNa; AUA / SAS/ Swissair).

Созишномаҳои бисёртарафаи шакли GATT (General Agreement for tariffs and trade) ҷолиб мебошанд. Таҷрибаи ИМА нишон дод, ки танзим накардани авиакомпанияҳо таккони ҷиддӣ ба ҳамаи низоми комплекси авиатсионӣ бахшид.

Бо вуҷуди ин, интиқолдиҳандагони афзояндаи аврупоӣ садди роҳи густариши ҳавоии Амрико дар бозори Аврупо мебошанд. Нияти ШМА дар бораи пешниҳод кардани «осмони кушод» кушиши ҳукумати ШМА-ро барои муайян кардани оҳанг ва роҳ надодан ба ташкили «қалъаи Аврупо» мебошад, агар чунин қарор ҳамчун маҷрои асосии сиёсати берунии авиатсионии ИА қабул карда шавад. Шӯрои вазирони Иттиҳоди Аврупо қайд кард, ки баробари ба вуҷуд омадани бозори дохилии комплекси авиатсионӣ сиёсати умумии хориҷии

давлатҳо дар соҳаи авиатсияи граждани ба амал бароварда мешавад. Ҳамин тариқ, нақлиёти ҳавоии ҷаҳонӣ бо тағйироти ҷиддӣ рӯ ба рӯ мешавад.

Сиёсати сарпарастӣ ва танзими давлатии тамоми ҷанбаҳои фаъолияти авиатсияи гражданӣ алтернативаи танзимӣ мебошад. Сухан на танҳо дар бораи ҳамгироии ҳуқуқии раванди парвозҳо ва таъминоти бехатарии онҳо меравад, балки оиди мустаҳкамкунии қонунии ҳиссаи авиакомпанияи миллӣ дар бозор мебошад: маҳдуд кардани парвозҳо, қобилияти борбардорӣ, ҳуқуқҳои тиҷоратии дигар интиқолдиҳандагон; иҷозатномадиҳии парвозҳо тавассути хатҳои ҳавоӣ (VL); оиди тафриқаи пардохтҳои фурудгоҳ ва аэронавигатсия барои ширкатҳои ҳавопаймоии хориҷӣ ва миллӣ; оиди фурӯш ё тақсимоти маъмурии "слот"; оиди талаботи фарогирии баланди суғурта барои интиқолдиҳандагони хориҷӣ; оиди тақсимоти қатъии шумораи парвозҳо дар байни корхонаҳои авиатсионӣ ва ба таври маъмурӣ муқаррар намудани нархнома ва ғайра.

Чунончи, агар аз кишварҳои собиқ шуравӣ гирем, Федератсияи Россия, таҷрибаи дигаронро ва таҷрибаи шахсии худро ҳангоми идораи низоми фармондиҳӣ маъмурии идораи иқтисодиёт омӯхта, модели идораи авиатсияи граждании Россияро коркард намуд. Айни ҳол дар Россия танҳо шароити бозорӣ ташаккул меёбад, ки ҳанӯз аз тамаддун дуранд. Зарурати реҷаи рақобати озод дар хатсайрҳои фоиданоки иқтисодӣ ташкил карда, ба парвозҳои хатсайрҳои зараровар субсидияро металабад.

Аттестатсияи операторони ҳавопаймоҳо бо назардошти талаботи байналмилалӣ оид ба бехатарии парвозҳо ташкил карда шуд. Истифодабарандае, ки хизматрасонии худро оид ба ҳамлу нақли ҳавоӣ ва дигар намудҳои корҳо пешниҳод менамояд, вазифадор аст фаъолияти худро бо риояи қатъии талаботи давлатӣ оид ба таъмини бехатарии парвозҳо ташкил намояд. Бо таъсиси низоми аттестатсияи операторон, додани шаҳодатномаҳо, тамдиди муҳлати эътибор ва санҷиши онҳо, давлат тавонист манфиатҳои худ, манфиатҳои мусофирон ва истеъмолкунандагони хадамоти авиатсияи гражданиро ҳимоя кунад.

Ин низом имкон медиҳад, ки фаъолияти ширкати ҳавопаймоӣ аз нигоҳи мутобиқати онҳо ба талаботи қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, бидуни

дахолат ба мустақилият ва масъулияти бевоситаи онҳо барои таъмини бехатарии парвозҳо назорат карда шавад. Ба ширкатҳои ҳавопаймоии дохилӣ ва байналмилалӣ барои парвозҳо иҷозатнома дода мешавад. Авиатсияи граждании Россия калонтарин соҳаи иқтисодиёти давлатӣ буда, шумораи коргарони он аз 200 ҳазор нафар зиёд мебошад[37] (иқтибос).

Дар Россия 340 ширкати ҳавопаймоӣ ба қайд гирифта шудааст, ки аз ин шумора 205 ширкати ҳавопаймоиро тавассути ширкатҳои ҳавопаймоии байналмилалӣ (IAL), аз ҷумла, 39 ширкати ҳавопаймоӣ барои парвозҳо дар ҳудуди ИДМ анҷом медиҳанд. Дар ихтиёри онҳо 8,6 ҳазор самолёт мавҷуд аст. (Барои маълумот: 7334 ширкати ҳавопаймоӣ дар ИМА бақайд гирифта шудааст).

Ҳамагӣ 166 ширкатҳои ҳавопаймоӣ парвозҳоро дар ФР, ИДМ ва дар хатҳои ҳавоии маҳаллӣ иҷро мекунанд. 39 ширкатҳои ҳавопаймоӣ дар ҳудуди ФР ва ИДМ парвоз менамоянд, 135 – танҳо дар ҳудуди ФР. Ҳангоми иҷрои кор ширкатҳои ҳавопаймоии Россия дар хориҷа яке аз маъмултарин ин Африқо (37%), баъд Осиё (16%), Шарқи Наздик (13%), Аврупо (12%), Амрико (11%) ва Океания (10%). Барои мавҷудияти дарозмуддати ширкати ҳавопаймоӣ ҳангоми анҷом додани ҳамлу нақли байналмилалии ҳавоӣ пеш аз ҳама корхонаеро, ки ба талаботи зиёд ҷавобгӯ бошад, самаранок идора кардан лозим аст.

Омилҳои муваффақият дар бозори комплекси авиатсионӣ инҳоянд:

- тамаркузи кӯшишҳо ба фаъолияти фоидаовар ва сарчашмаҳои анъанавии даромад;

- ташкили шабакаи байниқитъавии ширкатҳои ҳавопаймоӣ ва кушишҳо ба хатсайрҳои муҳими минтақавӣ;

- ворид шудан ба иттифоқҳои стратегӣ ва ҳамкорӣ бо ширкатҳои дигар;

- такмил додани идоракунии компютерии банд кардани ҷойҳо бо мақсади баланд бардоштани даромаднокӣ, бо низоми «Yieled-Management Systems»;

- таъсиси низомҳо ва каналҳои тақсимоти хеле пешрафта;

- идоракунии инноватсионӣ ва маркетинг;

---

[37] Распоряжения Правительства Российской Федерации от 11.03.2023 № 563-р. - [Захираи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: http://government.ru/docs/all/141773/?page=3., кушода, санаи муроҷиат 20.08.2023.

-диққати зиёд ба эҳтиёҷоти мизоҷон;

- кормандони ҳавасманд;

- «Имидж»и мувофиқи авиакомпания.

Ширкатҳои ҳавопаймоии Россия, ки ҳамлу нақли байналмилалии ҳавоиро анҷом медиҳанд, ҳоло дар марҳилаҳои гуногуни рушд қарор доранд. Баъзеи онҳо моли давлат буда, ба ғайр аз тағйир додани ном, дар корашон тағйирот нест. Дигар ширкатҳои авиатсионӣ дар роҳи барпо намудани ҷамъиятҳои мустақили саҳомӣ ва гузаштан ба сохтори стандартии ширкати авиатсионии Ғарб тадбирҳои калон андешидаанд. Ҳамагуна кӯшиши тасниф кардани ширкатҳои ҳавопаймоии мавҷуда мушкилӣ дорад. Дар айни замон панҷ категория вуҷуд дорад:

1. Авиакомпанияҳои асосии авиатсионӣ дар Москва ё марказҳои асосии саноатии Россия, ки дар базаи корхонаҳои калони истеҳсолӣ ташкил карда шудаанд. Аэрофлот, «иттиҳодияи истеҳсолии Домодедово» ва «авиахатсайрҳои Внуково» калонтарин ширкатҳои ҳавопаймоии Маскав мебошанд. «Югавиа», «Сибавиа», «Аэроволга», «Красноярск Авиа» ва «Пулково» (Санкт-Петербург) намунаҳои ширкатҳои бузурги ҳавопаймоии воқеъ дар минтақаҳои Россия мебошанд. Ба истисноӣ ширкатҳои «Аэрофлот» ва «Санкт-Петербург» парвозҳои ин ширкатҳо асосан бо парвозҳо ба самтҳои дохили Россия ва ИДМ маҳдуд аст. Бо вуҷуди ин, қариб ҳамаи ин ширкатҳо бо мақсади ба даст овардани фоидаи иловагӣ парвозҳои чартерӣ анҷом медиҳанд.

2. Ҳавопаймоҳои чартерӣ. Аксар вақт бидуни ягон офис ва ном, ширкатҳо ҳангоми ба миён омадани талаботи муштариён ба лизинги ҳавопаймо пешниҳод мекунанд. Ширкатҳои ҳавопаймоии хурдтари маҳаллӣ ва амалан ҳама соҳиби ҳавопаймоҳо, аз ҷумла марказҳои санҷиши парвозҳо, инчунин дар ҷое ва дар ҳолати дастрас дар фаъолиятҳои чартерӣ иштирок мекунанд.

3. Ширкатҳои ҳавопаймоии хурди дохилӣ, одатан бо шабакаи маҳдуди хатсайрҳо, инчунин парвозҳои зуд-зуд ба Маскав ва баъзан парвозҳои чартерӣ дар хатсайрҳои дохилӣ ва байналмилалӣ. Бисёре аз ин ширкатҳои ҳавопаймоӣ ҳавопаймоҳоеро истифода мебаранд, ки муҳлати истифодаашон ба охир мерасад ва аксар вақт барои зиёд кардани масофа борашонро кам мекунанд.

4. Интиқолдиҳандагони боркаши ҳавоӣ, ки одатан дар асоси чартерӣ фаъолият мекунанд, инчунин, ҳамлу нақли ҳавоии байналмилалиро таъмин мекунанд ва баъзан ягона пайвастшавӣ ба маконҳои дурдастро таъмин мекунанд. Баъзеи онҳо ба микдори маҳдуд ба интиқоли мусофирон низ машғуланд.

5. Ширкатҳои нав ва муштарак. Трансаэро шояд намунаи барҷастаи як ширкати ҳавопаймоии беасос бошад, ки иҷозатномаи хидматрасонии байналмилалии мусофиркашониро дорад. Омили муҳими ин сегментатсия тағйирот дар муносибатҳои моликият буд.

340 ширкати ҳавопаймоии Россия, ки замоне як қисми алоҳидаи бахши давлатӣ буд, ҳоло ҳама бахшҳои ширкати хусусиро аз Трансаэро, то ширкатҳои ҳавопаймоии қисман хусусишуда, ба мисли Внуково ва корхонаҳои сершумори комилан давлатӣ намояндагӣ мекунанд. Тамоюли равшантарини бозор дар тӯли чор соли охир - ин тамоюл ҳамеша боиси ҳисси қавии номуайянӣ мегардад - коҳиши талабот ба нақлиёт буд. Бархе пешгӯиҳо нишон медиҳанд, ки ҳатто бо тахминҳои хушбинтарин, тақозо дар тӯли 20 соли оянда ба сатҳи пешинааш барнамегардад. Аммо ингуна баҳоҳои манфӣ дигаргуниҳои сершумореро, ки ҳоло дар ҳаёти иқтисодию иҷтимоии мамлакат ба амал меоянд, ба назар намегиранд.

Барои ба таври воқеӣ арзёбии потенсиали барқарорсозии ҳаҷми боркашонӣ, бояд фарқияти назаррас байни се сегменти бозор эътироф карда шавад: 1) боркашонии дохилӣ; 2) боркашонии байналмиллалӣ дар ҳудуди ИДМ ва собиқ мамлакатҳои ИҶСС (Иттиҳоди ҷумҳуриҳои советӣ сотсиалистӣ); 3) боркашонӣ дар дигар хатсайрҳои байналхалқӣ.

Ҳаракати байни давлатҳои нав-мустақил - ба ном «хориҷаи наздик» ва Россия дар асоси робитаҳои таърихан муқарраршудаи тиҷоратию иқтисодӣ инкишоф ёфт.

Бо зиёд шудани ҳаҷми ҳаракати нақлиёт, бисёре аз ширкатҳои ҳавопаймоӣ ҳиссиёти душвориҳои дарёфти таҷҳизоти баландсифат ва кофӣ барои қонеъ кардани талабот ва интизориҳои мусофирон хоҳанд дид. Фарсудашавии таҷҳизот, хидматрасонии техникии нокифоя ва идораи иқтисодии суст ҳангоми

истифодабарии он ҳолати доштани дороиҳоро ба надоштани он мубаддал мегардонанд, гарчанде бо назардошти захираи мавҷудаи таҷҳизоти истифоданашуда дар амалан дар ҳамаи фурудгоҳҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ, ин метавонад ғайриимкон бошад.

Баъзе ширкатҳои ҳавопаймоӣ, аз қабили Аэрофлот ё Трансаэро, кӯшиш мекунанд, ки аз ин мушкилот бо иҷораи ҳавопаймоҳои ғарбӣ канораҷӯӣ кунанд. Аммо ингуна ҳавопаймоҳо каманд ва маълум нест, ки оё ин соҳа ва ширкатҳои ҳавопаймоӣ метавонанд теъдоди зиёди ҳавопаймоҳои ғарбиро таҳти лизинг идора кунанд. Авиакомпанияи Россия бинобар шароити душвори иқтисодӣ ҳаёти душвор ба сар мебаранд.

Хароҷоти истифодаи ширкати ҳавопаймоӣ барои парвозҳои байналмиллалӣ зиёд аст, ки беш аз 25% маводи сӯзишворӣ ва молиданӣ, 17% - нигоҳдорӣ, 11% - харҷи нигоҳдории фурудгоҳ ва хароҷоти меҳнатӣ бо тарҳҳои эҳтиёҷоти иҷтимоӣ, 9% - фарсудашваии фондҳои асосӣ мебошад. Бори вазнине, ки бар души корхонаҳо меафтад, зарурати пардохти андоз аст. Буҳрони пардохт накардан, ки тамоми бахшҳои иқтисоди Россияро фаро гирифт, боиси ташаккули қарзи кредиторӣ аз ширкатҳои ҳавопаймоӣ гардид, ки ба 26,7% даромади онҳо баробар аст.

Аксари ширкатҳои ҳавопаймоии Россия ва инчунин, ширкатҳои ҳавопаймоии кишварҳои мустақил маҷбуранд, ки ба Агентии марказии чиптафурӯшӣ, ки аз замонҳои қадим боқӣ мондааст, дар сурати мавҷуд набудани шабакаи агентиҳои мустақили бо ҳам алоқаманд такя кунанд. Барои бисёре аз роҳбарони воломақом, ки ба кор дар ширкатҳои ҳавопаймоӣ дар иқтисоди марказонидашуда одат кардаанд, банақшагирии стратегӣ, маркетинг, идоракунии молиявӣ, идоракунии пули нақд ва буҷети сармоя ҷанбаҳои нав ва қаблан номаълуми фаъолияти ҳаррӯзаи онҳост.

Дараҷаи маълумоти техникӣ ва донишҳои амалӣ хеле баланд аст, вале барои дар бозор зуд инкишоф додани малакаҳои идоракунӣ зарурати принсипиалӣ мавҷуд аст. Бисёре аз ширкатҳои ҳавопаймоие, ки ба бозори байналмилалии ҳамлу нақли ҳавоӣ нав ворид шудаанд, дорои таҷриба ва

дониши ниҳоят суст дар соҳаи фаъолияти тиҷоратии ширкатҳои ҳавопаймоии байналмилалӣ мебошанд.

Бояд дар хотир дошт, ки бахши ширкатҳои ҳавопаймоӣ дар парвозҳои байналмилалӣ дар Россия метавонад назар ба дигар ҷойҳо хеле зудтар рушд кунанд, гарчанде ки ҳамагуна сармоягузорӣ ниятҳои ҷиддии дарозмуддат ва афзалияти дақиқи сармоягузоронро, яъне афзоиши талабот ба ҳавопаймоҳои нав, зарурати таъҷилии рушди инфрасохтор, зарурати дастгирии роҳбарият ба маънои васеъи онро талаб мекунад. Самти асосии баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат дар ширкатҳои авиатсионӣ ва самаранокии иқтисодии авиатсияи гражданӣ ин баланд бардоштани дараҷаи техникии ҳавопаймоҳҳо ва муҳаррикҳои авиатсионӣ мебошад - чи аз ҷиҳати вазни аэродинамикӣ ва мукаммалии термодинамикии онҳо, инчунин, аз ҳисоби ҷорӣ намудани таҷҳизотҳои нав ва низомҳои самараноки амалиётӣ барои мониторинги боэътимоди вазъият ва ошкори саривақтии хатогиҳои техникӣ ва таъмиркунӣ мебошад.

Таҳлили маводҳои тафтишот ва ҳодисаҳои авиатсионӣ, натиҷаи тафтиши нақшавии фаъолияти истифодабарандагони комплекси авиатсионӣ нишон медиҳад, ки ин вайронкуниҳои экипажҳо пеш аз ҳама, ба дараҷаи пасти ташкили кор дар корхонаҳои авиатсионӣ ва назорати ҳайати роҳбарикунанда нокифоя аст. Дар натиҷа омилҳои муайянкунандаи фалокатҳои авиатсионие, ки бо омили инсонӣ алоқаманданд, боз инҳо гардиданд:

- вайронкунии қоидаҳои парвоз дар минтақаҳои кӯҳистон;
- парвоз дар обу ҳавои бад;
- бори барзиёд аз вазни иҷозатдодаи парвози ҳавопаймо;
- парвозҳо бо сӯзишвории нокифоя;
- нокифоя будани тайёрии пеш аз парвоз ва (ё) пеш аз фуруд омадан ва дар натиҷа қабул намудани қарорҳои беасос ҳангоми ба нақша гирифтан ва ба амал баровардани парвоз.

Такмил додани воситаҳои техникии мавҷудбуда, ба амал баровардани як қатор тадбирҳо ва усулҳои ташкилию техникӣ, ба амалияи кори парвозҳо васеъ

ҷорӣ намудани машинаҳои ҳисоббарории электронӣ ҳангоми иҷрои парвозҳо дар ХБҲ, самаранокии ҳар як парвоз бо риояи талаботи зарурии таъмини бехатарӣ ва мунтазами парвоз хеле зиёд карда мешавад. Ин бо такмили минбаъдаи ҷадвали парвозҳои ҳавопаймоҳҳо дар асоси дурусттар ҳисоб кардани самти ҳаракати шамол, ҳарорат ва васеъ намудани интихоби сатҳи парвоз; беҳтар намудани сифат, муҳлати қабул ва кор карда баромадани ахбороти метеорологӣ, барномасозӣ бо назардошти ин маълумотҳо барои ҳар як парвоз; оптимизатсияи реҷаҳои иҷрои парвоз бо назардошти талаботи сарфаҷӯӣ асоси самаранокии фаъолияи ширкатҳои ҳавоӣ мегардад.

Бо назардошти сарбории воқеии ҳавопаймо баррасии ҳамаҷонибаи таъминоти оптималии сӯзишворӣ, реҷаҳои парвоз, бо назардошти таъсири онҳо ба муҳлати муҳаррик ва дигар омилҳо шарти зарурӣ мебошад. Ҳалли масъалаҳои оптимизатсияи ҳар як роҳи ҳавоӣ дар хатсайрҳои байналмилалии ҳавоӣ мебошад аз ҷиҳати дарозии худ ва манёври зарурӣ дар минтақаи аэродроми фуруд, беҳтар намудани сифати назорати навигатсионӣ ба иҷрои ҳар як парвоз, ки ба такмили ташкили кори парвоз мувофиқ аст. Дар соҳаи ташкили мусофиркашонӣ ба брон кардан ва фурӯши чиптаҳои авиатсионӣ диққати калон дода мешавад. Низоми автоматии фармоиш ва фурӯши чиптаҳо ба парвозҳо дар дохили Россия такмил дода шудааст. Корҳо оид ба такмил додани пайвасти байниҳамдигарии низомҳои бандкунӣ ва фурӯш барои ҳамаи ширкатҳои ҳавопаймоӣ идома доранд ва ҳисоббаробаркуниҳои мутақобилан байни онҳо тавассути Маркази Клиринги дар Россия таъсисёфта ба таври назаррас суръат ва содда карда мешаванд. Ба ғайр аз ин, дар кишвар Шурои идоракунии BSP (Billing and Settlement Plan) фаъолият ба пеш мебарад, ки бо ворид намудани BSP дар Россия барои ҳамлу нақли байналмилалии ҳавоӣ. Ин тадбирҳо, бешубҳа, ба инкишофи низоми фурӯш ва такмил додани ҳисоббаробаркуниҳои байни ширкатҳои авиатсионӣ ва агентҳои фурӯши онҳо такони нав мебахшанд.

Рушди авиатсияи гражданӣ барои қонеъ гардонидани максималии талаботи зиёдшудаи аҳолӣ ва иқтисодиёт ба ҳаракати баландсуръати ҳавоии байналхалқӣ ва дохилӣ ба амал баровarда мешавад. Дар баробари ин, таҷрибаи

шарикони хориҷии мо ба назар гирифта, комёбиҳои навтарини илму техникаи ҷаҳонӣ истифода бурда мешавад.

Дар шароити кунунӣ дар авиатсияи граждании Тоҷикистон, омӯзиши механизми иқтисодии фаъолияти ширкати ҳавопаймоӣ бешубҳа муҳим аст.

Омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ нишон медиҳад, ки бозори хизматрасониҳои комплекси авиатсионӣ аз беморни сироятии COVID-19 сахт зарар дид. Дар соли 2020 ва 2021 нақлиёти ҳавоии кишварҳои Аврупо ва Амрикои Шимолӣ ба андозаи 180 млрд доллар зарар дид. Дар соли сипаришудаи 2022 кишварҳои мазкур аз хизматрасонии комплекси авиатсионӣ фоида надиданд ва мувофиқи ояндабинии мутахассисон, дар ҳолати бетағйир боқӣ мондани вазъи бозори ҷаҳонӣ, танҳо дар моҳи июни соли 2023 расидан ба натиҷаҳои соли топандемия имконпазир аст. [38]

Мувофиқи таҳлилҳо, аз чиптаи ду ҷойи нишасти фурӯхташуда яктоаш ба мусофири Осиёгӣ рост меояд. Аз ин рӯ, чуноне интизор меравад, дар соли 2023 бозори нақлиёти ҳавоии Хитой дубора фаъол мешавад ва ин барои ҷоннокшавии фаъолияти дигар ширкатҳо ангеза хоҳад шуд.

Тибқи "Дурнамо барои соли 2023", ки аз ҷониби ширкати "Avolon" таҳия шудааст, даромади бахши комплекси авиатсионӣ дар соли ҷорӣ тақрибан ба 4,7 млрд. доллар баробар хоҳад шуд. Айни замон, рушди молиявии ширкатҳои ҳавоӣ аз суръати барқароршавии қобилияти интиқолдиҳии онҳо тезтар сурат гирифта истодааст. Мувофиқи таҳлилҳо, ин ҳолат бинобар сабаби аз тарафи ширкатҳои ҳавоӣ дар тамоми дунё истифода шудани василаҳои сиёсати нархгузорӣ, яъне дар асари баланд бурдани нархи хизматрасонӣ сурат мегирад.

Аз тарафи дигар, оқибатҳои ногувори беморни ҳамагир ба истеҳсолкунандагони комплекси авиатсионӣ низ дар саросари ҷаҳон таъсири манфӣ расонид. Қариб дар тамоми ширкатҳои истеҳсолкунанда ақибмонӣ аз реҷаи истеҳсолу таҳвили нақлиёт ё қисмҳои эҳтиётии онҳо дида мешавад.

[38] Глобальный авиационный трафик к июню достигнет уровня 2019 года. - [Захираи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://www.aviastat.ru/news/252637-globalnyy-aviacionnyy-trafik-k-iyunyu-dostignet-urovnya-2019-goda., кушода, санаи муроҷиат 26.04.22.

Мувофиқи маълумоти оморӣ, дар давраи пандемия тақрибан 2400 ҳавопаймо истеҳсол нашуда монданд. Бинобар ҳамин, дар тамоми бозори комплекси авиатсионӣ болоравии нархҳо, меъёри қарзҳо, меъёри иҷора ба назар мерасад.

Тамоюли дигаре, ки дар таҷрибаи пешқадами хориҷӣ дида мешавад, ин истеҳсоли сӯзишвории устувори авиатсионӣ (SAF) мебошад, ки дар соли 2022 ба андозаи се маротиба афзоиш ёфтааст, вале ҳаҷми истеҳсоли ин намуд сӯзишворӣ ҳанӯз ҳам кофӣ нест. Сӯзишвории навъи мазкур аз ҷиҳати экологӣ тоза маҳсуб ёфта, аз партовҳо ва боқимондаҳои иқтисоди даври сарбаста, яъне чарбуҳои ҳайвонот, истифодаи равғанҳои кулинарӣ истеҳсол шуда, сӯзишвории муқаррарии авиатсиониро барои муҳаррикҳои реактивӣ иваз мекунад.

Сарфи назар аз коҳиши бесобиқаи нишондиҳандаҳои соҳаи комплекси авиатсионӣ дар тамоми дунё, ширкатҳои бузурги фаромиллӣ, ба мисли Boeing, Airbus ва дигарҳо тавонистанд, ки дар як муддати кӯтоҳ дубора фаъолияти худро ҷоннок намоянд. Мувофиқи маълумоти шабакаи интернет, танҳо дар се соли охир, дар заминаи истифодаи ҳавопаймоҳои кӯҳна ва ба иҷорагирии онҳо дар ҷаҳон зиёда аз 100 ширкати нави боркашони авиатсионӣ таъсис ёфтанд. Ва, асоси чунин муваффақият дар низоми мониторинги қатъии рейтинги ҷаҳонии ширкатҳои ҳавопаймоӣ мебошад.

Идоракунии комплекси авиатсионии Тоҷикистон тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" сурат мегирад, ки дар он усулҳои асосии фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дақиқан нишон дода шудаанд. Аз ҷумла:

- волоияти Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- самаранокии ҳокимияти давлатӣ ва самтгирӣ ба натиҷаҳои ниҳоӣ;
- риоя ва шаффофияти манфиатҳои ҷомеа;
- ҳисоботи мушаххас дар низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ;
- ғайримарказонидании ҳокимияти давлатӣ;
- риояи одоби касбӣ ва поквиҷдонӣ дар амал ва рафторҳои хизматчиёни давлатӣ;

-асоснокӣ ва шаффофият дар тақсимот ва истифодаи захираҳо ва маблағҳои давлатӣ;

-шаффофият ва мушаххасии ташкил ва фаъолият дар низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ;

-кушода будани низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва ҷалби қисмати фаъоли аҳолӣ дар раванди идоракунии давлатӣ”.[39]

Зимнан, барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва саривақт бартараф кардани мушкилоти баамаломада, таъсиси сохторҳои дохилии назорат пешбинӣ карда шудааст, ки бояд инҳоро таъмин кунад:

«- риояи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти мақомот;

- ҳифзи амвол аз хароҷоти зиёдатӣ, расонидани зарар, ки аз нодуруст ё ғайримақсаднок истифода бурдани он, идоракунии бесалоҳият ва ё дигар сабабҳои ба он монанд сар задааст;

- ба мақсад мувофиқ будан ва самаранок будани фаъолияти мақомот зимни иҷро фаъолияташ;

Ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва ифшо кардани маълумоти саривақтӣ, дақиқ ва боэътимод дар бораи фаъолияти мақомот».[40]

Ин омил асосҳои воқеии институтсионалиро барои татбиқи тадбирҳои асосӣ оид ба самти фаъолият ҷиҳати дастрасӣ ба ҳадафҳо ва вазифаҳое, ки дар Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2021-2025: «муносибгардонии намудҳои нақлиёти роҳи оҳан, автомобилӣ ва ҳавоӣ ва тамоми навъҳои нақлиёт, аз ҷумла навъҳои махсус ғайрианъанавии нақлиёт ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ бо мақсади тезонидани рушди корхонаҳои саноатӣ»[41]-ро фароҳам меорад.

---

[39] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 16 апрели соли 2012, №828.

[40] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 16 апрели соли 2012, №828

[41] Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2021-2025. – Душанбе, 2021. – С.99.

Яке аз сабабҳои дар зербоби мазкури диссертатсия номбар кардани принсипҳо ва услубҳои муосир дар раванди мониторинги самаранокии низоми идоракунии комплекси авиатсинии кишвар ин аст, ки чунин принсипҳо на ҳамеша риоя карда мешаванд. Ва, ҳол он, ки риоя намудани принсипҳои идораи комплекси авиатсионии кишвар худ гарави муваффақ будани он мебошад.

**Хулосаи зербоби 1.3.**

1. Бе кӯшишҳои ҷиддӣ дар ҷодаи риоя гардидани принсипҳои идоракунии комплекси авиатсионӣ ва ба инобат гирифта шудани хусусиятҳои хоси соҳа рақобатпазирии авиатсияи граждании ватанӣ дар бозори ҷаҳонӣ ғайриимкон аст. Бинобар ин, арзёбии ҷаҳонии рейтинги ҷаҳонии ҳавопаймои миллӣ низ бояд мониторинги ширкатҳои миллиро ҳамаҷониба истифода намояд ва бо назардошти он такмили идораи комплекси авиатсионии кишварро анҷом диҳад.

2. Бо назардошти сарбории воқеии ҳавопаймо баррасии ҳамаҷонибаи таъминоти оптималии сӯзишворӣ, реҷаҳои парвоз, бо назардошти таъсири онҳо ба муҳлати муҳаррик ва дигар омилҳо шарти зарурӣ мебошад. Ҳалли масъалаҳои оптимизатсияи ҳар як роҳи ҳавоӣ дар хатсайрҳои байналмиллалии ҳавоӣ аз ҷиҳати дарозии худ ва манёври зарурӣ дар минтақаи аэродроми фуруд, беҳтар намудани сифати назорати навигатсионӣ ба иҷрои ҳар як парвоз, ки ба такмили ташкили кори парвоз мувофиқ аст зарур мебошад.

3. Дар соҳаи ташкили мусофиркашонӣ ба брон кардан ва фурӯши чиптаҳои авиатсионӣ бояд диққати хоса дода шавад. Низоми автоматии фармоиш ва фурӯши чиптаҳо ба парвозҳо бояд қисми фаъолияти самарабахши роҳбарияти ширкатҳои тоҷикистонӣ гардад.

# БОБИ 2.
# АРЗЁБИИ МЕХАНИЗМИ ИДОРАКУНИИ КОМПЛЕКСИ АВИАТСИОНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 2.1. Таҳлили вазъи кунунии механизми идоракунии комплекси авиатсионӣ

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолии худ аз низоми фармондиҳӣ-маъмурии идоракунии иқтисодиёт ба муносибатҳои бозорӣ гузашт. Комплекси авиатсионии ҷумҳурӣ дар ҷодаи интихоб қарор дошт, ки бо кадом роҳ равад, зеро дар шароити бозор ҳам идораи мустақилонаи комплекси авиатсионӣ ва ҳам идораи давлатии фаъолияти он имконпазир мебошад.

Таърихи ширкати ҳавопаймоии "Тоҷик Эйр" аз соли 1930 оғоз мешавад. Моҳи майи соли 1930 ду ҳавопаймои Ю-13 бо экипаж ба базаи доимӣ ба Тоҷикистони Шуравӣ омаданд ва аз Сталинобод ба Хуҷанд, Кӯлоб, Ғарм, Данғара ва Панҷ парвозҳои доимиро ба ҷо меоварданд. Пас аз як сол ҳавопаймоҳҳои П-5 ва Р-5 ба Шаҳритус ва Хоруғ парвоз намуданд. Моҳи марти 1933 дар Сталинобод 25 ҳавопаймои По-2 истифода мешуд. Дар ин давра хатсайрҳои Сталинобод-Фархор, Сталинобод-Ғарм-Ҳоит-Тоҷикобод-Ҷиргатол, Сталинобод - Ховалинг кушода шуданд. Соли 1935 бошад, ба Сталинобод ҳавопаймоҳҳои АНТ-9, СП-9, П-5 ворид гардиданд ва бо дастрасии техникаи нав хатсайрҳои Сталинобод-Муъминобод, Сталинобод-Ворошиловобод кушода шуданд. Соли 1940 Раёсати Флоти Ҳавоии Граждании Тоҷикистон ташкил карда шуд.

Комплекси авиатсионӣ бо суръати баланди кашонидани мусофиру бор аз дигар намудҳои нақлиёт фарқ мекунанд. Аммо, хидматҳои он бо арзиши баланд иҷро шуда, вобастагӣ аз шароити обу ҳаво дорад ва инчунин, ба он маҳдудияти андоза ва вазни борҳои интиқолшаванда хос аст. Аз ин лиҳоз, ин соҳаи комплекси нақлиёт асосан ба таъмини мусофиркашонии ба масофаи дур, инчунин ба зудӣ расонидани борҳои хурд ва гаронбаҳо нигаронида шудааст. Бори аввал экипажҳои ҳавопаймоҳои ҷумҳурӣ зери нишони ширкати ҳавопаймоии «Тоҷикистон» 15 майи соли 1992 ба парвоз шурӯъ карданд. Дар

давраи аз соли 1995 то 1999 ба Ҷумҳурии Исломии Покистон, Ҳиндустон, Афғонистон, инчунин ба як қатор давлатҳои Аврупо ва кишварҳои баҳри Миёназамин хатсайрҳои ҳавопаймоии байналмилалӣ кушода шуданд. То соли 1999 аз 47 фурудгоҳи фаъол дар ҷумҳурӣ 10-тоаш фаъолият мекард ва парки ҳавопаймою чархболҳо аз 40 воҳиди таҷҳизоти корӣ иборат буд. Соли 2004 ширкати давлатии авиатсионии «Тоҷикистон» ба КВД «Тоҷикистон», ва соли 2006 ба КВД «Тоҷик Эйр» табдил дода шуд.

Мутобиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 491 аз 01.10.2008 Корхонаи воҳиди давлатии авиатсионии «Тоҷик Эйр» ба 5 корхонаи мустақил табдил дода шуд: - Корхонаи воҳиди давлатии «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе»; - Корхонаи воҳиди давлатии «Фурудгоҳи байналмилалии Хуҷанд»; - Корхонаи воҳиди давлатии «Фурудгоҳи байналмилалии Қӯрғонтеппа»; - Корхонаи воҳиди давлатии «Фурудгоҳи байналмилалии Кӯлоб»; - Корхонаи воҳиди давлатии "Аэронавигсияи Тоҷикистон". Тибқи Қарори иловагии Ҳукумат (№ 568 аз 20 ноябри соли 2008) дар заминаи Корхонаи воҳиди давлатии Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе, Агентии алоқаи ҳавоӣ, Ширкати сӯзишворӣ ва Маҷмааи фарҳангию фароғатии «Авиатор» таъсис дода шуданд.

Авиатсияи граждании Тоҷикистон дар ихтиёри худ қариб 9480 километр роҳҳои авиатсионӣ дорад. То соли 2008 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 16 фурудгоҳ мавҷуд буд, ки аз онҳо 4 фурудгоҳ ба фурудгоҳҳои аҳамияти байналмилалӣ ва 12 фурудгоҳи аҳамияти ҷумҳуриявӣ дохил карда шудаанд. Илова бар ин, 21 фурудгоҳи дорои аҳамияти ҷумҳуриявӣ фаъол набуд. Аксари фурудгоҳҳо бо нарасидани ҳаҷми ҳаракати нақлиёт тавсиф мешаванд, ки ин бо рушди нокифояи инфрасохтор алоқаманд аст. Ин барои азнавсозии фурудгоҳҳо хароҷоти иловагии асосиро талаб мекунад. Дар давраи зикршуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамлу нақли ҳавоӣ аз ҷониби 3 ширкати ҳавопаймоӣ анҷом дода шуд. Афзоиши шумораи парвозҳо дар як шабонарӯз аз ҷониби ширкатҳои ҳавопаймоии Тоҷикистон танҳо дар фурудгоҳҳои Душанбе ва Хуҷанд мушоҳида мешавад.

Дар ҷумҳурӣ шумораи умумии ҳавопаймоҳҳо 37 адад, аз ҷумла, 33 ҳавопаймо ва 4 чархбол мебошад. Айни ҳол аз шумораи умумии комплекси

авиатсионӣ: 48,6% ҳавопаймо, 75% чархбол корношоям мебошад. Бо мақсади нигоҳ доштани бозори хизматрасонии авиатсионӣ ва эҷоди рақобат дар ширкатҳои ҳавопаймоии байналмилалӣ соли 2006 ҳавопаймоҳои навъи В-737-200 ба иҷора гирифта шуданд. Авиатсияи гражданӣ як соҳаи рушдёбандаи нақлиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки ҳам дар ҳамлу нақли дохилӣ (маҳаллӣ) ва ҳам дар ҳамлу нақли байналмилалии бор ва мусофиркашонӣ иштирок менамояд.

Бо мақсади рушди соҳаи авиатсияи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Раёсати авиатсияи граждании Вазорати нақлиёт як қатор корҳо тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва талаботҳои байналмилалӣ ба анҷом расонида шуда, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа ба таври зарурӣ таҳия ва татбиқ карда шуданд. Вобаста ба ин, дар асоси талаботҳои Ташкилоти байналмилалии авиатсияи гражданӣ (ИКАО) зиёда аз 200 адад Қоидаҳои умумии авиатсияи гражданӣ, Дастурамалҳо, Низомномаҳо ва Дастурҳо ба тавсиб расонида шуда, дар корхонаҳои авиатсионии ҷумҳурӣ мавриди амал қарор доранд.

Дар Тоҷикистон дар соли 2017 боз як таҷдиди сохторӣ дар соҳаи авиатсияи шаҳрвандӣ сурат гирифт. Идораи авиатсияи гражданӣ ба Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил шуд. Шуъбаи сертификатсия ба шуъбаи танзим ва назорат дар соҳаи нақлиёт табдил ёфт. Раёсати авиатсияи граждании назди Вазорати нақлиёт бо роҳи муттаҳид кардани ин ду шуъба сохторҳои нав таҳия намуда, Агентии авиатсияи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил дод.

Моҳи декабри соли 2018 қарори таъсиси Агентии авиатсияи гражданӣ дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад. Ба сохтори Агентӣ се идора дохил мешавад: идоракунии сиёсати назорат, сертификатсия ва шуъбаи бехатарии авиатсия. Сохторҳои нав музди меҳнати коргаронро баланд карда, ҷадвали штатиро зиёд карданд. Идораи авиатсияи гражданӣ курси такмили ихтисос дар соҳаи авиатсияи гражданӣ ташкил кард.

1. Курси бехатарии авиатсионӣ;

2. Бехатарии парвоз барои коргарон.

ҶСК «Тоҷик Эйр» ширкати миллии ҳавопаймоии Тоҷикистон соли 2016 ширкат 520 коргар дошт. Авиапарки ҶСК «ТоҷикЭйр» 3 Боинг ва 4 чархбол дорад ва ҳавопаймоҳои фарсуда, аз истеҳсолот хориҷ карда шуданд. Инҳо ҳавопаймоҳои ТУ- 154м - 4 адад, ТУ-134, АВ-28, АН26 - 4 адад мебошанд. Ба далели мушкилоти молӣ ширкат барои сӯзишворӣ ҳам аз фурудгоҳ ва ҳам аз авианавигатсия (ҳавонавардӣ) қарздор аст. Сабаби мушкилоти молии ширкати “Тоҷик Эйр” дар ин аст:

1. Лизинги гаронбаҳои ҳавопаймо;

2. Нархҳои баланди авиакеросин;

3. Хизматрасонии гаронбаҳои фурудгоҳ.

Бо сабаби нав нашудани флоти ҳавоии ҶСК «Тоҷик Эйр» аз экипажи парвоз сар карда, то коркунони техникӣ ихтисори штатҳо ба амал омад. Ширкати ҳавопаймоӣ натавонист кормандони худро нигоҳ дорад. 90% мутахассисони авиатсионӣ ва техникӣ аз ҳисоби маблағҳои ширкат тайёр карда шуданд. То соли 2010 ҳамаи коргарони КВД «Тоҷик Эйр», фурудгоҳҳо авианавигатсия аз ҳисоби маблағҳои корхона омӯзонида шуда буданд. Аз соли 2019 фаъолияти ширкати ҶСК "Тоҷик Эйр" ба далели мавқеъ дар назди дигар корхонаҳои авиатсионӣ мутаваққиф шудааст. 400 нафар кормандон ихтисор карда шуданд (пилотҳо ва техникҳои ҳавопаймоҳо ва кормандони техникӣ) ҶСК «Тоҷик Эйр» натавонист ҳайати кадриро нигоҳ дорад. Барои нигоҳ доштани ҳайати роҳбарияти ширкати ҶСК «Тоҷик Эйр» бояд пешниҳоди тиҷоратӣ оид ба таъмини фаъолияти ҳайати ҳавопаймо ва техникӣ нашр намояд. Қисме аз ҳайати ҳавопаймо ва кормандони техникӣ дар Қазоқистон ва як қисми дигар дар Россия ва қисме дар ҳавопаймоҳои "Сомон Эйр" кор мекунанд.

Яке аз вазифаҳои асосии ҶСК «Тоҷик Эйр», ин васеъ кардани ҷуғрофиёи парвозҳо, таъмини бехатарӣ, эътимоднокӣ ва бароҳат буда, стратегияи рушди онро муайян мекунад.

Бо мақсади таҳлили вазъи воқеии соҳаи авиатсияи граждании дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мебоист фаъолияти ин соҳаро дар даҳ соли охир дида баромада,

вазъи кунунии онро баҳогузорӣ намуд. Бояд қайд кард, ки мувофиқи Барномаи давлатии ислоҳот ва рушди соҳаи авиатсияи граждании дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, соҳаи авиатсияи гражданӣ ба чанд зерсоҳа ва ё ширкатҳои мустақил тақсим шуда, фаъолияти худро пеш бурда истодаанд.

Дар давоми даҳ соли охир раванди косташавии ҳиссаи иштироки ширкатҳои миллии ҳавопаймои дар бозори хизматрасониҳои ҳавоӣ ба назар мерасад. Чунин хулоса дар асоси таҳлили ҳисоботҳои даврии Раёсати авиатсияи граждании Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён омад. Маълумоти таҳлилӣ поёнтар, дар ҷадвали 2.1 оварда шудааст.

Таҳлили ҳаҷми химатрасониҳои пешкашшуда нишон медиҳад, ки дар давраи омӯхташаванда, ҳиссаи ширкатҳои миллии ҳавопаймоӣ торафт кам шуда, дар бозори миллӣ ширкатҳои хориҷӣ фаъолияти худро зиёд намуданд.

**Ҷадвали 2.1. - Тақсимоти бозори хизматрасонии ҳавопаймоӣ**

| | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ширкатҳои миллӣ | 71,3% | 71,5% | 72,6% | 69,0% | 63,1% | 54,3% | 45,4% | 47,8% | 30,1% | 33,4% | 35,8% |
| Ширкатҳои хориҷӣ | 28,7% | 28,5% | 27,4% | 31,0% | 36,9% | 45,7% | 54,6% | 52,2% | 69,9% | 66,6% | 64,2% |

**Сарчашма:** ҷадвал, аз тарафи муаллиф, дар асоси ҳисоботҳои даврии Раёсати авиатсияи граждании Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст.

Аз рӯи маълумоти бадастомада, дида мешавад, ки агар соли 2012 ҳиссаи ширкатҳои ватанӣ дар бозор зиёда аз 71%-ро ташкил диҳад, то охири соли 2022, иштироки онҳо то ба 35,8% костааст. Сабабҳои косташавии ҳиссаи иштироки ширкатҳои миллӣ дар бозори хизматрасониҳои ҳавопаймоӣ гуногун буда метавонанд.

Бояд тазаккур дод, ки соли 2017 яке аз ширкатҳои миллӣ “Ист эйр” фаъолияти худро дар Тоҷикистон қатъ кард, аз соли 2021 бошад ширкати дигари ватанӣ “Тоҷик эйр” фаъолияташро муваққатан боздоштааст.

Сабабҳои асосии чунин вазъият, вазнин будани вазъи молиявии ин ширкатҳо, сатҳи ғайриқаноатбахши сохтори идоракунӣ, ба таври кофӣ дарк накардани талаботҳои бозор ва эҳтиёҷоти мизоҷон мебошад. Тамоюли

тағйиротҳои бозори хизматрасониҳои ҳавоӣ дар даҳсолаи охир, дар расми 2.1 ба таври мушаххас оварда шудааст.




**Расми 2.1. - Тамоюли тақсимоти бозори химатрасонии ҳавопаймоӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси ҳисоботҳои даврии Раёсати авиатсияи граждании Вазорати наклиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Бояд қайд кард, ки фурудгоҳҳои байналмилалӣ инчунин дар пешниҳоди хизматрасониҳо дар соҳаи ҳамлу нақли мусофирон нақши муҳим мебозанд. Барои баҳогузории сатҳи хизматрасонии фурудгоҳӣ ва муайян намудани дараҷаи рушди онҳо фаъолияти онҳоро тахти омӯзиш қарор медиҳем. Фаъолияти фурудгоҳҳо мебоист дар ду ҷабҳаи баҳодиҳӣ аз назар гузаронида шавад: ҳамлу нақли мусофирон ва кашонидани борҳои гуногун. Поёнтар, дар ҷадвали 2.2 маълумоти таҳлилӣ оиди фаолияти фурудгоҳҳо дар даҳ соли охир оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.2. - Тамоюли тағйирёбии ҳамлу нақли шумораи мусофирон**

| | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **ФБД** | 1320 | 1270 | 1310 | 1180 | 1124 | 1150 | 1341 | 1442 | 496,1 | 925,7 | 1260,2 |
| **ФБХ** | 680 | 665 | 695,7 | 597,4 | 523,3 | 532,1 | 544,4 | 663,4 | 154 | 379,2 | 678,8 |
| **ФББ** | 50 | 130 | 154,2 | 47,4 | 45,7 | 21,1 | 3,6 | 55,9 | 10 | 56,1 | 102,8 |
| **ФБК** | 175 | 190 | 167,3 | 143,7 | 76,7 | 83,3 | 108,1 | 102,2 | 27,2 | 232,7 | 264,3 |

**Сарчашма: ҷадвал, аз тарафи муаллиф, дар асоси ҳисоботҳои даврии Раёсати авиатсияи граждании Вазорати наклиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст.**

Маълумоти дар боло овардашуда, дар асоси ҳисоботҳои даврии Раёсати авиатсияи граждании Вазорати наклиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии авиатсияи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил ва таҳия шудааст. Аз он маълум мегардад, ки фаъолияти фурудгоҳҳо низ бо ширкатҳои

ҳавопаймоӣ алоқамандии зич дошта, лапиши ҳаҷми интиқоли бору мусофирон ба фаъолияти онҳо низ таъсир мерасонад.  Таҳлил нишон медиҳад, ки солҳои 2015 – 2017 дар ҳар чор фурудгоҳҳо камшавии ҳаҷми хизматрасонӣ дида мешавад, намунаи дигари афзоиши манфии ҳаҷми хизматрасониҳо соли 2020 бинобар сабаби паҳншавии COVID -19 дида мешавад.

Мувофиқи маълумотҳои расмӣ, бӯҳрони молиявӣ ба ширкатҳои ҳавопаймоии хориҷӣ таъсири худро расонид ва якчанд ширкатҳои ҳавопайпоии бозори миллии ин хизматрасониҳоро соли 2015 тарк карданд. Сабаби асосии тарк кардани бозор, ноустувории вазъи молиявии ширкатҳо ва ё муфлисшавии онҳо мебошад.

Тамоюли тағйиротҳои ҳаҷми хизматрасонӣ ба мусофирон, поёнтар, дар расми 2.2 оварда шудааст.




**Расми 2.2. - Тамоюли тағйирёбии ҳаҷми хизматрасониҳо дар фурудгоҳҳои байналмилалӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси ҳисоботҳои даврии Раёсати авиатсияи граждании Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Аз рӯи таҳлили овардашуда, мо дида метавонем, ки чи тавр омилҳои дарунаву беруна ба ҳаҷми фаъолияти хизматрасонии фурудгоҳҳои байналхалқии мо таъсири худро гузоштаанд. Чи тавре, ки дар боло қайд карда будем, ду давраи лаппиши ҳаҷми хизматрасониҳои фурудгоҳҳо мушоҳида мешаванд. Лаппиши якум ба солҳои 2015 – 2017 рост омада, сабаби асосии он таъсири бӯҳрони молиявӣ ва муфлисшавии ширкатҳо мебошад. Лаппиши дуюм ба соли 2020 рост

омада сабаби асосии он пандемия ва маъракаи пешгирии паҳншавии COVID 19 мебошад, ки бараъло дар расми 2.2. муоина карда мешавад. Айни замон мо дар ин расм як тамоюли дигарро дида метавонем ва он ба Фурудгоҳи байналмилалии Бохтар (ФББ) алоқамандӣ дорад. Чи тавре қайд карда будем, соли 2017 ширкати миллии “Ист эйр” муфлис шуд ва инро дар тағйирёбии хати каҷи ҳаҷми ҳамлу нақли мусофирон дар диаграммаи 2.2 дида метавонем.

Таҳлили нисбии нишондиҳандаҳои дар ҷадвали 2.2 овардашуда ошкор месозад, ки ширкатҳои ҳавопаймоӣ кӯшиш ба харҷ медиҳанд, то аз хизматрасонии фурудгоҳҳои байналмилалии Душанбе ва Хуҷанд бисёртар истифода баранд. Қисмати зиёди ҳаҷми умумии хизматрасониҳо ба ин ду фурудгоҳ рост меояд. Ин тамоюлро дар расми 2.3 бараъло мушоҳида кардан мумкин аст.




**Расми 2.3. - Тамоюли афзалияти интихоби мусофирон ва ширкатҳо**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси ҳисоботҳои даврии Раёсати авиатсияи граждании Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Шумораи мусофироне, ки ин ё он самтро интихоб мекунанд, ба ҳаҷми умумии хизматрасониҳо таъсири худро расонида ҳиссаи ҳар як фурудгоҳҳои байналмиллалиро дар ҳаҷми умумии хизматрасонӣ муайян мекунанд. Таҳлили маълумотҳои дар ҷадвали 2.2 нишон медиҳад, ки Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе (ФБД) пешсаф буда, зиёда аз нисфи хизматрасониҳо ба он рост меояд.

Тамоюли майлу рағбати мусофирон ва ҳиссаи хизматрасониҳои пешкашшуда дар назардошти фурудгоҳҳо дар диаграммаи 2.4 оварда шудааст.




**Расми 2.4. - Ҳачми мусофиркашонӣ аз фурудгоҳҳои байналмиллалии Тоҷикистон**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси ҳисоботҳои даврии Раёсати авиатсияи граждании Вазорати наклиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҷанбаи дигари баҳодиҳӣ, чи тавре ки мо дар боло кайд карда будем, ин кашонидани борҳо мебошад. Натиҷаи таҳлили маълумотҳои оморӣ, ки дар ҳисоботҳои даврии Раёсати авиатсияи граждании Вазорати наклиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии авиатсияи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ шудаанд, тамоюли дигари ҳаракати борҳоро нишон медиҳад. Маълумоти таҳлилӣ дар ҷадвали 2.3 оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.3: Тамоюли кашонидани борҳои гуногун бо гурӯҳбандӣ аз рӯйи нуқтаи ниҳоӣ.**

| | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ФБД | 2801 | 2551 | 2800 | 2599 | 2612 | 2580 | 2523 | 2543 | 382,4 | 1422 | 1256,3 |
| ФБХ | 853,3 | 689 | 547 | 375,7 | 270,1 | 280,4 | 303,4 | 259,4 | 111,7 | 58,4 | 57 |
| ФББ | 238 | 1790 | 1866 | 889,4 | 694,8 | 152,3 | 52,1 | 753,4 | 203,4 | 859,8 | 1138,7 |
| ФБК | 1764 | 1598 | 1701 | 1624 | 1660 | 1680 | 1715 | 1609 | 410,2 | 3351 | 3861,2 |

**Сарчашма: Ҷадвал, аз тарафи муаллиф, дар асоси ҳисоботҳои даврии Раёсати авиатсияи граждании Вазорати наклиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст**

Таҳлили қиёсии маълумотҳои овардашуда нишон медиҳад, ки ҳиссаи зиёди борҳо бо тариқи фурудгоҳи байналмилалии Душанбе ва Кӯлоб интиқол мешаванд ва ин ду воҳиди хоҷагидор ҳиссаи калони бозори химатрасониҳоро

соҳиб мебошад. Тамоюли умумии ҳамлу нақли бор дар давраи омӯхташаванда бо воситаи график, поёнтар дар расми 2.5 оварда шудааст.




**Расми 2.5. - Тамоюли умумии ҳамлу нақли борҳо бо воситаи фурудгоҳҳо**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси ҳисоботҳои даврии Раёсати авиатсияи граждании Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Чи тавре ки аз таҳлили графикии маълумотҳои оморӣ бармеояд, тамоюли умумии ҳамлу нақли бор бо воситаи фурудгоҳҳои байналмилалии Тоҷикистон як хусусияти хосро дорост. Мизоҷон қисмати зиёди борҳоро бо воситаи фурудгоҳҳои байналмилалии Душанбе ва Кӯлоб интиқол шуда, фурудгоҳи байналмилалии Бохтар ва Хуҷанд нисбатан камтар истифода мешаванд. Фурудгоҳи байналмилалии Бохтар фақат солҳои 2013 – 2014 нишондиҳандаҳои мусбии ҳаҷми боркашониро нишон дода, соли 2018 бошад, умуман ягон ҳаҷми бор интиқол нашудааст. Омилҳои дар боло зикршуда, яъне буҳрони молиявии солҳои 2016 – 2017 ва пандемияи COVID -19 дар соли 2020 таъсири манфии худро ба ҳаҷми боркашонӣ расонидаанд. Лаппиши манфии ҳаҷми боркашонӣ дар давраҳои мазкур бараъло дар ҷадвали 2.5 муоина мешавад.

Бо дарназардошти ин омилҳо ва далелҳо мо метавонем таҳлили қиёсии ҳар як фурудгоҳро гузаронем. Таҳлили қиёсии тамоюли боркашонӣ дар расми 2.6 оварда шудааст.




**Расми 2.6. - Ҳаҷми боркашони бо воситаи фурудгоҳҳои байналхалқӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси ҳисоботҳои даврии Раёсати авиатсияи граждании Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар навбати худ, бо мақсади саҳеҳтар намудани вазъи рушди бозори боркашонӣ зарур аст, то ҳаҷми тақсимоти бозори боркашонӣ бо воситаи фурудгоҳҳои ҳавоӣ баҳогузорӣ карда шавад. Таҳлили маводҳои мавҷуда нишон медиҳад, ки ҳамаи фурудгоҳҳо тамоюли лапиши ҳаҷми боркашонӣ нишон медиҳанд. Маълумоти таҳлилӣ ба таври графикӣ дар расми 2.7 оварда шудааст.




**Расми 2.7. - Ҳиссаи фурудгоҳҳо дар интиқоли бор**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси ҳисоботҳои даврии Раёсати авиатсияи граждании Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Айни замон бо мақсади баҳодиҳии ҳолати рушди бозори миллии хизматрасонии ҳавопаймоӣ мебоист ҳиссаи ширкатҳои миллии ҳавопаймоиро дар интиқоли мусофирон таҳлил кард. Мувофиқи маълумоти таҳлилӣ дар асоси ҳисоботҳои даврии Раёсати авиатсияи граждании Вазорати нақлиёт Ҷумҳурии

Тоҷикистон ва Агентии авиатсияи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи таҳлилӣ, шумораи мусофирони кашонидашуда аз тарафи ширкатҳои миллӣ тадриҷан паст шуд. Маълумот дар ҷадвали 2.4, поёнтар оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.4. - Тамоюли тағйирёбии шумораи мусофирони интиқол шуда**

| | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ҶСК "Тоҷик эйр" | 290,3 | 291,4 | 281,3 | 239,4 | 241,4 | 355,9 | 359,8 | 55,3 | 40,3 | 0,00 | 0,00 |
| ҶДММ "Сомон эйр" | 384,5 | 385,3 | 422,9 | 352,1 | 392,6 | 508,7 | 557,4 | 676,5 | 259,7 | 380,0 | 275,0 |
| ҶСП "Ист эйр" | 147,8 | 149,7 | 163,6 | 0,00 | 0,00 | 0,00 | 0,00 | 0,00 | 0,00 | 0,00 | 0,00 |

**Сарчашма:** ҷадвал, аз тарафи муаллиф, дар асоси ҳисоботҳои даврии Раёсати авиатсияи граждании Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст.

Чи тавре, ки дар боло мо қайд карда будем, бинобар сабаби муфлисшавии ширкати ҳавопаймоии “Ист эйр” ва муваққатан боздошт шудани фаъолияти “Тоҷик эйр” ҳаҷми шумораи мусофирони интиқолшуда аз тарафи ширкатҳои ватанӣ кам шуда, ҳисаи онҳо дар бозор кам шудааст. Сабабҳои асосии нокомшавӣ, ин заиф будани сохтори идоракунӣ, вазъи ноустувори молиявӣ ва нотавонии пешбинии бозор мебошанд. Дар расми 2.8 тамоюли тағйироти шумораи мусофирони аз тарафи ширкатҳои ватанӣ интиқолшуда ба таври графикӣ оварда шудааст.




**Расми 2.8. - Тамоюли шумораи мусофирони интиқолшуда**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси ҳисоботҳои даврии Раёсати авиатсияи граждании Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ин лаппиши манфӣ дар ҳиссаи хизматрасониҳо аз тарафи ширкатҳои ватанӣ боиси он гардид, ки ҳиссаи бозори хизматрасониҳои ҳавопаймоӣ ба фоидаи ширкатҳои хориҷӣ тағйир ёфт. Тамоюли тағйиротҳои бозор дар расми 2.9 поёнтар оварда шудааст.

Дар тамоми марҳилаҳои тараққиёти иқтисодиёт низомии нақлиёт эҳтиёҷоти соҳаҳои саноат ва аҳолиро ба ҳаракати фаврии бор ва мусофирон таъмин менамояд. Дар баробари ин, хусусияти асосии низоми нақлиёт хусусияти ғайримоддии маҳсулоти истеҳсолшаванда мебошад. Ин низоми кори муътадили соҳаҳои истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолии иқтисодиётро таъмин намуда, талаботи аҳолиро қонеъ мегардонад ва аз ин рӯ, соҳаи хизматрасонӣ мебошад. Низоми нақлиёт дар як вақт ҳам ҳамчун истеъмолкунанда ва ҳамчун истеҳсолкунанда баромад мекунад, зеро вай воситаҳои нақлиёт, сӯзишворӣ ва дигар маҳсулоти соҳаҳои гуногуни иқтисодро, инчунин захираҳои меҳнатиро истифода мебарад. Аз ин лиҳоз, суръати рушди низоми нақлиёт бояд аз эҳтиёҷоти кашондани бор ва мусофирон чанд маротиба зиёдтар бошад.




**Расми 2.9. - Ҳиссаи шумораи мусофирони кашонидашуда аз тарафи ширкатҳои ватанӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси ҳисоботҳои даврии Раёсати авиатсияи граждании Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ба инобат нагирифтани мавқеи нақлиёт дар иқтисодиёт боиси қафомонии соҳаҳои алоҳидаи истеҳсолоти саноату хоҷагии қишлоқ мегардад. Ҳамин тавр, роҳҳои бад ва ё набудани роҳ имкон намедиҳад, ки маҳсулоти тайёр содир карда

шавад, ки ин махсусан барои кишоварзӣ, ки ҳар як навъи маҳсулот муҳлати нигоҳдории маҳдуд дорад, зарар дорад. Нақлиёт дар раванди истеҳсолии ҳар як корхона, кашондани ашёи хом, маҳсулоти нимтайёр, маҳсулоти тайёр иштирок мекунад, ки ин шарти ҳатмии истеҳсолоти ҷамъиятӣ мебошад. Маҳсулот танҳо вақте барои истифода омода аст, ки ҳаракати он ба ҷои истеъмол ба охир мерасад.

Дар баробари ин, бояд дар назар дошт, ки нақлиёти дохили истеҳсолӣ ба воситаҳои истеҳсолот ва равандҳои истеҳсоли мол дар корхонаҳое, ки ба он хизмат мерасонад, дохил мешаванд, яъне дар баъзе мавридҳо нақлиёт қисми таркибии раванди технологии истеҳсолӣ ин ё он маҳсулот мебошад. Аҳамияти иқтисодии низоми нақлиёт дар ҳаёти ҷомеа таъмини рушд, робита ва ҳамоҳангсозии тамоми соҳаҳои иқтисодиёт буда, рушди нақлиёт яке аз вазифаҳои стратегии дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 муайянгардида мебошад.

Тавре ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии ҷумҳурӣ» аз 21 декабри соли 2021 қайд гардид, дар соли 2017 мо ба яке аз ҳадафҳои муҳим ноил гардидем. Ҳадафҳои стратегии мо, яъне Тоҷикистон, ки ба се қисм тақсим шуда буд, ба қаламрави ягона табдил ёфт ва тавассути долонҳои нақлиётӣ пайвастани онро ба кишварҳои ҳамсоя, кишварҳои дуру наздик таъмин намуд. Айни замон дар соҳаи нақлиёт татбиқи 13 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи умумии беш аз 11 миллиард сомонӣ идома дорад, ки ба табдил додани Тоҷикистон ба кишвари дорои шароити муосири транзитӣ мусоидат мекунад[42].

Ба ғайр аз ин, рушди босуръати илм, техника ва технология дар соҳаи нақлиёт ва алоқа боиси кам шудани хароҷоти нақлиёт ва алоқа, коркард, расондан, нигоҳ доштан ва истифода бурдани иттилоот гардид. «Азбаски ҳадафи асосии раванди ҷаҳонишавӣ ин рушди савдои байналмилалӣ мебошад, воситаҳои

---

[42] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии ҷумҳурӣ» 21.12.2021. - [Захираи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: http://www.president.tj/ru/node/27418., кушода, санаи муроҷиат: 17.0222.

муосиру пуриқтидори алоқаи нақлиётӣ ва имкониятҳои нави интиқоли миқдори зиёди бор ва мусофирон боиси босуръат рушд додани муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва дигаргуниҳои куллии ҳаёти ҷамъиятию сиёсии ҷамъият гардиданд».[43]

Соҳаи авиатсия як қатор фаъолиятҳоро оид ба таҳия, истеҳсол, истифода, нигоҳдорӣ ва таъмири ҳавопаймоҳоро дар бар мегирад. Шумораи зиёди корхонаҳо ва ширкатҳои бо соҳаҳои илм ва истеҳсолот бо саноати авиатсионӣ алоқаманданд, ки супоришҳо ва пешравиҳои худро иҷро кунанд. Дар маҷмуъ, ин гуногунии муносибатҳо на маҷмуи оддии унсурҳо, балки низомеро ташкил медиҳанд, ки маҷмуи органикии унсурҳоест, ки бо ҳамдигар амал мекунанд ва ҳамаи воҳидҳои сохтории онҳо бо ҳам алоқаманданд.[44]

Тағйироти иҷтимоию иқтисодӣ ва иҷтимоию сиёсӣ дар кишвар дар солҳои истиқлолият тағйироти куллӣ дар ташкили низоми нақлиёти ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон тақозо кардааст. Ин ягонагии қисмҳои мураккаб ҷойгиршуда ва ба таври органикӣ бо ҳам алоқаманди ташкили ҳаракати одамон ва бор тавассути ҳавопайморо дар назар дошта, иборат аз: ҳайати кормандон, ҳавопаймоҳо, ширкатҳои ҳавопаймоӣ, фурудгоҳҳо, корхонаҳои идоракунии ҳаракати ҳавоӣ, ташкилотҳои нигоҳдорӣ ва таъмири ҳавопаймоҳо, марказҳои тайёр кардани кадрҳо, ташкилотҳои илмӣ, муассисаҳои таълимӣ[45].

Дар баробари ин маълум аст, ки «омилҳои ҳалкунандаи афзоиши рақобатпазирӣ дар бисёр соҳаҳои саноат инҳо мебошанд:

1) кадрҳои баландихтисос - аз коргар то роҳбари дараҷаи олӣ;

2) ҳавасмандгардонии самаранок;

---

43 Sharif Rahimzoda. The economy of Tajikistan in the context of globalization [Text] / Sharif Rahimzoda. – Dushanbe, 2020. - p. 40.

44 Припадчев А. Д. Определение оптимального парка воздушных судов/ [Текст] / А.Д. Припадчев. - М.: «Академия Естествознания», 2009. – с. 35.

45 Дар айни ҳол Ҷумҳурии Тоҷикистон институтҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва муассисаҳои таълимии ин соҳаро надорад.

3) дараҷаи шаклҳои ташкилие, ки нишондиҳандаҳои сифатии амалиёти кадрҳоро муайян мекунанд ва ғайра истифода мешаванд».[46]

Мавқеи стратегии Тоҷикистон дар минтақаи Осиёи Марказӣ маънои онро дорад, ки ҷумҳурӣ имконияти ташкили як маркази логистикии авиатсиониро барои ҳамлу нақли мусофирон ва ҳам боркашонӣ дорад. Илова бар ин, комплекси авиатсионӣ аз нуқтаи назари низоми нақлиёти миллӣ ва байналмилалӣ ҳамчун заминаи рушди иқтидори иқтисодӣ баромад мекунад.

Таҳлили мунтазами мушкилоти идоракунии тайёр кардани кадрҳои дорои маълумоти касбӣ ва олии соҳаи комплекси авиатсионӣ нишон медиҳад, ки механизмҳои асосии баланд бардоштани сатҳи низоми кадрҳо инҳоянд:

- Баҳисобгирии равишҳои инноватсионӣ ва оптимизатсия, ки ба талаботи пешрафта оид ба самаранокӣ, сифат ва эътимоднокии фаъолият ва рушди комплекси авиатсионӣ дар захираҳои таълимӣ нигаронида шудаанд;
- таъмини мувофиқати ҳаҷми низоми тайёр кардани кадрҳо ва эҳтиёҷоти корхонаҳои авиатсионӣ;
- ноил шудан ба пайвасти максималии хусусиятҳои салоҳияти стандартҳои касбӣ ва таълимӣ.

Аз рӯи баҳои ду созмони бонуфузи байналмилалии авиатсионӣ - Созмони байналмилалии авиатсияи граждании (ИКАО) ва Ассотсиатсияи байналмилалии нақлиёти ҳавоӣ (IATA) - нақлиёти ҳавоии ҷаҳонӣ дар таърихи худ бӯҳрони бузургро аз сар мегузаронад.

Зараровар будани фаъолияти бисёр ширкатҳои ҳавопаймоиро метавон бо сабабҳои умумӣ шарҳ дод: болоравии арзиши ҳавопаймоҳои муосир, сӯзишвории авиатсионӣ, хидматрасонии рӯизаминӣ, хароҷоти умумии истифодабарӣ, андозҳо, пардохтҳои гуногун ва пардохтҳои иловагии аз ҷониби ҳукуматҳо ва фурудгоҳҳо муқарраршуда, инчунин маоши кормандон мебошад.

[46] Бабаджанов Р.М. Институциональные основы формирования и функционирования человеческого капитала Республики Таджикистан [Текст] / Р.М. Бабаджанов // Экономика Таджикистана. – 2022. - №1. - С. 41.

Аммо ширкатҳои зиёновар зарари худро аз ҳисоби давлат ва дигар манбаъҳо мепӯшонанд ва рақобатро дар бозор идома медиҳанд.

Дар умум дигаргуниҳои сохторӣ дар як қатор ширкатҳои ҳавопаймоӣ гузаронида шуданд, бисёриҳо маҷбур шуданд як қисми кормандонро ихтисор кунанд, бекорӣ дар байни кормандони маъмурӣ ва ёрирасон оғоз ёфт, умуман, фармоишҳо барои ҳавопаймоҳои нав 60% кам карда шуданд (фармоишҳо барои 1000 ҳавопаймо бекор карда шуданд ё мавқуф гузошта шуд), ширкатҳои ҳавопаймоии зиёновар барҳам дода шуданд, сиёсати сарфаҷӯӣ ва кам кардани хароҷот ворид карда шуд, барои беҳтар кардани сифати хизматрасонӣ чораҳо андешида мешаванд ва самтҳои паҳлӯии фаъолият васеъ мешаванд: сохтмони меҳмонхона, хизматрасонии туристӣ, хизматрасонии комплексии молирсолкунандагон ва қабулкунандагон, хизмати ғайрианъанавӣ – ҳамаи он чизе, ки манбаи иловагии даромад шуда метавонад. Ширкатҳои ҳавопаймоӣ роҳҳои бартараф кардани душвориҳои умумиро меҷӯянд.

**Хулосаи зербоби 2.1.**

1. Мушкилоти бехатарии парвоз ва ҳифзи муҳити зист ба миён омада, босуръат иваз кардани ҳавопаймоҳҳои фарсуда, ки ба талабу меъёрҳои қатъитар (аз чиҳати садо ва партовҳои зараровар аз муҳаррикҳои ҳавопаймоҳҳо) мувофиқ нестанд, дар назар дошта шудааст. Афзоиши ҳаҷми ҳаракати нақлиёт бо мураккаб ва пурзӯр кардани расмият дар фурудгоҳҳо бинобар талаботи амният маҳдуд хоҳад шуд.

2. Қисми зиёди ширкатҳои ҳавопаймоӣ аз мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ вобастаанд ё комилан таҳти назорати онҳо қарор доранд, ки ин пеш аз ҳама дар сертификатсияи ширкатҳои ҳавопаймоӣ, иҷозатномадиҳии парвозҳо дар ширкатҳои мушаххас, назорати чадвали парвозҳо ва тарифҳои ҳамлу нақли ҳавоӣ ифода меёбад.

3. Аксари бозорҳои сайёҳии ҳавоӣ то ҳол таҳти танзими пурра ё қисмани ҳукумат қарор доранд. Фаъолияти ширкатҳои ҳавопаймоӣ бештар аз инфрасохтори монополӣ (фурудгоҳҳо, хадамоти Хадамоти зиддинҳисорӣ)

вобаста аст. Бо назардошти мушкилоти молиявӣ, ширкатҳои ҳавопаймоӣ маҷбуранд, ки худро бо нақшаи кӯтоҳмуддат маҳдуд кунанд.

## 2.2 Омилҳои таъсиррасон ба механизми идоракунии комплекси авиатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Омӯзиши ҳамаҷонибаи омилҳои асосие, ки ба андозаи ҳаракати ҳавоӣ таъсир мерасонанд, дар такмили механизми идоракунии комплекси авиатсионӣ нақши муҳим дорад. Ширкати ҳавопаймоӣ хатсайрҳо, ҷадвалҳо, намудҳои ҳавопаймоҳо, нархҳо ва ғайраҳоро назорат мекунад. Таҳлили вазъият - ин муайян ва арзёбии тамоюлҳо, қувваҳо ва ҳолатҳои асосӣ, ҳам дохилӣ ва ҳам берунӣ мебошад, ки ширкати ҳавопаймоӣ ҳангоми татбиқи стратегияи таҳияшудаи маркетинг бо онҳо рӯ ба рӯ хоҳад шуд.

Аз ширкати ҳавопаймоии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ парки кӯҳнашудаи ҳавопаймоҳо ва сатҳи пасти бехатарии парвозҳо ва хидматрасонии мусофирон мерос мондааст. Ширкати ҳавопаймоӣ аз нуқтаи назари ташкилӣ ва равоншиносӣ барои кори муассир дар шароити бозор ва рақобат бо ширкатҳои ҳавопаймоии хориҷӣ ба қадри кофӣ омода набуд.

Дар ин ҷо феҳристи баъзе омилҳои мусоид ва номусоиди берунаро, инчунин имконият ва камбудиҳои дохилии ширкати ҳавопаймоии Тоҷикистонро ба мисол меорем. Омилҳои мусоиди беруна:

- талаботи пардохтпазирӣ ба комплекси авиатсионӣ дар Тоҷикистон меафзояд;

- Тоҷикистон дорои иқтидори бузурги иқтисодӣ ва дар мавқеи мусоиди ҷуғрофӣ қарор дорад.

Хусусиятҳои дохилӣ:

- шабакаи хатҳои ҳавоии ширкати Тоҷикэйр ғайриқаноатбахш кор мекунад;

- кадрҳо дар ҳама сатҳ аз ҷиҳати техникӣ саводнок мебошанд;

- парки ҳавопаймоҳҳо ва инфрасохтори авиакомпания дар ҳолати корӣ нигоҳ дошта мешаванд;

- шабакаи васеи фурӯши комплекси авиатсионӣ мавҷуд аст.

Омилҳои номусоиди беруна:

- вазъи душвори иқтисодӣ дар баъзе кишварҳои ИДМ;

- набудани кодекси ҳавоӣ, ки воқеияти муосири сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистонро инъикос кунад;

- набудани нақшаи генералии рушди авиатсияи граждани ва сиёсати пешбинишавандаи техникию иқтисодӣ;

- шумораи зиёди ширкатҳои ҳавопаймоии дохилӣ, байналмилалӣ ва чартерӣ дар Тоҷикистон ба қайд гирифта шудаанд;

- проблемаҳо ва мушкилоти марбут дар ҷудо кардани ширкатҳои ҳавопаймоӣ аз фурудгоҳҳо;

- чорабиниҳои хусусигардонии рӯзафзун ва нокифоя будани самаранокии молиявии он;

- афзоиши беназорати агентҳои сайёҳии ҳавоӣ дар баъзе кишварҳои ИДМ;

- мавҷудияти парки фарсудаи ҳавопаймоҳо, ки дар ҳолати хуби техникӣ нигоҳ доштани он саъю кӯшиш ва маблағи зиёдро талаб мекунад, аз ҷиҳати иқтисодӣ аз лиҳози сӯзишворӣ бесамар аст, ба меъёрҳои экологии дар аксари давлатҳои ҷаҳон қабулшуда мувофиқат намекунад ва барои мусофирон ҷолиб нест;

- ширкатҳои ҳавопаймоии зиёновар, ки мавҷудияти онҳо бо эҳтиёҷоти оқилонаи ширкати ҳавопаймоӣ ва мулоҳизаҳои иқтисодӣ рост намеояд;

- имиҷи на он қадар хуби ширкатҳои ҳавопаймоии ватанӣ дар хориҷа аз сабаби паст будани сатҳи хизматрасонӣ ба мусофирон;

- арзиши баланди лизинги баъзе навъҳои ҳавопаймоҳо;

- набудани шабакаи самараноки компютерӣ ва дар натиҷа дар кори низомҳои бронкунии чиптаҳо, роҳнамоии парвозҳо, иттилооти идоракунӣ, инвентаризатсия ва баҳисобгирӣ ба нокомӣ оварда мерасонад;

- арзиши баланди барномаҳои навсозии парки ҳавопаймоҳо, модернизатсия ва дигар чорабиниҳои сармоятолаб, аз қабили автоматикунонӣ, мушкилоти марбут ба маблағгузории ин барномаҳо;

- ба шароити иқтисоди бозорӣ ва рақобати шадиди он мувофиқ набудани равандҳои технологӣ ва кадрҳо;

- дониши пасти забони англисӣ аз ҷониби кормандони маъмурӣ ва кормандони бевосита дар хидматрасонии мусофирон монеаи забонӣ ба вуҷуд меорад, ки ба онҳо барои пурра азхуд кардани таҷрибаи хориҷии ин соҳаи фаъолият монеа шуда, ба иштироки пурраи онҳо дар чорабиниҳои байналмилалии авиатсионӣ халал мерасонад ва имкониятҳои онҳоро дар хизматрасонии сифати баланд ба мусофирон ва борфиристонандагон ба таври назаррас маҳдуд месозад;

- пурзӯр гардидани мусобиқаи рақобат байни ширкатҳои ҳавопаймоии ватанӣ ва хориҷӣ.

Таҳлили равандҳое, ки дар шароити идоракунии бозорӣ дар комплекси нақлиёти ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал меоянд, ба мо имкон медиҳад, ки хулосаҳои зерин барорем:

- гузариши низоми нақлиёти авиатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибатҳои бозорӣ, бе тайёрии махсус ва ташкили «болишти бехатарӣ»-и молиявӣ-иқтисодӣ ба оқибатҳои номусоид оварда расонид: таварруми нисбатан баланд ва афзоиши нарх; сиёсати сахтгиронаи андоз; набудани ҳавасмандгардонии истеҳсолот ва сармоягузории дарозмуддат; мушкилоти пардохт накардан; набудани дастгирии давлатии рушди комплекси авиатсионӣ;

- дар айни замон зарурати ислоҳоти институтсионалӣ барои ба вуҷуд овардани муносибатҳои устувори бозорӣ дар иқтисодиёт бо танзим ва назорати давлатӣ дар самтҳои муҳимтарини комплекси авиатсионӣ ба миён омадааст;

- стратегияи бартаридошта дар нақлиёти ҳавоии Тоҷикистон дар айни ҳол ба стратегияи наҷот табдил ёфтааст, ки дар шароити номуайянӣ амалӣ мешавад. Ширкатҳои авиатсионӣ маҷбур мешаванд, ки рақобати шадид гузаронанд, зеро ба рақибони пурқуввати худ мағлуб мешаванд, маҳдудияти шабакаи хатсайрҳои қулайи пайвастшавӣ ҷой дорад, проблемаи модернизатсия ва азнавсозии парки ҳавопаймоии ширкатҳои ҳавопаймоӣ рӯзмара мебошанд, мушкилоти муфлисшавӣ давра ба давра ба миён меоянд;

- ҷорӣ намудани ҳавопаймоҳои насли нав ниҳоят суст аст, дар баробари ин, технологияи асри гузашта боз ҳам монеаи рушди бозори дохилии комплекси авиатсионӣ мегардад. Зарурати нав кардани парки ҳавопаймоҳҳои дорои хусусиятҳои сарфакоронаи сӯзишворӣ ба миён меояд бинобар хеле баланд шудани нархи сӯзишворӣ ва равғаниҳои молидании авиатсионӣ. Чунин афзоиш ба суръати афзоиши ҳаракати нақлиёт аз ҳисоби болоравии арзиш ва маҷбуран баланд бардоштани тарифҳо таъсири манфӣ мерасонад;

- идомаи коҳиши ҳаҷми мусофиркашонии дохилии ҳавоӣ ва парвозҳо бо навъҳои ҳавопаймоҳои сабук ба таъмини сатҳи зарурии дастрасии нақлиёт дар минтақаҳои дурдаст таъсири манфӣ мерасонад. Сабаб дар паст будани қобилияти пардохтпазирии аҳолии ин минтақаҳо ва ба таври объективии арзиши баланди чиптаҳои авиатсионии ҳавопаймоҳои хурд мебошад, ки аз ҳисоби сатҳи зиёди сӯзишвории ҳавопаймоҳҳои куҳнашуда фаъолона афзоиш меёбанд. Ҳалли масъалаи рушди нақлиёти ҳавоии аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳамиятнок мисли лоиҳаи тиҷоратӣ ғайриимкон аст. Барои ин, бояд низоми субсидияи нақлиётӣ аз рӯи принсипҳои нав азнав таъсис дода шавад, ки он  аз қудрати як минтақа берун аст, дар ин ҳолат дастгирии давлатӣ дар барқарорсозии шабакаи аэродромҳо ва низоми хизматрасонии диспетчерӣ барои ширкатҳои ҳавопаймоӣ ва фазои ҳавоӣ зарур аст.

Дар натиҷа, ширкатҳои ҳавопаймоии миллӣ маҷбур мешаванд, ки роҳҳои нави рушд ва баланд бардоштани самаранокии бозори нақлиёти ҳавоиро ҷустуҷӯ кунанд. Барои ин, рушди тиҷоратро дар шакли иттифоқҳои интиқолдиҳандагон дар шакли ташкили холдингҳои авиатсионӣ дар заминаи ширкатҳои мавҷудбуда (ё ҳамроҳ шудан ба холдинг) баррасӣ менамоянд.

Чун қоида, ширкатҳои ҳавопаймоӣ, ки диверсификатсияи истеҳсолотро ҳамчун стратегияи рушди худ интихоб кардаанд, дар як вақт сохтори ташкилии худро ташкил медиҳанд. Шакли холдингӣ аз нуқтаи назари идоракунии гурӯҳи ширкатҳо қулай буда, он, пеш аз ҳама, имкон медиҳад, ки ҳадафҳо ва вазифаҳои ширкат пайваста ташаккул, назорат ва ҳал карда шаванд; дар ҳолатҳои буҳронӣ қарорҳои муассири идоракунӣ таҳия шаванд; идоракунии ягонаи рушди

стратегии ширкат амалӣ шавад; дувум, ягонакунӣ ва стандартикунонии баҳисобгирии бухгалтерӣ ва идораи ҳуҷҷатҳо; сеюм, бевосита ё бавосита ба арзиш ва нархнома назорат карда, манфиати ҳамаи иштироккунандагони холдингро муҳофизат намояд. Ҳамин тариқ, бо ёрии шакли холдингии иттиҳодияи гурӯҳҳои субъектҳои хоҷагидорӣ метавон ба нишондиҳандаҳои устувор ва баланди иқтисодии ҳар як субъект, аз ҷумла ширкати ҳавопаймоии - ширкаткунанда ноил гашт.

Сарфи назар аз он, ки ширкати ҳавопаймоии миллӣ ҳамчун стратегияи рушди худ кадом самтро интихоб мекунад, ширкати ҳавопаймоӣ бояд аз манфиатҳои қабули қарор огоҳ бошад. Меъёри самаранокии ҳар як самт вазъи устувори молиявии ширкати ҳавопаймоии миллӣ мебошад.

Иқтидори маҳдуди инфрасохтори фурудгоҳ ба рушди авиатсия дар як қатор кишварҳои узви Ҳамкории иқтисодии минтақавии Осиёи Марказӣ монеа мешавад. Эҷоди робитаҳои фурудгоҳҳо бо шаҳрҳои дуюмдараҷа метавонад бозорҳои нави сайёҳии аз ҷиҳати иқтисодӣ муфидро кушояд. Кишварҳои узви Ҳамкории иқтисодии минтақавии Осиёи Марказӣ (ҲИМОМ) метавонанд дастрасии аҳолиро ба шаҳрҳои дуюмдараҷа тавассути механизмҳои дуҷонибаи ҳамлу нақли ҳавоӣ, васеъшавии фурудгоҳҳои хурди байналмилалӣ ва азнавсозии эҳтимолии фурудгоҳҳо барои самтҳои дохилӣ барои интиқоли нақлиёти байналмилалӣ беҳтар созанд[47].

Модернизатсияи таҷҳизоти аэронавигатсионӣ барои баланд бардоштани эътимод ба реҷаҳои бехатарӣ ва инчунин самаранокии амалиёт муҳим аст. Дар робита бар ин, барои ҳамоҳангсозии нақшаҳои аэронавигатсияи онҳо бо назардошти талаботи мушаххаси шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ - истифодабарандагони ННА-и Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирии IATA ва ИКАО зарур аст. Мусоидати ҳаракат яке аз равандҳои асосии омаду рафт аст, ки самаранокии фурудгоҳро беҳтар мекунад ва ба қаноатмандии мусофирон ва интиқолдиҳанда таъсир мерасонад.

[47] Авиация и роль ЦАРЭС / предварительное исследование. - Сентябрь 2018 г. - Азиатский банк развития, 2018. – с. 11-12.

Такмил додани низоми ташкили хизматрасонии комплекси авиатсионӣ ба аҳолӣ бисёр масъалаҳои дорои характери назариявӣ ва амалии вобаста ба аз нав баҳо додани нақш ва аҳамияти иҷтимоию иқтисодии нақлиёти ҳавоиро дар баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии аҳолӣ ва афзоиши иқтисодиёти мамлакат ба миён меорад. Дар кишвар то ҳол таҳқиқоти монографӣ оид ба ҷиҳатҳои гуногуни рушди бозори байналхалқии хизматрасонии комплекси авиатсионӣ ба аҳолӣ мавҷуд нест.

Бояд гуфт, ки дар айни ҳол Тоҷикистон қисмати қобили мулоҳизаи иқтидори маҳдуди хидматрасонии нақлиёти ҳавоиро, ки дар давраи рушди нақшавӣ ба вуҷуд омада буд, аз даст додааст.

Барои баррасии омилҳои таъсиррасон ба механизми идоракунии комплекси авиатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти хоҷагию истеҳсолии КВД «Тоҷикаэронавигатсия»-ро дар соли 2022 дида мебароем. Корхонаи воҳиди давлатии «Тоҷикаэронавигатсия» ҷиҳати таъмини бехатарии парвозҳо, фароҳам овардани шароити мусоид барои парвозҳои байналхалқию маҳаллӣ ва транзитӣ, ки вазифаҳои асосии корхона ба шумор меравaнд, талош мекунад. Корхона дар соли 2022 ҷиҳати баланд бардоштани нишондиҳандаҳои иқтисодию молиявӣ ва истеҳсолӣ баҳри ноил гардидан ба ҳадафҳои стратегии пешбинигардида, вазифаю ухдадориҳои ба зиммааш гузошташударо мутобиқ ба қонунгузории ҷумҳурӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда, Қоидаҳои умумии авиатсионӣ ва Қоидаҳои авиатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, стандартҳо ва тавсияҳои Ташкилоти байналмилалии авиатсияи гражданӣ (ИКАО) ва Оинномаи корхона дар амал татбиқ намуда, иҷроиши барномаи истеҳсолии соли 2022-ро пурра баҳри таъмини бехатарии парвозҳо дар фазои Ҷумҳурии Тоҷикистон равона намудааст.

Ҳамчунин, дар самти татбиқу иҷроиши ин ҳадафҳо, яъне таъмини бехатарии парвозҳо, аз ҷониби роҳбарони сохторҳои таркибии корхона корҳои мунтазами методӣ оид ба пешгирии вайронкунии талаботҳои ҳуҷҷату асноди идоравии роҳбарикунандаву технологӣ ва интизоми меҳнат гузаронида шуда, нақшаи чорабиниҳо оид ба барқароркунии воситаҳои таъминоти радиотехникӣ,

метеорологӣ ва дигар таҷҳизоти ёрирасон мунтазам боздиду такмил дода мешавад. Даромади умумии корхона аз ҳисоби хизматрасониҳои аэронавигатсионӣ дар соли 2022 дар маҷмуъ маблағи 275 миллиону 520 ҳазор сомониро ташкил менамояд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2021 ба андозаи 182 фоиз зиёд буда, фарқият ба маблағи 124 миллиону 328 ҳазор сомонӣ мебошад (дар соли 2021 – 151 миллиону 192 ҳазор сомонӣ буд).

Таҳлилҳо нишон дод, ки сабаби асосии афзоиши даромаднокӣ дар соли 2022 нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта, иҷроиши бештари парвозҳои нақшавӣ, транзитӣ аз ҷониби ширкатҳои ҳавопаймоии хориҷӣ, кушода шудани хатҳои нави ҳавоӣ ва ғайраҳо ба шумор меравад. Бояд қайд намуд, ки таъмини иҷроиши хатсайрҳои транзитӣ дар давраи ҳисоботӣ дар маҷмуъ 143 миллиону 150 ҳазор сомониро ташкил намуд, ки ин нишондиҳанда дар ҳамин давраи соли 2021, 39 миллиону 753 ҳазор сомонӣ буда, фарқият ба маблағи 103 миллиону 397 ҳазор сомонӣ ё ин, ки 3,6 маротиба зиёд мебошад.

Хароҷоти истеҳсолии асосии корхона бо назардошти дигар хароҷотҳо дар соли 2022 дар маҷмуъ 176 миллиону 520 ҳазор сомониро ташкил намуд, ки ин нисбат ба ҳамин давраи соли 2021 185 фоиз, ё ба андозаи 81 миллиону 221 ҳазор сомонӣ афзоиш ёфтааст (дар соли 2021 – 95 миллиону 299 ҳазор сомонӣ буд).

Таҳлилҳо нишон доданд, ки омилҳои асосии зиёд гардидани хароҷот дар соли 2022 чунин мебошанд:

- хароҷоти музди маоши кормандон дар соли 2022 63 миллиону 074 ҳазор сомониро ташкил намуд, ки ин нишондиҳанда дар ҳамин давраи соли 2021 36 миллиону 191 ҳазор сомонӣ буд;

- барои таълиму тадриси мақсадноки кормандон, дар ин замина барои баланд бардоштани сатҳи донишу малакаи онҳо 1 миллиону 804 ҳазор сомонӣ равона гардидааст.

КВД «Тоҷикаэронавигатсия» бо дарназардошти марҳила ба марҳила афзоиш ёфтани сатҳи даромаднокӣ аз 1-уми марти соли 2022 музди меҳнати кормандонро ба андозаи 20 фоиз зиёд намуд. Корхона мувофиқи «Барномаи рушди соҳаи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2025», ки бо қарори

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 апрели соли 2011 №165, тасдиқ шудааст, таҷҳизоту воситаҳои кӯҳнашудаи аэронавигатсиониро аз нав сохта, барои беҳтар намудани хизматрасониҳои аэронавигатсионӣ чораҳои зарурӣ меандешад.

Ҷиҳати таъмини иҷрои «Барномаи рушди соҳаи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2025», корхона дар доираи имкониятҳои молиявии худ дар маҷмуъ ба маблағи 53 миллиону 239 ҳазор сомонӣ як қатор таҷҳизотҳои навигатсионӣ ва дигар воситаҳои асосиро харидорӣ намуда, илова ба он таҷҳизотҳое, ки ниёз ба таъмир доштанд, ба таъмир фаро гирифта, дар ҷойҳои зарурӣ васлу насб кардааст, ки ин бевосита барои таъмини амнияти парвози киштиҳои ҳавопаймоӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири мусбӣ мерасонад.

Пардохтҳои корхона ба буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли ҷорӣ, дар маҷмуъ 45 миллиону 540 ҳазор сомониро ташкил намуд, ки ин нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 215 фоиз зиёд мебошад (дар соли 2021– 21 миллиону 177 ҳазор сомонӣ буд), аз ҷумла ҳисаҷудокунӣ аз ҳисоби музди меҳнат ба фонди ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ 12 миллиону 875 ҳазор сомониро ташкил намуд, ки ин нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 4 миллиону 916 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад (дар соли 2021-7 миллиону 959 ҳазор сомонӣ), андоз аз арзиши иловашуда (ААИ) - 827 ҳазор сомонӣ, пардохтҳои гумрукӣ дар маҷмуъ 7 миллиону 043 ҳазор сомонӣ пардохт гардидааст.

Қарзҳои дебиторӣ ба ҳолати 31.12.2022 тақрибан дар маҷмуъ 57 миллиону 960 ҳазор сомониро ташкил намуд, аз ин танҳо ба ширкатҳои ватанӣ ҶСК «Тоҷик Эйр» 17 миллиону 439 ҳазор сомонӣ ва Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 183 ҳазор сомонӣ таалуқ дорад, боқимонда маблағҳои қарзӣ 40 миллиону 338 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ки он аз ҳисоби ширкатҳои ҳавопаймоии хориҷӣ ва пешпардохт барои харидорӣ намудани таҷҳизотҳои аэронавигатсионӣ мебошад, ки он ҳам марҳила ба марҳила амалӣ гардида истодааст (ҷадвали 2.5).

**Ҷадвали 2.5. - Маълумот оид ба қарзҳои дебиторӣ ва кредитории КВД «Тоҷикаэронавигатсия»-ро дар солҳои 2021-2022**

| Солҳо | Қарзҳои дебиторӣ (ҳазор сомонӣ) | Қарзҳои кредиторӣ (ҳазор сомонӣ) |
|---|---|---|
| 2022 | 57 960 | 18 220 |
| 2021 | 46 389 | 8 803 |

**Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси ҳисоботи** фаъолияти хоҷагию истеҳсолии КВД «Тоҷикаэронавигатсия»-ро дар солҳои 2021-2022

Чуноне аз ҷадвал дида мешавад, соли 2022 қарзҳои кредиторӣ дар маҷмуъ 18 миллиону 220 ҳазор сомониро ташкил намуд, ин асосан аз ҳисоби пешпардохти хизматрасониҳои аэронавигатсионӣ аз ҷониби ширкатҳои ҳавопаймоии хориҷӣ аз ҳисоби парвозҳои нақшавӣ ба шумор меравад.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки сабаби асосии зиёд гардидани парвозҳо нисбат ба соли гузашта дар он мебошад, ки дар натиҷаи паҳншавии бемайлони бемории COVID-19 ва дар ин замина қатъ гардидани парвозҳои доимӣ ва баъдан, пас аз кам шудани ин беморӣ дар нимсолаи дуюми соли 2021, теъдоди парвозҳо марҳила ба марҳила ба эътидол омад. Сабаби дигар дар соли 2022 аз ҷониби ширкатҳои ҳавопаймоии хориҷиву ватанӣ шумораи бештари парвозҳои нақшавию транзитӣ анҷом дода шуда, инчунин кушода шудани хатҳои парвозии нав тавассути фазои Ҷумҳурии Тоҷикистон, омили зиёдшавии ин нишондодҳо нисбат ба соли собиқ гардид. Дар ин фосила теъдоди парвозҳои транзитӣ 23 371 ададро ташкил намуд, ки 13 275 адад зиёдтар нисбат ба ҳамин фосилаи соли 2021 мебошад (2021 – 10 096 адад) ва дар маҷмуъ 132,5% болоравиро ташкил медиҳад.

Таҳлили оморӣ маълум кард, ки зиёдшавӣ ба тариқи зерин сурат гирифтааст:

1. Иҷроиши парвозҳо дар фурудгоҳи байналмиллалии Душанбе нисбатан зиёд гардида, 12 693 ададро ташкил дод, ки болоравӣ 44,4 **%** ё ин ки 3900 адад мебошад. Дар соли 2021 ин нишондод 8 793 ададро ташкил менамуд. Асосан болоравӣ ба барқарор гардидани иҷроиши парвозҳои ҳамаи ширкатҳои ҳавопаймоӣ низ вобастагӣ дорад.

Вобаста ба хатсайрҳои маҳаллӣ бояд қайд намоем, баъд аз ба даст омадани соҳибистиқлолии сиёсӣ, танҳо вақтҳои охир зиёдшавии иҷроиши парвозҳо ба

назар мерасад. Дар соли 2022 дар маҷмуъ 38 593 адад парвоз ба қайд гирифта шуда, болоравӣ 93 % ё 18 592 ададро ташкил медиҳад. Дар соли 2021 ин адад баробар ба 20 001 буд. Сабаби асосии зиёдшавии иҷроиши парвозҳо дар хатсайрҳои маҳаллӣ ин зиёд гардидани парвозҳои транзитӣ мебошад. Ҳамин тавр дар давоми соли 2022 иҷроиши парвозҳои транзитӣ дар фазои ҳавоии кишвар 23 371 ададро ташкил намуд, ки 132,5% ва ё 13 275 адад зиёдтар нисбат ба ҳамин давраи соли 2021 мебошад (соли 2021 - 10 096 адад буд).

3. Омори филиали Хуҷанд низ далели чунин болоравист. Теъдоди парвозҳои иҷрогардида дар давоми давраи таҳлилӣ дар фурудгоҳҳои маҳаллӣ нисбат ба нишондоди соли гузашта боло рафта, 6 352 ададро ташкил намуд, ки 2 984 адад ё ин ки 89 % зиёдтар мебошад. Дар соли 2021 ин нишондод ба 3 368 адад расида буд.

Дар Маркази ноҳиявии ёрирасон (МНЁ) ҳам дар маҷмуъ зиёдшавии парвозҳо ба қайд гирифта шуд, ки чуноне қаблан ишора кардем, бинобар ба пуррагӣ барқарор гардидани парвозҳои ширкатҳои ватаниву хориҷӣ ва инчунин иҷроиши парвозҳои транзитӣ марбут аст. Дар якҷоягӣ дар МНЁ шумораи парвозҳо 7 834 ададро ташкил намуд, ки он 1143 адад зиёдтар нисбат ба соли 2021 буда, нисбат ба ҳамин фосилаи соли гузашта 17 % зиёдтар аст (2021 – 6 691 адад парвоз иҷро гардида буд).

3. Таҳлил дар филиали Кӯлоб нишон дод, ки шумораи парвозҳо дар давоми соли 2022 ба 2 260 адад расида, баръакс, камшавӣ дар ҳаҷми 117 адад ё 5%-ро ташкил медиҳад. Дар ҳамин фосилаи соли 2021 ба 2377 адад ҳавопаймо хизмат расонида шуда буд.

4. Дар филиали Бохтар дар соли 2022 ба 1326 адад ҳавопаймо хизмат расонида шудааст, ки 157 адад ё 13% зиёдтар назар ба ҳамин давраи соли гузашта мебошад. Дар соли 2021 ба 1 169 адад хизматрасонӣ ба ҳавопаймо дар фурудгоҳ, аз ҷумла, Қувваҳои ҳарбӣ анҷом дода шудааст.

Ҳамин тариқ, дар хатсайр ва фурудгоҳҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 22 631 адад, ки 6 924 адад ё ин ки 44,4% зиёдтар нисбат ба ҳамин

давраи соли 2021 хизматрасонии ҳавопаймо анҷом дода шудааст (соли 2021 – 15 707 адад буд).

Яке аз нишондиҳандаҳои сифати таълиму тарбияи касбии мутахассисони комплекси авиатсионӣ ин ташкили курсҳои таълимӣ ва бозомӯзии кормандон мебошад. Соли 2022 дар пойгоҳи Маркази таълимии корхона 5 маротиба курси таълимӣ бо барномаи "Забони англисии авиатсионӣ" ва 5 маротибаи дигар курси такмили ихтисоси касбӣ гузаронида шудааст, ки мутобиқан 34 ва 27 мутахассис аз таълим гузаштанд (ҷадвали 2.6).

**Ҷадвали 2.6. - Ташкили курсҳои такмили ихтисос (КТИ) ва таҷрибаомӯзиву иҷозатгирӣ дар давоми соли 2022**

| Хадамоти ИҲҲ | Омӯзишро гузаштанд | | | | Теъдоди умумии таҷрибаан-дӯзони кунунӣ | Иҷозати ИҲҲ гирифтанд | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | КТИ РП | КТИ заб. анг. | Курси омӯзишии JICA | КТИ ҳирфавият | | муҷовир | Аввали я |
| Душанбе | 0 | 15 | | 11 | 2 | 2 | 0 |
| Хуҷанд | 0 | 11 | | 4 | 2 | 1 | 1 |
| Кӯлоб | 0 | 2 | | 1 | 1 | 0 | 1 |
| Бохтар | 0 | 2 | | 0 | 4 | 2 | 2 |
| Ҷамъан | 0 | 30 | | 16 | 9 | 5 | 4 |

**Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси ҳисоботи** фаъолияти хоҷагию истеҳсолии КВД «Тоҷикаэронавигатсия»-ро дар соли 2022.

Бояд қайд намуд, ки дар донишгоҳи авиатсияи граждании шаҳри Санкт-Петербурги Федератсияи Россия курсҳои такмили ихтисос бо барномаи "Омодасозии муаллимони фанҳои махсуси маркази таълимии авиатсионӣ" ва "Омодасозии имтиҳонгирандагони комиссияҳои тахассусии авиатсияи гражданӣ" ташкил карда шуда, 8 нафар танзимгар ва дар умум 14 нафар кормандони корхона бевосита иштирок намуда, дорои сертификатҳои махсус гардиданд. Ҳамин тариқ, дар маҷмуъ КВД «Тоҷикаэронавигатсия» ташкили кор, сайқалу баландбардории малакаву маҳорати касбии мутахассисонро дар сатҳи лозима ба роҳ монда, татбиқи ҳамкориҳои якҷоя бо ҷузъу томҳои сохторҳои

дигар, ки баҳри таъмини бехатарии парвозҳо равона карда шудаанд, мувофиқи мақсад мебошад.

Аз тарафи дигар, мунтазам нақшаи чорабиниҳо оид ба барқарорнамоии воситаҳои таъминоти радиотехникӣ, метеорологӣ ва ғайра боздид ва такмил дода мешаванд, аз ҷумла:

- таъмини фаъолияти самараноку пайваста ташкилу татбиқи корҳо ҷиҳати таъмини барқи кафолатии дастрас, насб ва ба истифода супоридан дар объекти айронавигатсия укдаи радиолокатсия ва радионавигатсия дизел-генератори навъи RID-60 ва RID-40 дар Маркази мавҷпахшкунии Душанбе, 6 адад дизел-генераторҳои RID-15 дар нуқтаи асосии муроқиба (ОПН), радиостансияи силкии ҷудогона – даҳлезии Истаравшан, Маркази радиомавҷпахшкунии Хуҷанд, объекти айронавигатсия “Октябрский”, ноҳияи Шаҳринав, объекти айронавигатсия “Файзобод”, ноҳияи Файзобод ва дар объекти айронавигатсия “Пуғус”, ноҳияи Варзоб анҷом дода шуд;

- таъмини фаъолияти самараноку пайваста ташкилу татбиқи корҳо 2 ҷузъи навъи S04 низоми МЛАТ[48] баъди таъмир дар корхонаи тавлидгар (ширкати “ЭРА”-и Ҷумҳурии Чехия) қабул ва ба истифода супорида шуд;

- таъмини фаъолияти самараноку пайваста ташкилу татбиқи корҳо ҷиҳати эътимоднокии алоқа дар филиали Кӯлоб сабти кори ретранслятори алоқаи “Тошрабод” ( дар таҷҳизоти СМАРТ) ба роҳ монда шуд;

- таъмини фаъолият дар фурудгоҳи маҳаллии Ҷиргатол бо радиостансияи алоқаи авиатсионии ICOM- A-120 ҷиҳозонида шуд;

- бо мақсади ба танзим даровардани кори низоми овозии VCS -3020X таҷҳизот ва барномасозӣ дар ҳамкори бо ширкати австриягии FREQUENTIS AG насб карда шуд;

- таъмини алоқа радиостансияҳои алоқаи барқии авиатсионии ширкати Олмонии Rohde&sShwarz, серияи 5200 дар “Манора”-и Душанбе 8 дона, Маркази

---

[48] MLAT ё истилоҳи русии он МЛАТ - навигатори заминӣ, технологияест, ки имкон медиҳад, ки ҷойгиршавии ҳавопаймо бидуни истифодаи таҷҳизоти иловагӣ муайян карда шавад.

пахши радио  4 дона, ретрансляторҳои Шар-шар, Тошрабод ва Гусхор 6 дона насбу васл шуд;

- таъмини фаъолияти босамари корхона  дар самти нишондодҳои дақиқ ва босифати таҷҳизотҳои бодуҳавошиносӣ дар аэродроми Душанбе  аз Минои самтии 09 то Маркази мавҷпахшкунӣ ва аз таҷҳизоти абрсанҷи CL-31 самти фурудоварии 086 то стансияи метеорологии AviMet хатҳои нурии ноқилӣ (оптикӣ) гузаронида шуд;

- таъмини алоқаи мунтазами мустақим ва таъмини фаврият байни танзимгарони Душанбе ва Тошканд канали мустақими алоқаи овозӣ ба кор андохта шуд;

- мустаҳкам намудани нерӯи истеҳсолии корхона, модернизатсия ва ҷавобгӯ будан ба талаботҳои муосир дар Душанбе ва Хуҷанд Маркази коммутатсионии алоқаи ҷадиди AFTN то дараҷаи AMHS ворид ва ба расмият даровapда шуд;

- таъмини фаъолияти самараноку пайваста ва модернизатсияи таҷҳизоти корхона дар ағбаи Шар-шар радиостансияи ICOM-A120-и нав насб карда шуд;

- густариши ҳамкориҳо ва таъмини бехатарии парвозҳо тибқи дархости Вазорати мудофиа дар Сарситоди мудофиаи зиддиҳавоии он, дар шаҳри Душанбе нуқтаи алоқаи шабакаи AFTN ва дар сохтори шимолии ин вазорат, шаҳри Хуҷанд расонидани иттилооти электронии нақшавӣ (план полётов)-и “Volantis” ташкил ва ба истифода супорида шуд;

- фаъолияти муттасил ва боэътимоди таҷҳизоти АТИС бо ҷалби мутахассисони ширкати тавлидгар нуқси барномасозиҳо боздид, ислоҳ ва фаъолияти босамари сифатӣ ба роҳ монда шуд;

- фаъолияти пайвастаи самараноки сайти низоми МЛАТ-и Қабодиён аз санҷиши фаннӣ гузаронида шуда, васоити алоқавӣ боздид ва  силку симҳои таҷҳизоти радиорелеӣ комилан таҷдид гардид;

- бо назардошти фарсудагӣ ва ба итмом расидани мӯҳлати баҳрабардории таҷҳизоту васоити  фаннӣ, реестри марбут оид ба соқит ва аз тавозун баровардани онҳо ба роҳ монда шуд;

Чуноне нишондодҳо шаҳодат медиҳанд, дар маҷмуъ салоҳияти нишондодҳои пешгӯии мутахассисон дар давоми соли равон беш аз 93,8 %-ро ташкил медиҳад, ки нишондиҳандаи баланд ба ҳисоб рафта, аз маҳорату малакаи касбиро соҳиб будани мутахассисон гувоҳӣ медиҳад.

Бинобар маълумотҳои пешниҳодшудаи сохторҳои Маркази авиатсионии метеорологӣ дар аэродромҳои Душанбе, Хуҷанд, Бохтар ва Кӯлоб дар маҷмуъ бинобар ҳолати метеорологӣ 63 маротиба (Душанбе - 25, Хуҷанд – 30, Кӯлоб – 1, Бохтар - 7) нишаст ба фурудгоҳҳои эҳтиётӣ сурат гирифта, ки асосан марбут ба ҳавои номусоиди фурудгоҳҳо ва ихтиёри халабонҳои киштиҳои ҳавопаймоӣ аст. Ҳамчунин, дар ин фосила 4 киштии ҳавопаймоӣ бинобар вазъи ҳаво ба даври дувум рафтанд.

Бояд тазаккур намуд, ки дар маҷмуъ дар соли 2022 нишондоди мазкур нисбат ба ҳамин фосилаи соли пешин 42 адад зиёдтарро ташкил намуд.

Ҷиҳати иҷрои вазифаҳои барномавӣ дар Маркази авиатсионии метеорологӣ, бо мақсади баланд бардоштани сифатнокӣ ҳамчунин корҳои зерин анҷом дода шуданд:

- ҷиҳати комилан бартараф намудани нуқсҳои истеҳсолӣ дар самти таҳияи иттилооти метеорологӣ, ки солиёни дароз мушкилӣ ба бор меовард, бо ҷалби мутахассисони Пажӯҳишгоҳи радарии “ИРАМ”- и Федератсияи Россия барномаи пешрафтаи муосири “МетеоЭксперт” бо тамоми таҷҳизоти марбут харидорӣ шуда, дар аэродромҳои Душанбе ва Хуҷанд насб ва ба истифода супорида шуд;

- бо ҳадафи таъмини иттилооти ҷавобгӯи талаботҳои байналмилалӣ дар аэродроми Душанбе бо ҷалби мутахассисони Пажӯҳишгоҳи радарии “ИРАМ”- и Федератсияи Россия таҷдиди барномаҳои Низоми автоматикунонидашудаи иттилоотии “МетеоТелекс” ва “Метео Консультант” насб гардид;

- баҳри мутобиқат намудан ба талаботҳои сифатнокӣ ва меъёрҳои байналхалқӣ “Низомнома оид ба Маркази метеорологии авиатсионӣ”, “Тартиб (протседура)-и муроқибаи метеорологӣ дар аэродроми Хуҷанд”, “Тартиб (протседура)-и муроқибаи метеорологӣ дар аэродроми Кӯлоб”, “Тартиб

(протседура)-и мурокибаи метеорологӣ дар аэродроми Бохтар” ва 4 дастурамали дигари коргузорӣ таҳияву тасдиқ ва нашр карда шуданд;

- ҷиҳати пешбурди кор дар сохторҳои Маркази авиатсионии метеорологӣ, сифатбахшӣ дар таҳияи маълумотномаҳои марбут ва такмили ихтисоси мутахассисони сохтор пайваста, на камтар аз 1 маротиба дар як моҳ, дарсҳои фаннӣ гузаронида шуданд;

- бо мақсади баланд бардоштани самараи меҳнат ва рафъи камбудиҳои имконпазир, ҳармоҳа таҳлили сифатнокии хизматҳои пешкашкунандаи хадамот анҷом дода шуд;

- мониторинги иттилооти метеорологии аз тарафи фурудгоҳҳои байналмилалӣ содиршаванда амалӣ гардида, рафъи норасоиҳои рухзананда бо мақсади такрор нашуданашон ба роҳ монда шудааст;

- бо мақсади вусъатбахшӣ ба сифатнокии маҳсули кор баҳогузории автоматикиву дастии нишондодҳои ТАФ дар фурудгоҳҳои байналмилалӣ тибқи стандартҳои байналмилалии истеҳсоли маҳсулот ва низоми менеҷменти сифат ҳармоҳа анҷом дода мешавад;

- истихроҷи нишондодҳои метеорологӣ ва таҳияи ҷадвалҳои иқлимии фурудгоҳҳои Душанбе, Хуҷанд, Кӯлоб ва Бохтар ҳамамоҳа анҷом дода мешавад.

Ҳамзамон, дар сохтори КВД «Тоҷикаэронавигатсия» Раёсати рушд таъсис дода шудааст, ки дар самти тарҳрезии дурнамои ҳамаҷонибаи корхона ва сифатбахшӣ ба бехатарии парвозҳо фаъолият намуда, ба таҳияи барномаҳои татбиқи лоиҳаҳои модернизатсияи базаи моддиву техникии корхона ва гузариш ба низомҳои нави хизматрасонии байналмилалии муосир сафарбар карда шуда аст. Айни замон сохтор бахше аз лоиҳаҳои муҳими байналмилалиеро, ки барои пешрафт ва бо таҷҳизотҳои муосир таъмин намудани корхона равона шудаанд ҳамкорӣ доранд, роҳнамоӣ намуда, дар ташкилу баргузории вохӯриҳои ҳайати роҳбарикунанда бо ширкатҳо, созмонҳо ва сохторҳои хориҷӣ саҳми назаррас дорад, аз ҷумла:

- ба намояндагони сохторҳои корхона ҷиҳати татбиқ, такмил ва вусъат додани Низоми менеҷменти сифат (НМС) ва Низоми идоракунии бехатарии

парвозҳо (НИБП) корҳои фаҳмондадиҳиро тибқи реҷа давра ба давра гузаронидааст;

- мутобиқат намудан ба талаботҳои муосир, бо ҷалби мутахассисони Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсияи ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Тоҷикстандарт» аудити сертификатсионии Низоми менеҷменти сифати корхона тибқи стандарти байналмилалии ISO 9001:2015[49] гузаронида, шомили сетификат гардид;

- мутобиқат ба талаботҳои муосир, тибқи нақшаи тасдиқгардида, 12 маротиба аудити дохилии Низоми менеҷменти сифат тибқи стандарти байналмилалии ISO 9001:2015 гузаронида шуд;

- сифатбахшӣ ба дараҷаи баҳрабардории лоиҳаи хатсайри нави мустақим ба самти Ҷумҳурии мардумии Чин баррасӣ ва баҳогузории бехатарӣ тибқи талаботҳои ИКАО гузаронида шуд;

- кушодани хатти ҳавоӣ бо Ҷумҳурии Мардумии Чин ҷаласаи машваратии техникӣ ва ба имзо расонидани протоколи мулоқоти дуҷониба доир карда шуд;

- тасдиқи мувофиқат "Санад оиди баҳодиҳии Низоми менеҷменти сифат"-и фаъолияти мусбати корхона аз Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсияи ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Тоҷикстандарт» гирифта шуда, Стандарти СТ-Т-008 «Таҳияи низомномаҳои сохторҳои таркибӣ», Стандарти СТ-Т-010 «Таҳияи дастурамалҳои вазифавӣ» ва Стандарти СТ-Т-005 «Донишҳои корхонавӣ» тасдиқ карда шуданд;

Ҳамин тавр, дар давоми соли 2022 дар КВД «Тоҷикаэронавигатсия» инчунин, корҳои зерин ба тасвиб расида, анҷом пазируфтанд:

- корхона аудити беруниро тибқи стандарти байналмилалии сифат ISO 9001:2015 ва талаботи Низоми менеҷменти сифат аз ҷониби Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсияи ва нозироти савдои назди

---

[49] ISO - стандарти мафҳумҳо, принсип ва истилоҳоти асосии низоми менеҷменти сифат, аз ҷумла дар ҷодаи ҳавопаймоӣ ва айронавигатсия, ки мӯҳтавои онро ИКАО муқаррар намудааст.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Тоҷикстандарт» бомуваффақият гузаронида, сертификати марбутро шомил гардид;

- бо мақсади сифатнокии интихоб, ҷобаҷогузорӣ ва тарбияи кадрҳо, баланд бардоштани сифат ва самаранокии истеҳсолӣ, гирифтани иттилои воқеии иҷрои вазифаи хизматӣ ва дараҷаи донишҳои касбӣ тибқи “Низомнома оид ба тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи кормандони корхона” аттестатсияи ҳайати роҳбарон ва мутахассисони тамоми сохторҳои корхона гузаронида шуд;

- ҷиҳати самараноку мутобиқ ба талаботҳои авиатсионии байналмилалӣ, сертификаткунонии таҷҳизотҳои радиорелеии корхона ташкил ва аз тарафи КВД “Маркази мутобиқати электромагнитӣ ва радиомониторинг” барои солҳои 2021 ва 2022 амалӣ гардид;

- дурнамои нишондиҳандаҳои воқеии рушди иҷтимоию иқтисодии корхона барои соли 2023 ва параметрҳои асосии он барои солҳои 2024-2026 таҳия ва ба мақомоти дахлдори ҷумҳурӣ пешниҳод гардиданд;

- созишномаҳои нави қарзӣ ва грантӣ бо дарназардошти ворид намудани тағйиру иловаҳо ба созишномаҳои қаблан амалкунанда бо Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд, дар таҳрири нав ба имзо расонида шуданд.

- бо мақсади рушди саёҳӣ дар кишвар ва бо назардошти натиҷаи тадқиқоти дар соҳаи алоқаи ҳавоии ҷумҳурӣ дар ин самт гузаронидашуда барои беҳтар намудани масъалаи алоқаи ҳавоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо намояндагии Корпоратсияи байналмилалии молиявии Гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ дар якҷоягӣ бо мақомоти дахлдори давлатӣ ва корхонаю ташкилотҳои соҳаи авиатсияи мамлакат баррасии доманадор ташкил карда шуд;

- ҷиҳати татбиқи барномаи табдили кишвар ба кишвари транзитӣ, ҳамчунин зиёд намудани теъдоди парвозҳои транзитӣ таввасути фазои ҳавоии Тоҷикистон, як долони нави ҳавоии FUNSE[50] дар сарҳади байни Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳи нави байналмилалии ҳавоии Z767 ташкил ва ба истифода супорида шуд;

[50] FUNSE - долони нави ҳавоии «FUNSE» дар сарҳади Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ва масири нави байналмилалии аэронавигатсия

- бо мақсади вусъат бахшидан ба сифатнокии фаъолият ва ҳамчунин ҷалби баҳрабардорони нав дар фосилаи ҳисоботӣ корхона ба 2749 адад киштиҳои ҳавопаймоӣ иҷозатномаи истифодаи ҳарими ҳавоии ҷумҳуриро дод, ки аз онҳо 793 адад парвози ғайридоимии нишаст, 1401 адад парвози ғайридоимии транзитӣ, 235 адад парвози доимии транзитӣ ва 320 адад парвози доимии нишаст мебошанд;

- дар давраи ҳисоботӣ корхона мутобиқи дастуру фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қишри ниёзманди ҷомеа, маъюбон, оилаҳои камбизоату барҷомондагон ва ғайраҳо ба маблағи 2 миллиону 390 ҳазор сомонӣ кӯмаки моддӣ расонидашудааст.

Таҳқиқоти гузаронида дар заминаи таҳлили вазъи кунунии фаъолияти КВД «Тоҷикаэронавигатсия», чун корхонаи мустақил, нишон медиҳад, ки:

1. Корхона манфиатовар буда, пардохтҳоро мунтазам ва дар муҳлатҳои муқаррааргардида ба буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон интикол медиҳад.

2. Сатҳу сифати хизматрасониҳои аэронавигатсионӣ бинобар дастрасӣ ба таҷҳизоту низомҳои муосири пешрав тамоюли беҳбудиву рушдро доранд.

Ҳамзамон, КВД «Тоҷикаэронавигатсия» дар фаъолияти ҳамарӯзаи худ ба якчанд мушкилот низ мувоҷеҳ мегардад. Мушкилии нигароникунанда ин то ба ҳол ҳал нагардидани қарзи дебитории ҶСК «Тоҷик Эйр» аст, ки 17 439 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Нигаронӣ аз он аст, ки КВД «Тоҷикаэронавигатсия» аз маблағи мазкур низ, бо вуҷуди воқеан ҳам онро дар даст надоштан, аз даромади ба даст наомада ба хазинаи давлат андоз месупорад, ки мушкилиҳои зиёдро ба бор меоварад.

Бинобар ин, мушкилӣ корҳои нақшавӣ тибқи «Барномаи рушди комплекси нақлиёт» ба муҳлати дароз тул кашида, татбиқи модернизатсияи воситаву таҷҳизоти кӯҳнаву фарсуда ва инфраструктураи корхонаро душвор намудааст.

Дар заминаи таҳқиқот афзалиятҳои зерини асосӣ дар фаъолияти КВД «Тоҷикаэронавигатсия» ошкор карда шуданд:

- баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасониҳои аэронавигатсионӣ.

- такмили маҳорату малакаи касбии кормандони муассиса ва мустаҳкам кардани интизоми меҳнат дар ҳар як ҷойи корӣ.

- омӯзиши ҳуҷҷатҳои меъёрии байналмилалӣ ва таҳияи санадҳои дохилӣ тибқи талаботу дархостҳои Ташкилоти байналмилалии авиатсияи гражданӣ - ИКАО.

- идомаи гуфтушуниду таҳияи супоришҳои фаннӣ ва ҷалби сармоя барои модернизатсияву тармими низому таҷҳизотҳои таъминоти радиотехникиву метеорологӣ, ивази локаторҳои мухталифи гуногунхизмат, татбиқи нақшаи рушди корхона дар самти тавсиаву такмили хату долонҳои парвоз, сифатнокии пешкаши хизматрасониҳо ва ба талаботҳои муосири ҷаҳонӣ мутобиқ намудани инфраструктураи корхона.

Хусусиятҳои бозори ҳамлу нақли мусофирони ҳавоӣ дар маҳдуд будани қобилияти интиқол барои рушди танҳо як ҳаҷми муайяни ҳаракат зоҳир мешавад, дар ҳоле ки ҳаҷми иловагии талаботе, ки аз иқтидори интиқоли ширкатҳои ҳавопаймоӣ зиёд аст, истифоданашуда боқӣ мемонад. Омӯзиши механизми бозори озоди ҳамлу нақли мусофирони ҳавоӣ ва хусусиятҳои он ба муаллиф имкон дод, ки фарқияти чунин бозорро аз дигар сохторҳои бозор муайян кунад. Таҳлили динамикӣ ва сохтори ҳамлу нақли ҳавоӣ дар фурудгоҳҳои байналмилалии (ФБ) Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки ҷараёни алоқаи мусофирбарии ҳавоӣ байни Тоҷикистон ва Россия чунин тақсим шудааст: ФБ «Душанбе» - 57,4%, ФБ «Хуҷанд» - 28,3%, ФБ "Кӯлоб" - 9,1% ва аз ФБ "Бохтар" -5,2%[51].

**Хулосаи зербоби 2.2.**

1. Омӯзиши муттасил (ҳисоботи моҳона, семоҳа ва солона) ва ҳамаҷонибаи омилҳои асосие, ки ба ҳаҷми ҳаракати ҳавоӣ таъсир мерасонанд, дар такмили механизми идоракунии комплекси авиатсионӣ яке аз ҷабҳаҳои муҳим арзёбӣ

[51] Мирзоева Д.П. Социально-экономические аспекты развития рынка авиаперевозочных услуг (на пространстве Таджикистан - Россия) [Текст]: автореферат диссер. к.э.н. / Д.П. Мирзоева. - Душанбе, 2017. - с. 8.

карда мешаванд. Натиҷаҳои чунин омӯзиш бояд дар воситаҳои ахбори умум (ВАУ) нашр карда шавад.

2. Дар самти татбиқу иҷроиши ҳадафҳои дар ҳуҷҷатҳои дурномои рушди соҳа муайяншуда, ки бехатарии парвозҳоро таъмин менамянд, аз ҷониби роҳбарони сохторҳои таркибии корхонаҳои ҳавопаймоӣ корҳои мунтазами методӣ оид ба пешгирии вайронкунии талаботҳои ҳуҷҷату асноди идоравии роҳбарикунандаву технологӣ ва интизоми меҳнат гузаронида шуда, нақшаи чорабиниҳо оид ба барқароркунии воситаҳои таъминоти радиотехникӣ, метеорологӣ ва дигар таҷҳизоти ёрирасон мунтазам боздиду такмил дода мешавад.

3. Таҳлилҳо нишон дод, ки сабаби асосии афзоиши даромаднокӣ дар соли 2022 нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта, иҷроиши бештари парвозҳои нақшавӣ, транзитӣ аз ҷониби ширкатҳои ҳавопаймоии хориҷӣ, кушода шудани хатҳои нави ҳавоӣ ва як қатор дигар омилҳо ба шумор меравад.

4. Ташаккул ва рушди бозори байналмилалии хизматрасонии комплекси авиатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳаракати нақлиётии аҳолӣ вобастагии амиқ дорад.

### 2.3. Арзёбии механизм ва имкониятҳои такмили низоми идоракунии комплекси авиатсионӣ

Дар зербоби пешин (2.2) зикр карда будем, ки омӯзиши муттасил (ҳисоботи моҳона, семоҳа ва солона) ва ҳамаҷонибаи омилҳои асосие, ки ба ҳаҷми ҳаракати ҳавоӣ таъсир мерасонанд, дар такмили механизми идоракунии комплекси авиатсионӣ яке аз ҷабҳаҳои муҳим арзёбӣ карда мешаванд ва зарур аст, ки натиҷаҳои чунин омӯзиш дар воситаҳои ахбори умум (ВАУ) нашр карда шавад. Бинобар ин, мантиқан дуруст аст, ки дар қисми мазкур механизми арзёбӣ ва имкониятҳои такмили механизми идораи комплекси авиатсионӣ мавриди тадқиқ қарор дода шавад.

Омилҳои асосие, ки ба андешаи мо, ба механизми идоракунии комплекси нақлиёти ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсир мерасонанд, инҳо мебошанд:

**А. Азнавсозии сохтори комплекси** авиатсионӣ.

Чи хеле ки дар бобҳои пешин қайд намуда будем, соли 1930 бастаи авиатсионии Тоҷикистонии хатҳои ҳавоии Осиёи Миёна ташкил карда шуда, ду ҳавопаймоҳҳои Ю-13 бо экипажҳо ба заминаи доимӣ ба Сталинобод омад, ки онҳо аз Сталинобод ба Хуҷанд, Кӯлоб, Ғарм, Дангара ва Панҷ мунтазам парвоз кардан гирифтанд. Дар моҳи марти соли 1933 ба Сталинобод 25 ҳавопаймо омад ва парвозҳои дохили Тоҷикистон вусъат ёфт. Дар соли 1940 Шуъбаи Тоҷикистонии Флоти Ҳавоии Гражданӣ ташкил карда шуд, ки инҳоро дар бар мегирифт: Саридораи авиатсияи гражданин ҶСС Тоҷикистон, Ширкати давлатии авиатсияи «Тоҷикистон».

30 декабри соли 2009 бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 707 ширкати ҳавопаймоӣ ба ҶСК «Тоҷик Эйр» табдил дода шуд. Мутобиқи моддаҳои 58, 59, 60 ва 61 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор шуд, ки ба Корхонаи воҳиди давлатии «Тоҷик эйр» бо назардошти ҷудо шудани корхонаҳои зерини Корхонаи воҳиди давлатии навтаъсиси «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе» иҷозат дода шуд: Корхонаи воҳиди давлатии «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе; Корхонаи воҳиди давлатии «Фурудгоҳи байналмилалии Хуҷанд; Корхонаи воҳиди давлатии «Фурудгоҳи байналмилалии Қӯрғонтеппа»; Корхонаи воҳиди давлатии «Фурудгоҳи байналмилалии Кӯлоб»; Корхонаи воҳиди давлатии «Тоҷикаэрнавигатсия».

2. Ба Корхонаи воҳиди давлатии «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе» иҷозат дода шуд, ки корхонаҳои фаръии зеринро таъсис диҳад: ҷамъиятҳои фаръии «Ширкати сӯзишворӣ»; корхонаи воҳиди давлатии «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе»; корхонаи воҳиди давлатии «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе»; корхонаҳои фаръии «Комплекси фарҳангию тандурустии авиатор»; ширкатҳои фаръии Агентии алоқаи ҳавоӣ, Корхонаи воҳиди давлатии Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе;

3. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ бо мақсади амалӣ намудани таҷдиди сохтори Корхонаи воҳиди давлатии «Тоҷик Эйр» комиссияи салоҳиятдор таъсис дод. Комиссияи салоҳиятдор бо тартиби муқаррааргардида азнавташкилдиҳиро

анҷом дода, баланси алоҳидаро барои тасдиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуд.

Бояд қайд кард, ки сохтори фурудгоҳҳо ҳамчун корхонаҳои навтаъсис аз якдигар тафовут дошт, ҳарчанд идоракунии ҳамаи фурудгоҳҳо тибқи принсипи ягона сурат мегирифт. Барои мисол, сохтори идоракунии ду корхонаи воҳиди давлатии «Фурудгоҳи байналмилалии Хуҷанд» ва КВД «Фурудгоҳи байналмилалии Кӯлоб»-ро бо ҳам муқоиса мекунем (расмҳои 2.10 ва 2.11)




**Расми 2.10. - Сохтори идоракунии ҶСК "Фурудгоҳи байналмилалии Хуҷанд".**
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф




**Расми 2.11. - Сохтори идоракунии ҶСК “Фурудгоҳи байналмилалии Кӯлоб”. Сарчашма: таҳияи муаллиф**

Пас аз таҷдиди сохтор ҳар як корхона мустақилона кор кард, фурудгоҳҳо ва аэронавигатсия рушд карданд, даромад афзоиш ёфт, ширкати ҳавопаймоии «Тоҷик Эйр» базӯр фаъолияти худро анҷом медод. Тамоми қарзҳо, ки дар давоми фаъолияти ГУАП «Тоҷик Эйр» гирифта шуданд бар души ҶСК «Тоҷик Эйр» гузаштанд. Ба Ширкати "Тоҷик Эйр" лозим омад, ки парки худро барои пешбурди

рақобатпазирӣ азнав кунад, зеро ширкат имконияти харидории ҳавопайморо надошт.

Аз соли 2010 ширкат аз ширкати Литва FL-техник лизинги молиявиро дастрас намуда, фаъолияти худро бо техникаи хориҷӣ оғоз намуд. Арзиши ҳавопаймо хело гарон буд ва бо хатогиҳои техникӣ ин созишнома самаранок набуд ва сабаби асосии муфлисшавии ширкати ҳавопаймоӣ гардид. Дигар сабабҳо – ин ширкатҳои хориҷӣ мебошанд, ки ба бозори мо ворид шуданд, фурудгоҳҳо арзиши хизматрасониҳоро ва пардохтҳоро, арзиши равғаниҳои молиданӣ ва авиакеросинро, ки 40% арзиши чиптаро ташкил мекунад баланд карданд, ин ҳолат ба қисми молиявии ширкат таъсир расонид.

Агентии пайомакҳои ҳавоӣ арзиши авиачиптаро баланд кард, ки агар аввал комиссия аз фурӯш 5%-ро ташкил медод, то айни ҳол 12% шуд, ки ин ба фаъолдияти иқтисодии корхона таъсир мерасонад. Агентии авиатсияи гражданӣ, ки бояд масъалаҳои муҳайё намудани шароит барои фаъолияти ширкати авиатсионӣ ва риояи паритетро танзим кунад, ширкати авиатсиониро дастгирӣ накард ва нишони хатсайрҳои парвозҳои иҷро мавҷударо, нигоҳ надошт.

Пешниҳод оид ба барқарорсозии ширкати «Тоҷик Эйр»:

1. Ширкатҳои ҳавопаймоиро бо фурудгоҳҳо пайваст карда шаванд.

2. Авиапарк азнав карда шавад, ва ҳавопаймоҳҳои нав бо тариқи авиализинг ва кафолати худи давлат дастрас шаванд.

3. Ба ширкат ворид намудани авиакеросин аз ҷониби Ҳукумат иҷозат дода шавад.

4. Фурӯши билетҳои ҳавопаймоо бидуни агент бо истифода аз низоми онлайн амалӣ шавад.

5. Хатсайрҳои мавҷудбударо ва каршерингро барқарор карда шавад.

6. Бо низоми бандкунии чипта бо тариқи «ТКП, Амадеус, Габриел, БСП» ҳамкорӣ карда шавад.

**Б. Хусусигардонии комплекси** авиатсионӣ**.**

Пас аз таҷдиди сохтор, Агентии алоқаи ҳавоӣ, комплекси сӯзишворӣ ва хӯроки умумӣ дар ҳавопаймо хусусӣ карда шуданд. Ширкати хусусии

ҳавопаймоии «Сомон Эйр» ташкил карда шуд, ки бо мусофир ва боркашонӣ машғул аст. Комплекси сӯзишворӣ дар чор фурудгоҳ чор филиал дорад. Нархи сӯзишвории ҳавопаймо аз сабаби мавҷуд набудани алтернатива нисбат ба дигар кишварҳо баландтар аст.

Пас аз таҷдиди сохтор, Агентии алоқаи ҳавоӣ фаъолияти худро идома дода, филиалҳои худро дорад. Хӯроки дохилии ҳавопаймо пас аз таҷдиди сохтор фаъолияти худро идома дода, дар фурудгоҳҳои байналмилалӣ чор филиал дорад. Солҳои охир ширкатҳои хориҷӣ Ловкостер шуданд ва ғизо намехаранд, ин ширкатҳо парвози рафту омадро худашон ичро мекунанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз сабабҳои таҷдиди бесамар ин буд ки Агентии алоқаи ҳавоӣ, Комплекси сӯзишворӣ ва таъминоти он ва хуроки дохили ҳавопаймо бояд дар ҳудуди ширкати ҳавопаймоии миллӣ бошанд. Дар тамоми ҷаҳон авиакомпания фурӯши чиптаҳояшро худаш васеъ мекунад, ки зиёдтар даромад ба даст орад ва фаъолияташ самаранок бошад. Агентии алоқаи ҳавоӣ, Комплекси сӯзишворӣ ва таъминоти он ва хӯроки дохили ҳавопаймо тақрибан 60% арзиши авиачиптаро ташкил мекунанд.

Дар Тоҷикистон то таҷдиди сохтор КВД «Тоҷик Эйр» аз рӯи ҳаҷми мусофирон ва ҳаҷми боркашонӣ дар сафи пеш аст ва ширкати ҳавопаймоии рақобатпазир буд. Парки авиатсионии КВД «Тоҷик Эйр», аз ҳавопаймоҳҳои «ТУ-154М, ТУ-154Б, ТУ-134, АН26, АН24, ЯК40, МИ8т, МИ8мтв иборат аст. Синну соли миёнаи ҳавопаймо дар парки авиатсионӣ 20 сол мебошад ва ба азнавкунӣ эҳтиёҷ дорад. Бо мақсади баланд бардоштани бехатарии авиатсионӣ ва бехатарии парвоз аз ҷониби Ташкилоти байналмиллалии Авиатсияи гражданӣ ва назорати Аврупоӣ (Евроконтроль) нававарии ҳавопаймои ТУ 154М талаб мекунад. Барои нававарии ҳавопаймо насб кардани воҳидҳои иловагӣ лозим меояд:

1. TCAS[52]. Низоми TCAS барои огоҳии экипажи ҳавопаймо аз хатари бархӯрдҳои эҳтимолӣ бо дигар ҳавопаймоҳо пешбинӣ шудааст.

---

[52] Низоми пешгирии садамаи ҳавопаймоҳо дар ҳаво (англ. Traffic Collision Avoidance System, TCAS)

2. Низоми KLN 90 радио ё худ низомҳои спутникӣ навигатсионӣ воситаи муайянкунии ҷойгиршавии ҳавопаймо дар фазо мебошад. Он бо системаи SNS Navstar GPS истеҳсоли Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ба таври васеъ истифода мешавад. Бо ин низом садҳо навъҳои гуногуни приёмникҳои бортӣ, ки аз ҷониби ширкатҳои гуногун таҳия шудаанд, метавонанд кор кунанд. Яке аз онҳо приёмникҳои KLN-90 мебошад, ки барои кор дар бисёр навъҳои ҳавопаймоҳо, аз ҷумла истеҳсоли ватанӣ қариб 20 километр роҳ дода шудааст. Аз сабаби ба итмом расидани захираҳои ҳавопаймо ва муҳлати истифодабарии он бояд парки авиатсионӣ аз нав карда шавад.

Бозори авиализинги Тоҷикистон аз соли 2008 оғоз меёбад. Ширкати авиатсионии КВД «Тоҷик Эйр» ҳавопаймои Boeing -757200 (соли баромад - 1992) ба иҷора гирифт, ва ҳавопаймоӣ Boeing -737 300 -1991 солро, бо маблағи 37 059798,00 ба даст овард ва дар соли 2011 ин лизинг пушида шуд. Соли 2009 боз ду ҳавопаймои Boeing -737 500 (1993с.) ба лизинг гирифта шуданд. Дуюм ширкати ҳавопаймоии миллӣ «Сомон Эйр», соли 2006 ҳамчун ширкати хусусӣ таъсис дода шуд.

Ширкати ҳавопаймоии «Сомон Эйр» фаъолияти худро бо ду ҳавопаймои Boeing -737300 оғоз кард, ки соли истеҳсолашон 1993 ва 1994 буданд. Вобаста аз идораи босамар ҷуғрофияи парвозҳо васеъ гардиданд ва ҳаҷми мусофиркашонӣ зиёд гардид. Ширкати ҳавопаймоии «Сомон Эйр» ду ҳавопаймоӣ Boeing -737 800 ба лизинг гирифт, соли 2010 ширкат боз ду ҳавопаймои Boeing -737 900 ба лизинг гирифта бо ширкати Boeing – истеҳсолкунандаи асосии ҳавопаймо шартнома баст. Дар тӯли 15 соли идораи босамари фаъолияташ ширкати «Сомон Эйр» натиҷаҳои назаррас расид: сатҳи хизматрасонии мусофирро дар ҳавопаймо баланд бардошт, хароҷоти харидорӣ намудани қисмҳои эҳтиётӣ ва таъмири ҳавопайморо кам кард, ба иттиҳодияи байналлмиллалии нақлиёти ҳавоӣ (IATA) дохил шуд, сертификати IATA-ро ба даст гирифт.

Омилҳои асосии пешрафти ширкати «Сомон Эйр»:

1. Таъмини рақобатпазирӣ дар бозори дохилӣ ва минтақавӣ;

2. Таъмин ва ба роҳандозии низоми хизматрасонии электронӣ;

3. Таҷдиди парки ҳавопаймоӣ бо назардошти талаботи кайфияти мусофирон ва бехатарӣ;

4. Таъсиси базаи ягонаи фурӯши чиптаҳо ва ҳамкорӣ бо ширкатҳои саёҳӣ;

5. Ба роҳ мондани хатсайрҳои нав ба кишварҳои Аврупо ва Осиё;

6. Таъмини саривақтии хатсайрҳо ва пешгирии тавақуфи хатсайрҳо;

7. Ҳамасола гузаронидани аудити дохилӣ;

8. Ҳамкорӣ бо ширкатҳои кишварҳои хориҷӣ;

9. Ҳавасмандгардонии ҳайати кормандони ширкат;

10. Самаранок истифода намудани сарчашмаҳои моддӣ (сӯзишворӣ).

11. Таъмини ҳайати кормандон (ҳайати техникӣ) бо курсҳои зарурӣ баҳри самаранок гардонидани истеҳсолот. Яъне анҷом додани муоинаҳои теҳникӣ дар дохили кишвар;

12. Таъмини қисмҳои эҳтиётӣ ва дигар таҷҳизотҳои зарурӣ дар асоси низоми Pool роҳандозӣ гардидааст.

**В. Ҳамоҳангсозии фаъолияти комплекси** **авиатсионӣ.**

Дар саноати авиатсионӣ ҳамоҳангсозӣ нақши асосиро мебозад. Агар ширкати ҳавопаймоӣ барои парвозҳои чартерӣ ё банақшагирифта муроҷиат кунад, он бояд ба маркази асосии хадамоти аэронавигатсия муроҷиат кунад. Пас аз гирифтани дархост маркази асосӣ ба мақомоти авиатсия барои гирифтани иҷозат барои парвозҳо ё фуруд дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат мекунад, маълум мегардад, ки байни мақомоти авиатсия ва аэронавигатсия бо дигар хадамот ҳамоҳангӣ мавҷуд аст;

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2017 №596 чунин сохтори Агентии авиатсияи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст. Сохтори ташкилии корхонаи мазкурро чунин тасвир кардан мумкин аст (расми 2.12).




**Расми 2.12. Сохтори ташкилии Агентии авиатсияи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

**Сарчашма**: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти Агентии авиатсияи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Чуноне аз расми боло бармеояд, сохтори ташкилии Агентии авиатсияи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳоро дарбар мегирад:

Роҳбарият – 2 нафар;

Раёсати назорат, ки аз 8 нафар корманд иборат буда, ба шуъба ва бахш тақсим мешавад:

1. Шуъбаи фурудгоҳҳо аэронавигатсия ва бехатари авиатсионӣ – 4 нафар;

2. Бахши баҳрабардории парвозҳо – 4 нафар.

Раёсати танзим ва стандартҳо, ки низ аз ду зерсохтор иборат буда, дар он 8 нафар корманд фаъолият мекунад:

1. Шуъбаи танзими фурудгоҳ ҳо аэронавигатсия ва иҷозатномадиҳӣ– 4 нафар;

2. Шуъбаи истифодабарии техникӣ – 4 нафар.

Шуъбаи кадрҳо ва ҳуқуқ – 4 нафар;

Шуъбаи робитаҳои байналмилалӣ– 4 нафар;

Шуъбаи молия ва иқтисод– 4 нафар;

Шуъбаи коргузорӣ – 4 нафар.

Қабл аз таҷдиди сохтор ин хадамот ба КВД «Тоҷик Эйр» муттаҳид шуданд. Дар айни замон, ҳар як ширкат вебсайти худро дорад, ки тавассути сайт арзиши хизматрасонии худ тарофаро нашр мекунанд.

Чуноне мебинем, сохтори идоракунии Агентии авиатсияи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле содда буда, то ҳадди имкон ихтисор карда шудааст. Барои муқоиса мо сохтори идоракунии ҷамъияти саҳомии “Хатсайрҳои Ӯзбекистон”-ро мегирем, ки вобаста ба имкониятҳои бузурги молиявиаш то хурдтарин ҷузъиёт ё самтро, аз хадамоти омодагии пеш аз парвоз сар карда, идораи лоиҳаҳои давраи гузариш, шуъбаи рушди забони давлатӣ ва баланд бардоштани самаранокии таҳсилот ба инобат гирифтааст (расми 2.4).




**Расми 2.13 Сохтори ташкилию идоракунии ширкати ҳавопаймоии ҶС "Хатсайрҳои Ӯзбекистон"**

**Сарчашма**: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти сомонаи расмии https://www.uzairways.com/ru

Ҷуноне аз расми боло бармеояд, сохтори ширкати ҳавопаймоии кишвари ҳамсоя бар пояи ҷамъияти саҳомӣ бунёд шуда, аз ин сохтор барои таҷдиду бознигарӣ кардани тарзи идоракунии комплекси авиатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст.

Дар зер мо сохтори идоракунии комплекси авиатсиониро ба таври алоҳида барои то соли 2001, дар соли 2001, дар соли 2005 ва дар соли 2006, яъне мутаносибан ба ҳар таҷдиди сохтор, ки дар боло зикраш рафт, ироа мекунем (расмҳои 2.14, 2.15, 2.16 ва 2.17).




**Расми 2.14. - Сохтори идоракунии комплекси авиатсионӣ то соли 2001.**

**Сарчашма**: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти Раёсати авиатсияи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон




**Расми 2.15. - Сохтори идоракунии комплекси авиатсионӣ дар соли 2001.**

**Сарчашма**: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти Раёсати авиатсияи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон




**Расми 2.16. - Сохтори идоракунии комплекси авиатсионӣ дар соли 2005.**

**Сарчашма**: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти Раёсати авиатсияи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон




**Расми 2.17. Сохтори идоракунии комплекси авиатсионӣ дар соли 2006.**

**Сарчашма**: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти Раёсати авиатсияи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моҳи декабри соли 2017 дигаргунисозӣ дар сохтори идоракунии авиатсияи гражданӣ гузаронида шуд. Дар сохтори нав Агентии авиатсияи гражданӣ дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Мувофиқи талаботи Ташкилоти байналмиллалии авиатсияи гражданӣ ва ҳам аз нуқтаи назари самаранокии идораи авиатсияи гражданӣ – механизми идоракунии авиатсияи гражданӣ дар асоси таҳлили таҷрибаҳои давлатҳои зерин: Белорусия, Россия, Қазоқистон, Озарбойҷон, Украина, Туркия мукаммал карда шуд. Таҳия ва

амалии ин сохтори нав аз ҷониби муаллиф пешниҳод шуда буд, ки дар нақшаи 5 нишон дода шудааст.




**Расми 2.18. Сохтори идоракунии комплекси авиатсионӣ дар соли 2017**

**Сарчашма**: таҳияи муаллиф

Барои иҷрои фаъолияти зуд ва босамар ҳамоҳангсозии байни авиакомпанияҳоро ташкил кардан лозим аст. Механизми ягонаи идоракуниро ташкил карда, дар он нархномаи муайяни хизматрасонии фурудгоҳ, сӯзишворӣ, хӯроки дохили ҳавопаймо ба китоби «AIP» ворид карда шавад, ки ин суръати кори авиакомпанияро вусъат медиҳад.




**Расми 2.19. - Сохтори идоракунии комплекси авиатсионӣ, ки аз ҷониби муаллиф пешниҳод шудааст.**

**Сарчашма**: таҳияи муаллиф

**Г. Рушди авиатсияи хурд.**

Таҳлилҳо нишон доданд, ки кишвари мо ба ворид кардани авиатсияи хурд эҳтиёҷ дорад. Дар хатсайрҳои дохилӣ ба марказҳои вилоятҳо ва ноҳияҳо ширкати миллӣ КВД «Тоҷик Эйр» ҳавопаймоҳҳои хурди тамғаҳои зеринро: АН-28, ЯК-40, АН-26, чархболҳои МТ-8, МТВ-172 то соли 2018 истифода мебурданд.

Дар кишвари мо, ки 93% фоизашашро кӯҳсор ташкил медиҳад, ҳангоми барои фуруду нишаст ҳавопаймоҳо ба монеаҳо дучор мешаванд. Ин душвориҳоро мо дар фурудгоҳи Хоруғ ва Фурудгоҳи байналмилалии Бохтар мушоҳида карда метавонем. Азбаски хати нишасти фурудгоҳи Хоруғ дар пастхамӣ ҷойгир шудааст, аксари вақт фурудгоҳ дар зери абрҳо монда, хати нишасти фурудгоҳ дида намешавад, ки ин барои нишасти ҳавопаймо мушкилӣ эчод менамояд. Фурудгоҳи байналмилалии Бохтар бошад, ҷойгиршавиаш дар канори дарёи Вахш буда, бинобар сабаби зиёд будани туман ҳавопаймоҳоро қабул намекунад. Аз ин лиҳоз, барои мувофиқ ба шароити кишвари мо дар хатсайрҳои дохилӣ ҳавопаймоҳои навъи ғарбии ATR 42 ва Embraer мувофиқи максад мебошад.

Пас аз коркарди захираҳо тавассути ҳавопаймо, танҳо чархболҳо мувофиқи дархост парвозҳои мувофиқро иҷро мекунанд. Ҳавопаймоҳои АН-2 барои хизматрасонӣ ба соҳаҳои кишоварзӣ истифода мешуданд, аммо дар айни замон ин ҳавопаймоҳо низ захираҳои худро кор карда баромадаанд, захираҳо тамом шудаанд.

Ба андешаи мо, авиатсияи хурд (дар ҳайати ташкилотҳои нави авиатсионӣ ё бо роҳи ба комплекси мавҷудаи нақлиёти ҳавоии ҷумхурӣ дохил шудан) метавонад ва бояд ба чунин соҳаҳои муҳимми рушди комплекси кишоварзии мамлакат хизмат кунад, аз қабили:

- кишоварзӣ.
- пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои офатҳои табиӣ.
- таъмини ёрии таъҷилии тиббӣ.
- дастгирии рушди сайёҳии экологии кӯҳӣ ва деҳот.

• таъмини назорати нақлиёт дар роҳҳои кишвар.

**Д. Иқтидори кадрии комплекси** авиатсионӣ.

Рушди комплекси нақлиёти ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар ба дараҷаи миқдори ва сифатии тайёр кардан, такмил ва истифодаи нерӯи кадрии ҳамаи унсурҳои ин низом вобаста аст.

Аҳамияти ин масъала аз он иборат аст, ки шароити табиӣ-иқлимӣ ва минтақавӣ-ҷуғрофии ҷумҳурӣ муносибати махсусро ба раванди тайёр кардани кадрҳои парвоз ва ҳам кадрҳои хизматрасониро талаб мекунад.

Илова бар ин, низоми ягонаи мутамаркази омодасозии коргарону мутахассисон, ки дар даврони Шӯравӣ вуҷуд дошт, ҳоло комилан хароб гардида, дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи татбиқи ҳадафу вазифаҳои стратегӣ ва барномавии ҷумҳурӣ — маҷбур аст, ки ба раванди тайёр кардани захираҳои кадрҳои низоми нақлиёти ҳавоии мамлакат равишҳои нави худро муайян ва татбиқ намояд.

Интихоби ин равишҳо на танҳо зарурати рушд ва нигоҳдории ҳамлу нақли байналмилалӣ дар сатҳи мувофиқи рақобат, балки ташаккули ҳатмии авиатсияи миёна (барои минтақаи Осиёи Марказӣ) ва хурд (барои ҷумҳурӣ – кишоварзӣ, тиббӣ, кӯҳӣ ва туристӣ) мебошад.

Дар байни вазифаҳои аввалиндараҷаи рушди низоми нақлиёти ҳавоии Тоҷикистон қайд кардан лозим аст: баланд бардоштани самаранокии метеорология, аэронавигатсия, таъминоти замин, ки ба талаботи ҳозираи рушди илму техника ҷавобгӯ нест.

Дар баробари ин набудани методологияи ягонаи омӯзиши назариявӣ боиси ҳал нашудани шумораи масъалаҳои баланд бардоштани самаранокии идоракунии кадрҳо дар низомии нақлиёти ҳавоии ҷумҳурӣ мегардад.

Ғайр аз ин, зарурати коркарди такмили тайёр кардани кадрҳои низоми комплекси авиатсионӣ бо роҳи таҳлилу ҷамъбасти мунтазами самтҳо ва вазифаҳои афзалиятноки рушди авиатсияи гражданӣ, масъалаҳои азнавсозии шабакаи ташкилотҳои таълимии соҳавӣ, муҳтавои омӯзиш дар асоси истифодаи моделҳои пешгӯӣ ва оптимизатсия, риояи талабот ба таъмини кадрҳо ва талабот

оид ба баланд бардоштани самаранокии равандҳои истифодаи комплекси авиатсионӣ мебошад.

Таҳлили мунтазами мушкилоти идоракунии тайёр кардани кадрҳои дорои маълумоти олӣ ва миёнаи касбӣ дар соҳаи нақлиёти ҳавоии ҷумҳурӣ имкон дод, ки робитаи навовариҳоро дар фаъолияти комплекси авиатсионӣ бо талаботи пешқадам барои марҳила ба марҳила омодасозии мутахассисон барои муассисаҳои комплекси авиатсионӣ дар асоси хусусиятҳои тайёр кардани кадрҳо дар соҳаи истифодаи комплекси авиатсионӣ вобаста ба самтҳои таҳсил, талаботи барномаҳои таълимӣ ва стандартҳои касбии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва маълумоти олӣ муайян кард.

Мушаххас аст, ки қадами аввалин дар ташаккули равишҳои нав дар ташаккули иқтидори кадрии соҳаи комплекси авиатсионӣ таҳия ва татбиқи сохтор ва мундариҷаи оптимизатсияи таҳсилоти давомдор мебошад, ки имконияти татбиқи ҷузъҳои инноватсионии таълим бо тартиби муқарраршуда зиёд мешавад ва аз усули намунавӣ барои такмил додани низоми таълим дар соҳаи истифодаи комплекси авиатсионӣ самаранок истифода баранд.

Механизми табдилдиҳӣ ба ташаккули чунин маҷмуи унсурҳои низоми омодасозии кадрҳо нигаронида шудааст, ки хосиятҳои маҷмуи дигарро, ки ҳуҷҷатҳои меъёрӣ муайян кардаанд, беҳтар инъикос кунанд.

Сохтори умумии моделҳои оптималӣ, ки механизмҳои баррасишавандаро инъикос мекунанд, ба ҷанбаи дигари татбиқи принсипи дутарафа бо роҳи ба ду гурӯҳ тақсим кардани нишондиҳандаҳои самаранокии низоми тарбияи кадрҳо, ки ба талаботи шадид ва сарҳадӣ ҷавобгӯ мебошанд, алоқаманд аст.

Ҷанбаи навбатӣ бо ду механизми ташкили раванди моделсозии оптимизатсия алоқаманд аст: тасодуфӣ ва ҳамворкунӣ.

Самти дуюм ба ташкили бонки моделҳои фаъолияти касбӣ, аз як тараф, ба тавсифи вазифаҳои меҳнатӣ дар стандартҳои касбӣ алоқаманд, аз тарафи дигар, дар шакли расмӣ инъикоси ҷузъҳои захираҳои таълимӣ, ки ба ҳангоми интихоби салоҳиятҳои муайяни кадрҳо дар соҳаи истифодаи комплекси авиатсионӣ мебошад.

Моделҳои самтҳои якум ва дуюмро бо усулҳои гуногун амалӣ кардан мумкин аст, ки принсипи дугонагии равиши моделиро бо хусусияти усулҳои гуногун пурра мекунад. Гуногунии усулҳои татбиқи моделҳо зарурати таҳлили муқоисавии натиҷаҳои ҳалли масъаларо талаб мекунад.

Механизми дуюм ташаккули экспертию омории моделҳои пешгӯӣ ва арзёбӣ мебошад. Ҳангоми асосноккунии принсипи якум, истифодаи иттилооти оморӣ (ретроспективӣ) барои сохтани моделҳои пешгӯӣ нишон дода мешавад. Шакли асосии маълумоти оморӣ, ки тағйироти низоми тайёркунии кадрҳоро муайян мекунад, силсилаи вақтии нишондиҳандаҳои ҳаҷми талаботи бозори меҳнат ба мутахассисони дорои маълумоти олӣ ва хатми мактабҳои олӣ мебошад.

Барои сохтани модели пешгӯӣ истифода бурдани як қатор усулҳои коркарди силсилаи вақт пешниҳод карда мешавад, ки барои низомҳои техникӣ хосанд.

Пас аз ба даст овардани натиҷаҳои пешгӯӣ бо истифода аз ҳар яке аз ин усулҳо, бояд натиҷаеро интихоб кард, ки аз нуқтаи назари коршиносон, тамоюли тағйирёбии нишондиҳандаҳои ҳаҷмӣ дар низоми омодасозии корхонаҳои авиатсионии нақлиёти ҳавоиро боэътимод инъикос намояд.

Дар ин ҳолат, дар асоси маълумоти коршиносон модели арзёбӣ сохта мешавад ва усуле интихоб карда мешавад, ки барои ин модел афзалияти баландтарин дорад.

Сохторҳои нав музди мехнатро зиёд карда, штатро аз ҳисоби зиёд кардани ҷадвали штатӣ васеъ карданд. Ҳамасола идораи авиатсияи гражданӣ курсҳои такмили ихтисосро дар соҳаи авиатсияи гражданӣ ташкил мекунад, ки дар худ: курси бехатарии авиатсия ва курси бехатарии парвоз барои кормандонро дар бар мегирад.

Бинобар ин тахмин кардан мумкин аст, ки барои ҳалли қарорҳои комплекс чорабиниҳое зарур мебошанд, ки инҳоянд:

- Гузаронидани таҳлили мунтазами мушкилоти идоракунии омодасозии кадрҳо барои ширкатҳои ҳавопаймоӣ ва роҳҳои баланд бардоштани самаранокии таъминоти кадрӣ дар бахши истифодабарии комплекси авиатсионӣ.
- Ташаккули асосҳои консептуалии методологияи пешгӯии моделӣ ва оптимизатсияи низоми омодасозии кадрҳо.
- Модели пешгӯии силсилаи вақтҳои нишондиҳандаҳои самаранокии рушди комплекси авиатсионӣ, бо кадрҳои соҳаи саноат ва дар асоси онҳо – банақшагирии дарозмуддати талаботи корхонаҳои авиатсионӣ ба мутахассисони авиатсионии дорои маълумоти олӣ ва миёнаи касбӣ бо назардошти низомҳои иттилоотии ҷуғрофии иттилооти ба GIS нигаронидашуда.
- Таҳияи ҷузъҳои намунавии фаъолияти касбӣ дар соҳаи идоракунии корхонаҳои комплекси авиатсионӣ бо мақсади табдили оптималии онҳо ба ҷузъҳои мақсадноки барномаҳои таълимӣ.
- Оптимизатсия дар асоси равиши намунавии захираҳои таълимӣ барои пур кардани низомҳои инфрасохтори фурудгоҳҳо.
- Таҳияи ҷузъҳо ва роҳҳои ҳалли инноватсионии азнавсозии низоми маорифи соҳавӣ ва арзёбии самаранокии равиши намунавӣ.

**Хулосаи зербоби 2.3.**

1. Вобастагӣ аз омилҳои беруна, ки ба таъмини эҳтиёҷоти ҷумҳурӣ на танҳо бо равғанҳои молиданӣ ва қисмҳои эҳтиётии тамоми унсурҳои техникии низоми комплекси авиатсионӣ, балки бо захираҳои кадрии ин низом таъсир мерасонад. Бинобар ин, зарурати такмили низоми барномавии мақсадноки рушди комплексии нақлиёти ҳавоии кишвар бо дохил намудани фасли «Такмили нерӯи кадрҳо» зарур мебошад.

2. Сармоягузорӣ ба пайвасти мултимодалӣ барои пайваст кардани фурудгоҳҳо ба шаҳрҳои ҳамсоя ҷанбаи бунёдии беҳбуди қобилияти комплекси авиатсионӣ мебошад. Сармоягузорӣ ба нақлиёти босифати ҷамъиятӣ - автобуси босуръати транзити (АБТ) ва роҳи оҳан метавонад ҳаракати меҳмонон ва ҷамъиятро осон кунад. Модернизатсияи таҷҳизоти аэронавигатсионӣ барои

баланд бардоштани эътимод ба реҷаҳои бехатарӣ ва инчунин самаранокии амалиёт муҳим аст. Дар робита бар ин, барои ҳамоҳангсозии нақшаҳои аэронавигатсияи онҳо бо назардошти талаботи мушаххаси шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ - истифодабарандагони НТА-и ҷумҳурӣ дастгирии IATA ва Созмони байналмилалии авиатсияи гражданӣ (ICAO) зарур аст. Осонсозии ҳаракат яке аз равандҳои асосии омадан ва рафтан аст, ки самаранокии фурудгоҳро беҳтар мекунад ва дар ниҳоят ба қаноатмандии мусофирон ва интиқолдиҳанда таъсир мерасонад.

# БОБИ 3.
# САМТҲОИ АСОСИИ ТАКМИЛИ НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ КОМПЛЕКСИ АВИАТСИОНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 3.1. Тағйирёбии сохтори идоракунии комплекси авиатсионӣ дар шароити муосир

Дар бобҳои аввали диссертатсия ҷанбаҳои назариявии идоракунии комплекси авиатсионӣ арзёбии саҳеҳи механизми идоракуниро имконпазир намуда, мушкилоти бехатарии парвоз, ҳолати техникии парки мошинҳои мавҷуда ва низоми институтсионалии идоракунии комплекси авиатсионӣ арзёбӣ карда шуда, мавқеи ширкатҳои ватании авиатсионӣ муайян гардид. Чунин тадқиқ барои муайян намудани самтҳои асосии такмили низоми идоракунии компекси авиатсионӣ, аз ҷумла, роҳҳои таҷдиди сохтории комплекси авиатсионӣ замина гузоштааст.

Шароити муосири бозор, ки ба фаъолияти ширкатҳои ҳавопаймоӣ таъсири назаррас доранд, ба омилҳои асосии зерин тавсиф мешаванд:

- либерализатсияи бозори ҷаҳонии комплекси авиатсионӣ, таъсис ва рушди иттиҳодияҳои ширкатҳои ҳавопаймоӣ;
- тағйир додани афзалиятҳои мусофирон, ки нисбат ба сифати хизматрасонӣ талаботи барзиёд мегузоранд;
- тақвияти мавқеи ширкатҳои ҳавопаймоии камхарҷ;
- тамоюли муттаҳидшавӣ ва байналмиллалии шарикони ширкатҳои ҳавопаймоӣ (масалан, ширкатҳои сайёҳӣ);
- рушди технологияҳои нав дар бизнеси авиатсионӣ (аз ҷумла тиҷорати электронӣ).

Шароити бавуҷудомада ба афзоиши рақобат байни ширкатҳои ватанӣ ва хориҷӣ, ки дар бозори Тоҷикистон ҳарчи бештар озодона фаъолият мекунанд мусоидат мекунад. Дар робита ба ин, барои ҳар як ширкати ҳавопаймоӣ масъалаи мониторинги доимии кор дар муқоиса бо ширкатҳои дигар муҳим аст.

Дар раванди танзими миллӣ ду масъалаи асосӣ (ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои шахсони ҳуқуқӣ, ки ба танзим масъуланд ва ҷойгоҳи мақомоти танзимкунандаи

авиатсияи гражданӣ дар инфрасохтори кишвар) ба миён меоянд, ки барои аксари кишварҳое, ки дар онҳо низоми авиатсияи гражданӣ мавҷуд аст, хос мебошад.

Тибқи ҳуҷҷатҳои ИКАО, шахсони ҳуқуқие, ки барои танзим масъуланд, бояд аз ташкилотҳои давлатӣ, ки ба натиҷаҳои фаъолияти танзим манфиатдор мебошанд, иттилооти мавриди таваҷҷуҳи онҳоро гиранд ва ҳатто баъзан метавонанд амалҳои мушаххасро назорат ё муайян кунанд. Ташкилотҳои давлатии ғайриҳавоӣ, тарзи танзими авиатсияи гражданӣ, шахсони ҳуқуқии манфиатдори ғайридавлатие, ки метавонанд ба қабули қарорҳои марбут ба раванди танзим таъсир расонанд.

Ба ташкилотҳои ғайриҳавоӣ гумрук, хадамоти муҳоҷират, тандурустӣ, андоз, молия, назорати асъор, муҳити зист, кумитаи зиддиинҳисорӣ ва ғайра дохил мешаванд.

Албатта, ҳар яке аз ин тарафҳо манфиатҳои худро доранд ва ба қарорҳои марбут ба раванди танзими авиатсияи гражданӣ диққати махсус медиҳанд. Ба ин ҷараён сиёсати умумии ҳам худи давлат ва ҳам дигар давлатҳо низ таъсир мерасонад. Шахсони ҳуқуқие, ки авиатсияи гражданиро ба танзим медароранд, бояд бо ташкилотҳои номбаршуда роҳи ҳалли созиш пайдо кунанд, зеро саҳми тарафҳо дар раванди танзим аксар вақт баҳсбарангез аст.

Ба ташкилотҳои давлатӣ, масалан, вазоратҳои корҳои хориҷӣ, сохторҳои сайёҳӣ, савдо, нақлиёт ва коммуникатсия дохил мешаванд. Ҳангоми кор бо ташкилотҳои давлатӣ, тибқи тавсияи созмонҳои байналмилалии танзимкунанда, аз ҷумла Дастурамал оид ба танзими нақлиёти байналмилалии ҳавоии ИКАО, вазифаҳои асосии танзимкунандаи ин ташкилотҳоро бо вазифаҳои танзими авиатсияи гражданӣ, ҳангоми муайян кардани афзалият ба ҳадафҳои сиёсати хориҷӣ, туризм, масъалаҳои рушди миллӣ, тиҷорат ва манфиатҳои тиҷоратӣ ва ҳама гуна талабот оид ба ҳамоҳангсозии расмӣ ё ғайрирасмии байниҳукуматӣ ба инобат гирифта мешавад.[53]

Роҳбарони ширкатҳои ҳавопаймоӣ аксар вақт дар бораи чӣ гуна чен кардани самаранокӣ ва имконияти ченак доштани он тасаввурот надоранд.

[53] Руководство по регулированию международного воздушного транспорта ИКАО . – Doc. 9626. Международная организация гражданской авиации. — 1996. — С.12.

Мушкилоти аввалине, ки метавонад ба миён ояд, интихоби ширкатҳои ҳавопаймоӣ барои таҳқиқот мебошанд ва дар натиҷа ин як вазифаи душвор аст, масалан, барои арзёбии як ширкати ҳавопаймоӣ кадом андоза бояд истифода шавад. Ба сифати чунин ченак шумораи мусофирони кашонидашуда, ҳаҷми ҳаракати иҷрошуда (ба ҳисоби мусофир-километр, нишаст-километр, тонна-километр), шумораи ҳавопаймоҳҳо, соатҳои парвоз ва ғайраро ба ҳисоб гирифтан мумкин аст. Ва ҳатто дар ин маврид ҳам, ширкатҳои ҳавопаймоӣ аз як дигар фарқ мекунанд.

Варианти оптималӣ ҳангоми муқоисаи ширкатҳои ҳавопаймоӣ дар сохтори комплекси авиатсионии ҷумҳурӣ ин таҳлили нишондиҳандаҳои асосии иқтисодӣ мебошад. Аммо гузаронидани чунин муқоисаҳои комплексӣ мушкилот доранд, ки яке аз онҳо ин мушкилоти дастрасӣ ба иттилоот мебошад. Ба ғайр аз ин сохтори даромад ва хароҷоти қомпанияҳо гуногунанд.

Ширкатҳои ҳавопаймоие, ки ҳавопаймоҳҳои бузургро истифода мебаранд, аз ширкатҳое, ки хатсайрҳои хурди камхарҷро хидмат менамоянд бо хатсайрҳои дарозмуддат, хароҷотҳои истифодабарӣ, пардохтҳои сӯзишворӣ, хароҷотҳои тайёрии ҳавопаймо ба парвоз, хароҷотҳо барои аэронавигатсия ва ғайра фарқ мекунанд.

Ҳамон тавре ки хароҷоти воҳид (як километр) аз дарозии хатсайр вобаста аст, даромади воҳид (як километр) баробари кам шудани дарозии хатсайр зиёд мешавад. То пайдошавии дар бозори аврупои ширкатҳои ҳавопаймоии камхарҷ ин вобастагӣ вуҷуд дошт: даромади миёна ба 1 мкм дар рейсҳои хатсайрҳои кутоҳи аврупоӣ камтар буд нисбат ба хатсайрҳое, ки ба Аврупо, Амрико ва Осиёи Шарқ парвоз мекунанд.

Тафовути сахти сохтори хароҷот ва даромад боиси чунин хулоса мегардад, ки ҳангоми гузаронидани таҳлили муқоисавии ширкати ҳавопаймоӣ бо дигарон истифода бурдани нишондиҳандаҳои иқтисодӣ бесамар аст.

Омили боз ҳам муҳимтаре, ки истифодаи нишондиҳандаҳои иқтисодиро мушкил мекунад, ин фарқиятҳои амиқ дар стратегия мебошад. Ширкатҳои ҳавопаймоӣ дар муносибат бо ширкатҳои дигари ҳавопаймоӣ ва провайдерҳои

хидматрасонӣ стратегияҳои гуногун доранд. Баъзе ширкатҳои ҳавопаймоӣ қисми зиёди амалиётҳои техникии нигоҳдории ҳавопаймоҳои худро бо қувваи худ анҷом медиҳанд, ҳол он ки дигарон ба шахсони сеюм муроҷиат мекунанд. Интиқолдиҳандагон, ки аксари корҳои нигоҳдории техникиашонро худашон анҷом медиҳанд, аксар вақт созишномаҳои шартномавӣ барои иҷрои корҳои нигоҳдории техникӣ барои дигар ширкатҳои ҳавопаймоӣ доранд, ки маблағи назаррасро ба даст меоранд (ва хароҷоти назаррасро ба уҳда мегиранд).

Ба ҳамин монанд, як қатор ширкатҳои пешрафтаи ҳавопаймоӣ шуъбаҳои хеле пурқувват доранд, ки омодагии ҳавопаймоҳоро ба парвоз (пуркунии сӯзишворӣ, бор кардани бағоҷ ва мусофирон) таъмин мекунанд. Қисми зиёди ин хидматрасониҳо метавонанд ба ширкатҳои ҳавопаймоии дигар пешниҳод карда шаванд.

Дар натиҷа, даромад ва хароҷоти ширкатҳои ҳавопаймоӣ, ки барои ширкатҳои ҳавопаймоии дигар фаъолият мекунанд, муқоиса кардани он бо нишондиҳандаҳои иқтисодии ширкатҳои ҳавопаймоӣ душвор аст, ки сиёсати истифодаи максималии хидматрасониҳои корхонаҳои махсусро пеш мебаранд.

Бо дарназардошти он, ки сохтори даромад ва хароҷот дар ширкатҳои ҳавопаймоӣ дар аксари мавридҳо нишондиҳандаҳои молиявӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд, дар ин маврид нишондиҳандаҳое бояд ба инобат гирифта шаванд, ки натиҷаҳои фаъолияти асосии истеҳсолиро инъикос мекунанд. Аммо беҳтар шудани арзиши чунин нишондиҳандаҳо ба вазъи умумии молиявии ширкат таъсири назаррас мерасонад.

**Коэффитсиэнти бори ҳавопаймо.** Қарорҳое, ки дар низоми нишаст истифода мешаванд, метавонанд ба шумораи чиптаҳои фурӯхташуда таъсири назаррас расонанд. Ба ибораи дигар, ширкатҳои ҳавопаймоӣ талаботи хидматҳои пешниҳодкардаашонро метавонанд идора карда дар баробари ин, иқтидори интиқоли мавҷудбударо низ фарқ кунанд. Дар робита ба ин, нишондиҳандаҳои омилҳои боркунии ҳавопаймоҳо аз ҷониби мусофирон ва борҳо нишондиҳандаи воқеии самаранокии равандҳои мувозинати талабот ва пешниҳоди нақлиётро таъмин мекунанд.

Албатта, коэффитсиэнти барзиёди сарборӣ, худ аз худ кафолати некуаҳволии молиявӣ нестанд, хусусан, агар онҳо тавассути коҳиши назарраси тарифҳои боркашонӣ ба даст оварда шуда бошанд. Бо вуҷуди ин, барои таъмини истифодаи самараноки иқтидор, сиёсати дурусти идоракунии захираҳои курсӣ бо низоми нархномаи самаранок зарур аст.

Идоракунии захираҳо, чун қоида, дар як ё якчанд низомҳои инвертер ҷойгир кардани маълумот дар бораи парвози мушаххас, шумораи ҷойҳои фурӯхташуда, чиптаҳо дар хатсайри додашуда ва қоидаҳои татбиқи онҳо, таъсиси банди курсиҳо барои ҳар як нархнома, қоидаҳои аз блок ба блокҳо гузарондани ҷойҳо, муайян кардани сатҳи фурӯш ва амиқи брон, имконияти ба навбат гузоштани мусофир, тартиби коркарди навбат ва ғайра фаҳмида мешавад. Дар айни замон, идоракунии самараноки захираҳои курсӣ дорои захираҳои назарраси баланд бардоштани даромаднокӣ мебошад, ки ин ҷанба аксар вақт дар ташкили фаъолияти тиҷоратии ширкатҳои ҳавопаймоии ватанӣ камтар инкишоф ёфтааст. Илова бар ин, идоракунии салоҳиятноки захираҳо бо ҷорӣ ва истифодаи маҳсулоти муосири технологӣ, барномаҳои математикии амалӣ, ки низоми ягонаи идоракуниро ташкил медиҳанд, алоқаманд аст. Низомҳои идоракунии даромади парвозҳо (НИД) дар таҷрибаи ширкатҳои ҳавопаймоии хориҷӣ воситаи асосии оптимизатсияи сарборӣ ва афзоиши даромад дар низоми фурӯши комплекси авиатсионӣ гардиданд, ки на танҳо ба тағйир додани технологияи ташаккули бор, балки ба худи идеологияи парвозҳо оварда расонид.

Одатан, НИД як барномаи компютерӣ мебошад, ки парвозҳоро дар гузаргоҳҳои муайян пеш аз парвоз ва пас аз парвоз коркард мекунад.

